Донишкадаи иқтисод ва савдои
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
дар шаҳри Хуҷанд

# БОЗОР ва МУАММОИ ОН








**Қисми якум**







Донишкадаи иқтисод ва савдои
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
дар шаҳри Хуҷанд

# БОЗОР ВА МУАММОИ ОН

**Маҷмӯаи мақолаҳо ва маърӯзаҳои олимону устодони ДИС ДДТТ дар конфронси илмию амалии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди бозори молҳои истеъмолии халқ дар Тоҷикистон» бахшида ба 20-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ҚИСМИ ЯКУМ

**12**

Хуҷанд, 2011

ББК - 65.9 (2Т)
Б - 78

Бо карори Шӯрои олимони ДИС ДДТТ
ба чоп тавсия шудааст

Мухаррири масъул
*Абдулмаҷиди БОБОҶОНИЁН,*
*мудири шуъбаи интишорот,*
*узви ИЖТ*

Мушовирон: *профессор УСМОНОВ И. У.,*
*дотсент БОБОЕВ С. С.*

**Дар ин китоб, ки аз ду қисм иборат аст, мақолаҳо ва маърӯзаҳои олимону устодони ДИС ДДТТ дар конфронси 12-уми илмию амалии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди бозори молҳои истеъмолии халқ дар Тоҷикистон» бахшида ба 20-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон (18–21 апрели соли 2011) фароҳам омадаанд**

© ДИС ДДТТ, 2011,
қисми якум – 336 саҳ.

Маърўзаҳои умумӣ

**Аминов, И. А.,**
**н.и.и., дотсент**
**Каримов F. Ю.,**
**н.и.и., дотсент**

# РУШДИ ИҚТИСОДИЁТ, ИҶТИМОИЁТ, СОҲИБКОРӢ ДАР ҶТ: ВАЗЪИ ИМРЎЗА ВА ПРОБЛЕМАҲОИ ҲАЛТАЛАБ

Аз суханронии ҷамъбастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси васеи Ҳукумати Тоҷикистон доир ба натиҷаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар дар соли 2010 ва вазифаҳо барои соли 2011 бармеояд, ки ***«... бо вуҷуди идома ёфтани таъсири манфии бўҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ ва офатҳои табиӣ дар шаҳру ноҳияҳои гуногуни мамлакат ба амаломада, рушди иқтисоди миллӣ дар маҷмўъ таъмин карда шуд... Дар соли 2010-ум афзоиши воқеии маҷмўи маҳсулоти дохилии кишвар ба андозаи 6,5 фоиз ё дар ҳаҷми беш аз 24,7 миллиард сомонӣ таъмин гардид. Маҷмўи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ нисбат ба соли 2009-ум 18 фоиз ва музди миёнаи воқеӣ қариб 17 фоиз зиёд шуд».***

Дар асоси рақамҳо ва маълумоти омории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисобу китоби муаллифон динамикаи (тағйирёбии) нишондиҳандаҳои натиҷавии рушди иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Суғд дар солҳои 2000–2010 таҳлил карда шуданд ***(нигаред ба саҳ. 5 ва 6).***

Барои он ки маҳсулоти умумии дохилӣ (МУД) нишондиҳандаи натиҷавии фаъолияти иқтисодии миллӣ ва иқтидори иқтисодиро дар миқёси макроиқтисодиёт ифода менамояд, дар асоси динамика суръати рушди воқеии МУД ва ҳаҷми мутобиқи МУД ба ҳар сари аҳолӣ муайян карда мешавад.

Маҳсулоти умуми дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2000–2010 афзоиши суръати воқеии миёнаи солонаро босубот зиёда аз 8 фоиз ташкил карда, ҳаҷми воқеии вай нисбати соли 2000-ум 2,2 маротиба афзудааст. Аз рўи маълумоти ҳисоботӣ ва натиҷаҳои иҷтимоию иқтисодӣ бармеояд, ки барои солҳои оянда суръати миёнаи солонаи рушди МУД аз 8 фоиз зиёд мешавад.Чунин суръат ба он асос карда мешавад, ки солҳои 2011–2015 дар Ҷумҳурӣ дараҷаи мустақилияти энергетикӣ ва имкониятҳои тиҷорат афзун мегардад.Ин имкон медиҳад, ки ҳаҷми воқеии МУД-и соли 2015-ум нисбат ба соли 2010-ум 1,5 маротиба афзояд.

Инчунин, аз ҷадвал мушоҳида мешавад, ки индекси (дефолятор) МУД,

нархҳои маҳсулот ва хидматрасониҳо, ки МУД-ро ташаккул медиҳанд, солҳои 2009–2010-ум нисбати солҳои пешина босубот шудаанд.

Истеҳсоли МУД ба ҳар сари аҳолӣ соли 2010-ум ба 3250 сомонӣ расидааст, ё бо доллари ИМА қариб 740 доллар аст, ки рушди миёнасолонаи вай зиёда аз 5 фоизро ташкил медиҳад.

Соли 2010 даромади буҷети давлат 6,5 млрд сомониро ташкил намуд, ки ин 26,4 фоизи маҳсулоти умумии дохилӣ мебошад.

Суръати рушди миёнасолонаи буҷети давлат солҳои 2000–2010 қариб 14 фоизро ташкил кард. Агар солҳои 2010–2015 чунин суръати солона таъмин карда шавад, буҷети давлат соли 2015-ум нисбат ба соли 2010-ум 2,5 маротиба меафзояд.

Аз рӯи нишондиҳандаҳои муайяншуда дар Ҷумҳурӣ пешрафти устувори рушди иқтисодиву иҷтимоӣ асос гирифтааст, ки суръати афзоиши он боз барои зиёдтар шудан имкон дорад. Ба ин сол аз сол бештар ба иқтисодиёт ҷалб кардани имкониятҳои иқтидории захираҳои энергетикӣ ва боигариҳои табиии Ҷумҳурии Тоҷикистон мадад менамоянд. Рушди бевосита дар мадди назари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки вазифаҳои минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди иҷтимоиву иқтисодӣ барои соли 2011 ва дурнамои он дар суханронии сардори Ҳукумат дар маҷлиси васеи Ҳукумати Тоҷикистон аз 18 январи соли 2011-ум муайян карда шудааст.

Соли 2010 дар Ҷумҳурӣ ба маблағи 8 млрд сомонӣ маҳсулоти саноат истеҳсол шудааст, ки нисбат ба ҳамин даври соли 2009-ум афзоиши воқеии солона 9,7 фоиз мебошад. Бо вуҷуди ин, соҳаи саноат иқтидори мавҷударо пурра истифода накардааст. Аз 231 корхонаи саноат 74 корхона умуман фаъолият накардаанд, ки ин дар натиҷаи норасоии воситаҳои гардон ва дастрасии маҳдуди қарзҳои имтиёзнок ба вуҷуд омадааст.

Аз ин рӯ, тадқиқоти илмии олимони донишкада бояд чунин вазъиятро таҳлил карда, сабабҳои онро ошкор намуда, оиди бартараф намудани монеъгиҳо тадбирҳо пешниҳод намоянд. Барои ин бояд шӯъбаи илм, таҷрибаомӯзии истеҳсоли, кафедраҳо бо вазоратҳову идораҳои дахлдор доир ба ҳалли проблемаҳои рушди иқтисодӣ машғул шуда, бевосита бо корхонаҳо муносибатҳои илмӣ-тадқиқотӣ ташкил карда, дар асоси шартнома ба иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ шурӯъ намоянд.

Дар Ҷумҳурӣ молҳои истеъмолӣ соли 2010-ум ба маблағи 2017,2 млн сомонӣ истеҳсол шудаанд, ки ин суръати воқеии солонаро нисбати соли 2009-ум 119 фоиз ташкил намудааст. Агар афзоиши миёнасолонаи истеҳсоли маҳсулоти саноат ва кишоварзӣ солҳои 2000–2010-ум мувофиқан 6,7 фоиз ва 7,7 фоиз бошад, афзоиши солонаи истеҳсоли молҳои истеъмолӣ 12,3 фоизро ташкил кардааст.

Ин нишон медиҳад, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурӣ ба истеҳсоли молҳои истеъмолӣ аҳамияти хоса дода мешавад.

Ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ соли 2010-ум дар ҳамаи категорияҳои хоҷагии Ҷумҳурӣ ба маблағи 9,4 млрд сомонӣ истеҳсол карда шудааст, ки нисбат ба соли 2009-ум бо нархҳои муқоисавӣ афзоиши воқеии он 6,8 фоизро таш-

# НИШОНДИҲАНДАҲОИ АСОСИИ РУШДИ ИҚТИСОДИВУ ИҶТИМОИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
## дар солҳои 2000-2010




МАЪЛУМОТИ УМУМӢ



# НИШОНДИҲАНДАҲОИ АСОСИИ РУШДИ ИҚТИСОДИВУ ИҶТИМОИИ ВИЛОЯТИ СУҒД

## дар солҳои 2000-2010




[illegible]

| № | Нишондиҳандаҳо / Солҳо | 2000 | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | [illegible] |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] |
| 2 | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] |
| 3 | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] |
| 4 | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] |
| 5 | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] |
| 6 | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] |
| 7 | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] |
| 8 | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] |
| 9 | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] |
| 10 | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] |
| 11 | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] |
| 12 | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] |



Ҷадвал, диаграммаҳо ва графикҳо дар асоси маҷмуаҳои омори вилояти Суғд ва Ҷумҳурии Тоҷикистон: Омори солонаи вилояти Суғд дар соли 2010 - Хуҷанд 2011; Вазъи иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд январ-декабри 2010; Дар бораи вазъи тараққиёти иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд дар соли 2010, ахбори сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, "Ҳақиқати Суғд" №8 аз 18.01.211; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (нашри расмӣ), Душанбе - 2010; Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2010 (маълумоти фаврӣ), Душанбе - 2011, саҳ. 5-101 ва ҳисобу таҳлилҳои олимон-иқтисодчиёни Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ тартиб дода шудааст.

кил мекунад.

Рушди воқеии миёнасолонаи солҳои 2000–2010-ум 7,7 фоизро ташкил кардааст ва соли 2010 нисбати соли 2000 ҳаҷми воқеии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 2,1 маротиба афзудааст. Аз ҷадвал дида мешавад, ки дар соҳаҳои рустанипарварӣ ва чорвопарварӣ низ суръати воқеии афзоишёбии солонаи босабот ҷараён дорад.

Солҳои охир ба коркарди маҳсулоти кишоварзӣ аҳамияти хоса дода мешавад. Фақат дар се соли охир 50 корхонаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ сохта, ба истифода дода шуд. Аз он ҷумла истеҳсоли зарфҳои пластикӣ, боркутиҳои маҳсулоти гуногуни истехсоли ватанӣ, хатҳои нави технологияи истеҳсоли шарбати меваю сабзавот васл карда, ба фаъолияти истеҳсолӣ шурӯъ намуданд, инчунин хатҳои технологияи хушк кардани меваю сабзавот ва коргоҳҳои коркарди онҳо ба роҳ монда шудааст.

Соли 2010-ум бо ҳамаи намудҳои нақлиёт нисбати соли 2009-ум ба ҳаҷми 6,7 фоиз зиёд бор кашонида шудааст, ки ин нисбати соли 2000-ум 2,2 маротиба зиёд мебошад. Инчунин, дар ҳамин давр бо ҳамаи нақлиёти мусофирбар соли 2010-ум нисбати соли гузашта 1,5 маротиба зиёд мусофир кашонида, нисбати соли 2000-ум 3,5 маротиба зиёд шудааст.

Соли 2010-ум ташкилотҳои савдои ҳамаи шаклҳои моликият ва ашхоси воқеӣ ба аҳолии Ҷумҳурӣ ба маблағи 6,4 млрд сомонӣ мол фурӯхтанд, ки нисбати соли 2009-ум 10,2 фоиз зиёд мебошад.

Ҳаҷми умумии гардиши мол дар савдои чакана ба ҳисоби миёна ба як нафар сокини Ҷумҳурӣ ба 850 сомонӣ рост омадааст.

Ҳаҷми гардиши моли чакана соли 2010 нисбат ба соли 2000 (бо нархҳои муқоисавӣ) 3,2 маротиба афзудааст. Ҳаҷми гардиши моли чакана дар савдои кооперативии Тоҷикматлубот 120,1 млн сомониро ташкил кардааст, ки ин нисбати гузашта 13 фоиз зиёд мебошад. Хаҷми хидматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ ба андозаи 5,7 млрд сомонӣ иҷро шудааст, ки нисбати соли гузашта (бо нархҳои муқоисавӣ) 13,1 фоиз афзоиш ёфтааст ва нисбати соли 2000 бошад, бо нархҳои муқоисавӣ 4 маротиба афзудааст.

Савдои хориҷӣ соли 2010 нисбати соли 2009-ум 7,6 фоиз афзуда, 3853,1 млн доллари ИМА-ро ташкил карда бошад ҳам, нисбати солҳои 2007 ва 2008 кам мебошад.

Коҳиш ёфтани гардиши савдои хориҷӣ асосан дар натиҷаи таъсири манфии бӯҳрони молиявии моҳи апрели соли 2009 ба амал омадааст. Бо вуҷуди ин, ҳиссаи содирот ва воридоти мол бо мамлакатҳои Русия, Чин, Қазоқистон, Туркия ва Эрон зиёд шуда истодааст.

Дар ҷадвал, инчунин, афзоишёбии сармоягузорӣ, ба кор андохтани захираҳои асосӣ ва ба истифода додани масоҳати умумии хонаҳои истиқоматӣ нишон дода шудааст, ки афзоишёбии миёнасолонаи онҳо 10–15 фоизро ташкил медиҳад.

Захираҳои асосӣ соли 2010-ум нисбати соли 2000-ум қариб 2,5 маротиба афзудаанд. Ба истифода додани масоҳати хонаҳои истиқоматӣ 4 маротиба зиёд гардидааст.

Дар иқтисодиёти мамлакатҳои тараққиёфта ва тараққикардаистода барои

таъмини рушди муносибатҳои бозор соҳибкории инфиродӣ ва сохторҳои соҳибкории хурд нақши муҳим мебозанд.

Тавре аз Паёми Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ***«... сиёсати давлати мо дар соҳаи иқтисод бояд дастгирии ҳаматарафаи ташаббуси шахсӣ ва соҳибкориро дар мадди аввал гузорад.***

***Дар ин самт вазифаи аввалиндараҷа аз байн бардоштани монеаҳои маъмурии сунъӣ ва таъмини шаффофияти оммафаҳмии меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад... Вобаста ба ин, пешниҳод мегардад, ки бо мақсади таъмини рушди минбаъдаи соҳибкорӣ дар истеҳсолот бо назардошти ҷалб намудани техника ва технологияи муосир ва тадриҷан афзун намудани истеҳсоли маҳсулот дар дохили кишвар барои ҳама гуна тафтиши санҷиши фаъолияти соҳибкороне, ки корхонаҳои нави истеҳсоли молу маҳсулот таъсис медиҳанд, дар муддати се соли аввал мораторий (тамдид) эълон карда шавад».***

Дар ҳақиқат, дар фаъолияти соҳибкорӣ ва корхонаҳои хурду миёна бартариҳои хос мушоҳида мешаванд, монанди:

*– зуд ба муҳит ва шароити бозор мутобиқ шудан;*

*– озодии васеи фаъолият;*

*– ӯҳдабароёна ва сари вақт қабул кардани қарорҳои маъмурӣ ва таъмини иҷрои масъалаҳои фаъолияти соҳибкорӣ;*

*– имкониятҳои васеъ барои татбиқи қобилият ва ақидаҳои соҳибкорӣ;*

*– нисбатан бо хароҷоти камтар пеш бурдани фаъолият, алалхусус, хароҷот барои идоракунии фаъолият;*

*– мӯҳлати кӯтоҳи гардиши воситаҳои пул ва пардохти хароҷот;*

*– суръати баланди ба даст овардани фоида;*

*– нисбатан кам будани талабот ба сармояи ибтидоӣ;*

*– дараҷаи баланди мотиватсия, яъне далел овардан ва ба муваффақиятҳо соҳиб шудан;*

*– омӯзиши фаврӣ ва базътиборгирии талаботи бозор;*

*– яке аз манбаи воридгардонии маблағ ба буҷети давлат ва ғайра.*

Инчунин, барои соҳибкорӣ ва субъектҳои корхонаҳои хурд камбудиҳои муайян хос мебошанд, монанди: *сатҳи баланди хавфнокӣ; дараҷаи баланди ҳолати ноустуворӣ дар бозор ва вобастагӣ аз корхонаҳои калон; мамониат барои гирифтани қарзҳо; вобастагӣ ба тағйирёбии шароити хоҷагидорӣ* ва монанди инҳо.

Фаъолияти меҳнати инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои 90-уми асри гузашта ибтидо ва равнақ гирифтааст.

Шумораи шаҳрванде, ки бо фаъолияти меҳнати инфиродӣ шуғл меварзанд, сол аз сол зиёд мешавад.

Агар соли 1991 ин шумора 8,1 ҳазор нафарро ташкил дода бошад, соли 1995 ба 18,9 ҳазор нафар, соли 2000 ба 62,2 ҳазор нафар, соли 2005 ба 88,6 ҳазор нафар, соли 2009 ба 137,7 ҳазор нафар расидааст. Ин нишон медиҳад, ки дар давраи солҳои 1991–2009 ин шумора 17 маротиба афзудааст,

дар давраи солҳои 2000–2009 бошад, 2,21 маротиба ва дар давраи солҳои 2005–2009-ум 1,96 маротиба афзудааст *(6 – саҳ. 225; 4 – саҳ. 223).*

Таҳлили таркибии фаъолияти шаҳрвандони бо меҳнати инфиродӣ шуғлдошта нишон медиҳад, ки зиёда аз нисфи онҳо дар соҳаҳои савдо, хӯроки умумӣ ва хидматрасонии иҷтимоӣ фаъолият мебаранд. Аксари соҳибкорон дар соҳаи савдо шуғл меварзанд, аз сабаби он ки молҳо аз истеҳсолкунандагон бо нархҳои арзон харида мешаванд ва ин имкон медиҳад, ки хароҷот пӯшонида шавад, фоидаи зарур ба даст меоваранд.

Бино бар ин, тасодуфӣ нест, ки бо фаъолияти меҳнати инфиродӣ соли 2009 дар соҳаи савдо 75,18 ҳазор нафар шуғл варзидаанд, ки нисбати соли 2000-ум 1,57 маротиба (соли 2000-ум ҳамагӣ 77,9 ҳазор нафар буданд), нисбати соли 2005-ум 1,36 маротиба (соли 2005 ҳамагӣ 55,29 ҳазор нафар) зиёд мебошад.

Аммо, ҳиссаи соҳибкорон дар соҳаи савдо торафт кам шуда истодааст. Агар ҳиссаи шаҳрвандони бо фаъолияти меҳнати инфиродӣ шуғлдошта дар савдо соли 2000-ум 77%-ро ташкил карда бошад, соли 2005-ум 62,4% ва соли 2009-ум 54,6%-ро ташкил кардааст *(6 – саҳ. 225; 4 – саҳ. 223).*

Чунин пешравӣ ба шарофати чорабиниҳои давлат барои солҳои охир дар Ҷумҳурӣ татбиқ шуда, бо суръати баланд афзоишёбии дигар намудҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, сохтмон, нақлиёт, ҳам кашонидани борҳои таъиноти истеҳсолӣ ва ҳам мусофиркашонӣ ба миён омадааст.

Бо вуҷуди баланд будани суръати афзоиши шумораи аҳолии бо фаъолияти меҳнати инфиродӣ шуғлдошта ҳиссаи онҳо дар шумораи умумии аҳолии дорои қобилияти меҳнатии ҷумҳурӣ ҳоло хеле кам мебошад.

Маълумоти оморӣ шаҳодат медиҳад, ки соли 1991 ҳамагӣ 0,32%-и аҳолии қобилияти меҳнатидоштаи ҷумҳурӣ бо фаъолияти соҳибкории инфиродӣ машғул буд. Соли 2000-ум ин нишондиҳанда то 1,96% расид, соли 2005-ум 2,28% ва соли 2009-ум бошад, 3,11%-ро ташкил кардааст *(6:4).*

Аммо, маълумоти омории ҳисоботи оварда на ҳамаи шумораи шаҳрвандони бо фаъолияти меҳнати инфиродӣ шуғлдоштаро дарбар мегирад. Чунки на ҳамаи шаҳрвандони машғули фаъолияти меҳнатии инфиродӣ сари вақт литсензия (иҷозатнома), патент ва шаҳодатнома гирифтаанд. Чунин ҳолатҳо, хусусан, дар амалиёти шахсоне, ки дар бозори молҳои истеъмолӣ, таъмири пойафзол ва дӯзандагӣ, сохтмону таъмири манзилҳои истиқоматӣ бо фаъолияти инфиродӣ машғуланд, мушоҳида карда мешавад.

Аз маълумоти оварда хулоса бароварда мешавад, ки соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мадади давлат эҳтиёҷ дорад, то ки барои фаъолияти соҳибкорӣ муҳити мусоид таъмин карда, бузургии нишондиҳандаҳои оморӣ, ҳисоботи дақиқ ва дастрас бошанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи корхонаҳои хурд бо суръати баланд меафзояд.

Соли 2009 дар кишвар 26,58 корхонаи хурди фаъолияткунанда ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2000 қариб ду маротиба зиёд мебошад, ҳол он ки соли 2000 ҳамагӣ 1669 корхона буд *(4 – саҳ. 224; 6 – саҳ. 226).* Шумораи кормандони онҳо соли 2009-ум 20,9 ҳазор нафар, ё ки 21,6% зиёд

нисбат ба соли 2005-ум (17,2 ҳазор нафар) ва 41,1% зиёд нисбат ба соли 2000-ум (14,8 ҳазор нафар)-ро ташкил кардааст.

Нишондиҳандаи асосии фаъолияти корхонаҳои хурд даромад аз фурӯши маҳсулот мебошад. Аз ин рӯ, соли 2000 ин нишондиҳанда 25,3 млн. сомонӣ буда, соли 2005-ум 435,2 млн сомонӣ (ё ки нисбатан 17,2 маротиба афзудааст) ва соли 2009-ум 1374,3 млн сомониро ташкил кард (нисбат ба соли 2000-ум 54,32 маротиба афзудааст).

Дар таркиби корхонаҳои хурд ҳиссаи асосиро корхонаҳои савдо, хӯроки умумӣ, таъминоту содирот ташкил медиҳанд (соли 2009-ум – 30,2%). Шумораи онҳо фақат солҳои 2005-09 аз 589 воҳид то ба 802 воҳид расидааст, ё ки 36,2% зиёд шудааст.

Аз рӯи нишондиҳандаи асосии фаъолияти хоҷагидории корхонаҳои савдо ва хӯроки умумӣ даромад аз фурӯши мол соли 2009 нисбат ба соли 2005-ум 2,53 маротиба афзудааст (ё ин ки аз 255 млн сомонии соли 2005 то ба 645,4 млн сомонии соли 2009 фурӯхта шудааст *(4 – саҳ. 224)*.

Натиҷаи афзоиши шумора ва нишондиҳандаи ниҳоии фаъолияти корхонаҳои хурди савдо ва хӯроки умумӣ аз он иборат аст, ки солҳои охир дар Ҷумҳу-рӣ хеле бисёр корхонаҳои хурди навъи хусусии савдо ва хӯроки умумӣ ба фаъолият шурӯъ намудаанд (мағозаҳо, ошхона, қаҳвахона, тарабхонаҳо ва ғайра). Аммо, соли 2009 ҳиссаи корхонаҳои хурди савдо ва хӯроки умумӣ аз рӯи шумораи умумии онҳо кам шуда, нисбат ба соли 2005-ум 5,1% (соли 2005 ин ҳисса 35,5% буд)-ро ташкил мекард.

Ҳиссаи даромад аз фурӯши мол (кор ва хидматрасонӣ)-и корхонаҳои хурди савдо, хӯроки умумӣ, таъминоту содирот дар даромади ҷамъбастии корхонаҳои хурди кишвар соли 2009-ум 46,9%-ро ташкил кардааст (соли 2005-ум 58,6%-ро ташкил дода буд).

Камшавии ҳиссаи бузургии нишондиҳандаи асосии корхонаҳои хурди савдо ва хӯроки умумӣ дар ҳаҷми ҷамъбасти нишондиҳандаҳои натиҷавии фаъолияти корхонаҳои хурд аз он иборат аст, ки солҳои охир ба сабаби ба вуҷуд омадани шароити мусоид барои фаъолияти соҳибкорӣ –бисёр корхонаҳои хурд дар соҳаҳои саноат, сохтмон, тандурустӣ ва маориф ташкил карда, фаъолият мебаранд.

Инак, соли 2005 шумораи корхонаҳои хурди саноат 300 воҳид буд, ки соли 2009 шумораи онҳо 424 воҳидро ташкил кардааст (зиёда аз 1,4 ма-ротиба афзудааст).

Ҳамин тавр, сохтмони шумораи корхонаҳои хурд аз 214 адади соли 2005-ум то ба миқдори 342 воҳиди (ё 1,6 маротиба) соли 2009 расидааст. Дар соҳаи тандурустӣ аз 21 воҳиди соли 2005 то ба 45 воҳиди соли 2009 (ё ки зиёда аз 7,1 маротиба) афзудааст. Дар соҳаи маориф аз 28 воҳид (соли 2005) то ба 47 воҳид (соли 2009), ё ки зиёда аз 1,68 маротиба) зиёд шудааст.

Ҳамин тариқа, фаъолияти соҳибкорӣ дар кишвар бо суръати баланд инкишоф ёфта истодааст. Бо вуҷуди ин, ҳиссаи соҳибкорӣ дар рушди иқтисодии кишвар ва шуғли аҳолӣ кам мебошад. Чунки дар корхонаҳои хурд соли 2005-ум 17,2 ҳазор нафар кор мекарданд, ё ки 4,42%-и ҳамаи шумораи аҳолии қобилияти меҳнатро ташкил мекард. Соли 2009-ум ин нишондиҳанда то 20,9

ҳазор нафар зиёд шуда, 4,72%-и шумораи умумии аҳолии дорои қобилияти меҳнатро ташкил кардааст *(4 – саҳ. 87,225; 6 – саҳ. 87, 227).*

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон проблемаи шуғли аҳолӣ яке аз муҳимтарин масъала мебошад. Барои он ки соли 2005 шумораи расмии бекорон 42 ҳазор нафар, соли 2009-ум 45 ҳазор нафарро ташкил кардааст. Ин 2%-и аҳолии фаъоли иқтисодиёти кишварро ташкил медиҳад.

Соли 2005-ум аҳолии қобили меҳнат 3893 ҳазор нафар ва шумораи миёнасолонаи машғул дар иқтисодиёт 2112 ҳазор нафар, ё ин ки 54,3%-и аҳолии қобили меҳнатро ташкил медиҳад.

Соли 2009 аҳолии қобили меҳнат 4435,9 ҳазор нафар ва шумораи миёнасолонаи машғул дар иқтисодиёт 2219 ҳазор нафар буд, ки 50,1%-и аҳолии қобили меҳнатро ташкил медиҳад.

Ин нишон медиҳад, ки ҳиссаи машғул дар иқтисодиёт дар шумораи миёнасолонаи аҳолии қобили меҳнати кишвар 4,2% кам шудааст, ки проблемаи шуғли аҳолиро ба миён меорад. Қисман ин проблема дар натиҷаи машғулияти шумораи муайяни аҳолии қобили меҳнат аз Ҷумҳурӣ, ки ба сифати муҳоҷирон асосан дар Федератсияи Русия, инчунин, қисман дар баъзе мамлакат-ҳои дигар, монанди Қазоқистон, Украина, Белорус ва дигарҳо кору фаъолият мебаранд, ҳалли худро меёбад. Бино бар он, новобаста аз он ки дар кишвар гузаронидани чорабиниҳо оиди ташкили шароити мусоид барои фаъолияти соҳибкорӣ, боз ошкор сохтани сабабҳои монеъкунанда ба рушди соҳибкории инфиродӣ дар соҳаҳои савдо ва хидматрасонӣ, муайян кардани самтҳои асосии рушди соҳибкорӣ татбиқ карда мешаванд, дар дурномаи наздик ба проблемаи аввалиндараҷа табдил ёфтааст.

Инчунин, дарк кардан зарур аст, ки дар замони муосир на фақат иқтисодиёт ба равандҳои ислоҳотӣ эҳтиёҷ дорад, балки одамон вақти интихоби гузориши меҳнат ва сармоя принсипҳои иқтисоди бозорро ба эътибор мегиранд. Аз ин рӯ, дар шароити бозор ҳар кас ҳамчун соҳибкор озодона соҳаи фаъолияти худро интихоб менамояд ва мақсади асосиро ба ноил гаштани натиҷаи фаъолият равона мекунад, яъне ин гирифтани фоида ва устувор гардонидани ҷои худ дар бозор мебошад.

Дар шароити муосир камбудии асосии соҳибкорони инфиродӣ ва корхонаҳои хурд умуман аз салоҳият надоштани соҳибкорон ва роҳбарон нисбати ихтисос вобаста мебошад (норасоии таҷрибаи фаъолият дар соҳаҳои тиҷорат, молия, ташкили муносибатҳои корӣ, омӯзиши бозор, ташкили истеҳсолот ва монанди инҳо).

Аз ин рӯ, барои бомуваффақият гузаронидани фаъолияти соҳибкорӣ салоҳиятнокии соҳибкорон ва роҳбаронро аз рӯи ихтисос то сатҳи дараҷаи зарурӣ баланд намудан лозим аст, зеро дараҷаи баланди ихтисоси соҳибкорон гарави бомуваффақият ва боравнақ пеш бурдани фаъолият мебошад.

Бино бар он, яке аз омилҳои муҳими ба вуҷуд овардани муҳити мусоид барои рушди соҳибкорӣ азхудкунии маркетинг мебошад. Бе омӯзиши бозор ягон соҳибкор наметавонад, фаъолияти худро самаранок ташаккул диҳад.

Истифодаи натиҷаҳои аз нуқтаи назари илмӣ гузаронидани тадқиқоти

маркетингӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ ба натиҷаҳои ҷамъбастии фаъолияти ҳар як соҳибкор таъсири мусбат мерасонад.

Барои ҳар як соҳибкор донистани асосҳои ҳуқуқӣ ва ба танзимоварии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, тартиб додани бизнес-нақша, таъминоти_молиявии фаъолияти соҳибкорӣ, тартиботи қарзгирии бонкӣ, ҳимояи сирри соҳибкорӣ хеле нақши муҳим мебозад.

Инчунин, донистани этика ва этикети (одоби муошират) соҳибкорӣ барои соҳибкор аҳамияти хоса дорад. Ин ба он далолат мекунад, ки дар мамлакат низоми мунтазам амалкунандаи тайёркунӣ ва такмилдиҳии фаъолияти соҳибкоронро ташкил намудан зарур аст.

Дар кишвар оиди таъминоти ҳуқуқӣ барои рушди фаъолияти соҳибко-рӣ дар давоми 20 сол корҳои назаррас ба анҷом расонида шуда бошанд- ҳам, қабули як қатор санадҳои (акт) меъёрӣ-ҳуқуқӣ, эътироф намудани аксар асноди байналмилалии ҳуқуқӣ ва монанди инҳо, боз такмил додани қонуниятҳои Ҷумҳурӣ оиди фаъолияти соҳибкорӣ аҳамияти аввалиндараҷа доранд.

Лоиҳаи Қонун дар бораи савдо дар ҶТ якчанд сол пеш тартиб дода, ба Ҳукумати Ҷумҳурӣ пешниҳод шуда бошад ҳам, то ҳол қабул карда нашудааст. Тезонидани қабули он барои рушди минбаъдаи савдо дар кишвар мусоидат менамояд.

Тавре таҳлилҳои гузаронида нишон медиҳанд, соҳибкории инфиродӣ хусусиятҳои хос дорад, ки ин ба ҳимояи давлат ва ҳуқуқ мӯҳтоҷ будан аст. Бино бар он, фикри олим Самадов В. О. дар бораи зарурати қабули қонуни махсус дар бораи фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар ҶТ диққатталаб мебошад.

Дар қонуни пешниҳодшуда «Дар бораи фаъолияти соҳибкории инфиродӣ» зарур аст, ки институтҳои асосии танзимнамоии ҳуқуқи фаъолияти соҳибкории инфиродӣ муайян карда шаванд: бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ба роҳ монда шавад; равнақ додани инфраструктураи мададрасонии давлат ба фаъолияти соҳибкории инфиродӣ; таъминоти иттилоотӣ, амволӣ, молиявӣ, инноватсионӣ, машваратӣ ва дигар намудҳои мададрасонии давлат ба фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ташкил намуда, шартҳои муфлисшавии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ *(5 – саҳ. 126, 127)* муайян карда шавад.

Дар Федератсияи Русия аз 24 июли соли 2007 таҳти №209/ФЗ Қонуни федеролӣ «Дар бораи рушди соҳибкории хурд ва миёна дар Федератсияи Русия» амал мекунад.

Соҳибкории хурд ва миёна дар раванди бақайдгирӣ, ташкиливу ҳуқуқӣ, идоракунии соҳавӣ, иттилоотӣ, амволӣ, инноватсионӣ, машваратӣ ва монанди инҳо хусусиятҳои хос дорад, ки онҳо ба мадади давлат ва ҳимояи ҳу-қуқ мӯҳтоҷ мебошанд.

Аз ин рӯ, қабули қонуни махсус ҳамчун муайянкунандаи дақиқи асосҳои ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории хурд ва миёна, мададкунанда ба рушди минбаъдаи онҳо хидмат намуда, талаботи замони муосир мебошад. Яке аз омилҳои асосии таъсиркунанда ба рушди соҳибкории инфиродӣ, бизнеси хурд ва миёна дар Ҷумҳурӣ таъминоти молиявии онҳо мебошад.

Аксарияти шаҳрвандон, ба сабаби набудани воситаҳои пул, бо фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуда наметавонанд. Дар худи корхонаҳои хурд ва миёна ҳама вақт норасоии воситаҳои пули хусусӣ мушоҳида карда мешавад. Фоизи қарзи бонк барои корҳои соҳибкорӣ хеле баланд мебошад. Аз тарафи бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон қарзҳо ба соҳибкорон ва сохторҳои соҳибкорӣ аз рӯи фоизи қарзи солонаи 34–40% дода мешавад.

Дар Ҷумҳурӣ ташкилотҳои қарздиҳандаи микрозаёмӣ амал мекунанд, ки фаъолияти онҳо асосан қарз додан ба соҳибкорони инфиродӣ мебошад. Асоси фоизи қарзи солонаи онҳо, инчунин, аз 30-фоизи солона баланд мебошад. Ин далели он аст, ки дар таъмини рушди соҳибкории инфиродӣ ва бизнеси хурд бояд қарзҳои имтиёзнок барои фаъолияти соҳибкории алоҳида ташкил карда шаванд.

Барои таъмини рушди мунтазами фаъолияти соҳибкорӣ ташкили шароити мусоид аҳамияти муҳим дорад, ки дар навбати аввал муайян кардани асоси мутобиқи андоз ва боҷҳои гумрук мебошад.

Номукаммалии низоми андозбандӣ ба он мусоидат мекунад, ки соҳибкорони инфиродӣ на ҳама вақт барои гирифтани шаҳодатнома, иҷозатнома ва патент кӯшиш доранд, сохторҳо на ҳамеша дар ҳуҷҷатҳои ҳисоботии худ бузургии амали нишондиҳандаҳои натиҷавиро инъикос менамоянд (ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, фурӯши мол, шумораи кормандон, ҳаҷми фоида, бузургии музди меҳнат ва монанди инҳо).

Дар баъзе ҳолатҳо барои дастрасгардонии иҷозатномаҳо ва патентҳо соҳибкорон ба мушкилиҳо дучор мешаванд.

Яке аз омилҳои бавуҷудоварии муҳити мусоид барои барорнокии рушди соҳибкорӣ фаъолияти инноватсионӣ мебошад. Суръати дар корхонаҳо таҷҳиз кардани техника ва технологияи нав нисбатан паст мебошад, хусусан, дар саноат, соҳаҳои хидматрасонӣ ва савдо.

Аксарияти соҳибкорон имконияти соҳиб гаштан ба техника ва технологияҳои нав надоранд. Бино бар он, ҳавасмандгардонии субъектҳои соҳибкорӣ ба лоиҳаҳои инноватсионӣ имрӯз яке аз самтҳои асосии рушди инноватсиониро ташкил медиҳад, ки онро бо қарзҳои имтиёзнок, андозбандии имтиёзнок, ҷорӣ намудани лизинг, франгайзинг ва дар фирмаҳои технологияи нав, нау-хау татбиқ кардан ва барои онҳо ҳуқуқҳои мустасно ба амал ҷорӣ намудан мумкин аст.

Дигар омили муҳими ба вуҷуд овардани муҳити мусоидро барои рушди соҳибкорӣ ба роҳ мондани амалиёти сохторҳои бозор ташкил медиҳад, яъне бозорҳои молӣ, молиявӣ ва меҳнатӣ, роҳҳо, алоқа, нақлиёт, таъминоти маълумот ва монанди инҳо.

Барои бобарор амал намудани соҳаҳои фаъолияти соҳибкорӣ давлат бояд кӯшиш намояд, ки проблемаҳо, яъне муаммоҳои ҷойдоштаи кашонидани мол, монеаҳо барои муносибати соҳибкорон берун аз муҳити Ҷумҳурӣ бартараф карда шаванд. Барои ин мустақилияти алоқаҳои нақлиёти мамлакат нақши муҳим мебозад, ки он аз бумбасти коммуникатсионӣ баромадан аст.

Барои бобарор амал намудани соҳибкории инфиродӣ ва корхонаҳои хурд

дар савдои чакана, хӯроки умумӣ, хидматрасонӣ ва дигар соҳаҳо кумитаи зиддинҳисорӣ, ташкилотҳои стандарти давлатӣ ва нозироти савдо ба воситаи хидматрасониҳои муайян мусоидат карда метавонанд.

Дар қатори проблемаҳои номбурда боз барои бобарор фаъолият бурдани соҳибкорӣ якчанди дигар ҷабҳаҳо монеъгӣ менамоянд:

*– такмили кофӣ надоштани иқтисодиёт;*

*– норасоии иқтидорҳои истеҳсолӣ;*

*– болоравии нархҳо ба омилҳои истеҳсолӣ, хусусан, ба маводи сӯзишвории молиданӣ воситаҳои истеҳсолот, ашёи хом ва монанди онҳо.*

Инчунин, ба рушди соҳибкории инфиродӣ ва бизнеси хурд ба дараҷаи зарурӣ набудани даромади пулии аҳолӣ ва қобилияти харидории шаҳрвандон, сатҳи баланди таваррум таъсири манфӣ мерасонанд.

Ҳамин тавр, рушди минбаъдаи соҳибкории инфиродӣ ва бизнеси хурд дар Тоҷикистон асосан аз ҳалли муаммоҳои дар боло зикрёфта вобаста мебошад.

***Адабиёт:***

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 20 апрели соли 2011). II www. prezident. tj

2. Закон Республики Таджикистан «О государственной защите и поддержке предпринимательства в Республики Таджикистан». II tjikinvest.com

3. Аминов И. А. «Предпринимательство». Душанбе, «Ирфон», 2006.

4. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (нашри расмӣ). Душанбе, 2010.

5. Самадов Б. О. «Правовое положение индивидуального предпринимателя в Республики Таджикистан и в Российской Федерации: сравнение и правовой анализ». Худжанд, 2011.

6. «Таджикистан: 15 лет государственной независимости». Статистический сборник. Душанбе, 2006.

*Солеҳҷонов Р.,*
*н.и.ф., дотсент*

# ИСТИҚЛОЛИЯТ – ҶАВҲАРИ ҲАСТИИ МИЛЛАТ

Бистумин баҳор аст, ки як мафҳуми хеле зебою шево, пурмазмуну пурмӯҳтаво, мафҳуме, ки барои ба даст даровардани арзишҳои он ҳазорҳо одамон мубориза мебаранд, вирди забони мо мегардад. Ин ҳам бошад, мафҳуми «Истиқлолият» аст.

Дар Фарҳанги забони тоҷикӣ вожаи «истиқлол» ҳамчун аз зулми дигаре озод шудан, соҳибихтиёр ва соҳибмулк шудан маънидод гаштааст.

Мазмуну мӯҳтавои ин мафҳум хеле воло буда, соҳибихтиёр гаштан орзую омоли бисёр халқу миллатҳо маҳсуб меёбад. Боиси хурсандию сарбаландии миллати тоҷик ва тоҷикистониён аст, ки тӯли 20 сол аз партави Истиқлолият тоҷи заррини давлати Тоҷикистони соҳибихтиёри мо бо рангу ҷилои нав медурахшад ва аз шӯълаи ҳаётбахши он рӯзгори мо мазмуну таровати тоза ва осоишу баракати рӯзафзун пайдо карда, манзилу маъво, шаҳру деҳот, водиҳои сарсабзу хуррам ва қуллаҳои сарбафалаккашидаи кишварамон равшантару пуршукӯҳтар гаштаанд.

Имрӯз, бо гузашти айём, мардуми Тоҷикистон бо тамоми ҳастӣ дарк менамоянд, ки Истиқлолият муқаддастарин ва азизтарин неъмати дунё, рукни асосии давлати озод, рамзи шарафу номуси ватандорӣ, кафолати хонаи ободу сари баланд ва неруи таконбахши ҳаёти ҳаррӯзаи мо мебошад.

Дар арафаи таҷлили ҷашни 20-солагии Истиқлолият ҳамаи мо бояд шукрона кунем, ки ормонҳои ҳазорсолаи давлатсозиву давлатдории ниёгони озодихоҳамон бо талошу пайкор ва бурду бохтҳои бешумор оқибат ҷомаи амал пӯшиданд ва мову шумо имрӯз соҳиби давлати мустақили миллии хеш ҳастем. Мо бори дигар итминон пайдо менамоем, ки он ҳама талошу муборизаҳои гузаштагонамон ба хотири озодиву истиқлолият чун мероси аҷдодӣ аз насл ба насл интиқол ёфта, боиси умри ҷовид пайдо намудани суннатҳои пурқимати таърихиву фарҳангӣ ва забону адаби ғановатманди мо гардиданд. Мову шумо аз фарози қарни XXI бояд ҳеҷ гоҳ фаромӯш насозем, ки озодӣ ва истиқлолият муқаддастарин ва волотарин дастоварди миллат буда, саҳифаҳои пурифтихори озодихоҳиву ватанпарварии мардуми мо бо хуни ҳазорон далерону родмардони сарсупурда навишта шудаанд.

Аз ин лиҳоз, Истиқлолияти мо дар умқи таърихи кӯҳанбунёдамон решаҳои амиқи иҷтимоиву фарҳангиро дорост. Аз мағз андар мағзи осори безаволи Одамушшуаро Рӯдакиву ҳаким Фирдавсӣ, ашъори оламгири Ҳофизу Саъдӣ, ғазалҳои дар ғарибӣ сурудаи Камоли Хуҷандӣ, фалсафаи Форобию Ибни Сино, Аҳмади Дониш рӯҳияи истиқлолхоҳӣ меоянд.

Қаҳрамониҳои Спитамен, Абӯмуслим, ватанхоҳиву муборизаҳои Темурмалику Шерақ, исёни адолатхоҳонаю озодихоҳонаи Восеъ ва даҳҳо дигар мисоли равшани муборизаи аҷдодони мо бахри истиқлолият мебошад. Аз ин рӯ,

тавре баъзе муҳаққиқон ишора менамоянд, истиқлолияти тоҷикон, фақат натиҷаи пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ нест.

Ҳаракати озодихоҳии ниёгони мо тӯли ҳазорсолаҳо идома ёфта, дар ибтидои асри XX шаклу мазмуни нав пайдо намуд. Гарчанде мо имрӯз 20- солагии Истиқлолияти давлатии хешро пешвоз мегирем, вале набояд муборизаҳои маънавии намояндагони фарзонаи миллатро солҳои 1924-уму 1929-ум ва дар давраҳои минбаъда аз хотир барорем. Муборизаи шадиди мафкуравии фарзандони бузурги миллати мо, ба мисли Садриддин Айнӣ, Нусратулло Махсум, Абдуқодир Муҳиддинов, Абдураҳим Ҳоҷибоев, Шириншоҳ Шоҳтемур, Чинор Имомов, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, Алоуддин Баҳоваддинов, Абдулғанӣ Мирзоев, Муҳаммад Осимӣ ва гурӯҳи калони олимону зиёиёни сарсупурда ва дурандеш набояд аз ёдҳо зудуда гарданд.

Онҳо, барҳақ, барои бедорӣ ва худогоҳии миллӣ ба тариқи таҳқиқу таблиғи таърихи бисёрҳазорсолаи ниёгон ва мероси оламгиру ҷовидона мубориза бурда, халқи моро ба шоҳроҳи манфиатҳои аслии миллӣ ҳидоят намуданд. Зиёда аз ин, метавон гуфт, маҳз ҳамин кӯшишу ғайрати бошуҷоати онҳо, заминаи боэътимоди маънавии истиқлолияти кишвари моро бунёд намуданд.

Дар арафаи 20-солагии Истиқлолияти давлатӣ аз зинаи имрӯзаи таърихи навини Тоҷикистон ба гузаштаи на онқадар дури он назар андохта, бо сад афсӯс таъкид намудан лозим меояд, ки бо таъсири қувваҳои бадхоҳи дохиливу хориҷӣ дар ибтидои соҳибистиқлолиамон моҷароҳои нангину хунин ҷой доштанд. Барои мо, тоҷикистониён, мояи ифтихор аст, ки мақсади қувваҳои аҳримании миллаткушро бо тезӣ дарк намуда, дар як муддати кӯтоҳ аз ҷанги хонумонсӯзи бародаркуш даст раҳо намуда, ба роҳи бунёдкориву созандагӣ қадам гузоштем.

Дар ин гузариш хидматҳои боз як фарзанди сарсупурдаи миллат Раиси ҳамонвақтаи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, имрӯза Президенти кишвар мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон беҳамто мебошад.

Ӯ ҳастии худро ба тавозуни таърих гузошта, аз Хосдеҳи Афғонистон то ба Маскав масофаеро тай намуд, ки ин дар як вақт ҳам роҳи пурхатар ва ҳам роҳи наҷоти тоҷикистониён ба сулҳу осоиш ва ваҳдати миллӣ буд.

Маҳз сиёсати сулҳофарин ва ваҳдати миллӣ ба Тоҷикистони ҷавони соҳибистиқлол имкон дод, дар тӯли 20 сол роҳеро тай намояд, ки он шояд ба садсолаҳо баробар бошад.

Илми таърих собит месозад, ягон халқу миллат нест, ки гирифтори ҷанги шаҳрвандӣ гашта, дар чунин муддати кӯтоҳ аз он бурун омада, сиёсати сулҳофаринӣ ва бунёдкоронаро пеша карда бошад.

Барои исботи ин фикр ба мо дур рафтан зарур нест. Ҷанги хонумонсӯ-зи Афғонистони ҳамсоя, вазъияти сиёсиву иҷтимоӣ дар Ироқ, ҳодисаҳои сиёсие, ки моҳҳои охир дар як қатор давлатҳои Арабу Африқо ба вуқӯъ пайвастанд, исботи фикри зикршуда мебошанд.

Бояд тазаккур дод, ки ваҳдати миллӣ ва ризоият дар Тоҷикистон ба осонӣ ба даст наомадааст. 9 марти соли 1996 роҳбарони қариб 30 ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ Аҳдномаи ризоияти ҷомеаро дар Тоҷикистон имзо карда буданд. Шояд ҳамон шабу рӯз моҳияти ин ҳуҷҷатро на ҳама дарк наму-

данд, вале ин ҳуҷҷат аз нуқтаи назари илмӣ дар таърихи навини тоҷикон нақши муҳим бозид. Чунки бори аввал дар ҷомеаи мо, баъд аз ба Истиқлолият соҳиб гаштан, новобаста ба ақида ва мавқеъҳои сиёсии мухталиф, барои ба даст овардани муттаҳидию ягонагии сиёсию миллӣ, халқи тоҷик ва миллатҳои дигари сокини Ҷумҳурӣ дар роҳи бунёди ҷомеаи озоду демократӣ заминаи хубе фароҳам оварда шуд. Ба таври диҷар, ин ибтидо ва оғози сулҳ буд.

Ҳақ ба ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аст, ки баъди имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон таъкид намудааст: ***«Сиёсати сулҳофарини мо аз имзои Аҳдномаи риояти миллӣ манша мегирад»***.

Дар ин ҳамоиши илмӣ дар бораи боз як далели таърихи ёдовар нашудан мумкин нест. Имрӯз фарзандони Суғдзамин бо ифтихор гуфта метавонанд, ки оғози сулҳу ваҳдати Тоҷикистон, маҳз дар ҳамин ҷой, аниқтараш аз Қасри овозадори Арбоб оғоз ёфтааст.

Баъди интихоб шудани Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Раиси Шӯрои Олӣ яке аз иштирокчиёни кӯҳансоли Иҷлосияи XVI ба назди ӯ рафта, чунин гуфт: ***«Писарам! Умеди тамоми Тоҷикистон ба Шумост! Шуморо мо дар давраи мушкилу сарнавиштсоз роҳбари мамлакат интихоб намудем. Дили ҳамаи мо гувоҳ бар он аст, ки пои қадами шумо файзбор меояд».***

Ва дар ҷавоб роҳбари ҷавон гуфт: ***«Падар, як роҳ моро ба мурод мерасонад. Ин сулҳу салоҳ аст»***. Ва дар муроҷиати аввалинаш ба мардум гуфт: ***«Ман ба Шумо сулҳ меорам!»*** ва ӯ ин сулҳро ба халқи худ эҳдо намуд.

Бисёр рамзист, ки рӯзи таҷлили 10-солагии Иди ваҳдати миллӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Суғдзамин ҳамроҳи халқи он буд, зеро аз ин ҷо сулҳи тоҷикистониён оғоз ёфта буд.

Ҳамин тариқ, истиқлолу ваҳдат нақши азим дар таҳқиқи ормонҳо ва пешрафтҳо дорад.

Миллати тоҷик аз имтиҳону мушкилоти ихтилофотҳои замон сарбаландона берун омад. Душманон натавонистанд, ин миллатро ба фано баранд. Як ҳақиқат рӯи об омад: то он даме, ки тоҷик кайфияти ваҳдатхоҳӣ дорад ва дар роҳи пешрафти истиқлоли худ талош мекунад, ҳеҷ кишваре, ҳеҷ миллате қудрати онро зери асорати худ қарор додан надорад. Ин гуна миллат ҳеҷ гоҳ, бе ҳеҷ ваҷҳ тахти ҷойталабии ҳадафи бегона қарор намегирад.

Мехостам, ин ақида на дар сатҳи шуури муқаррарӣ, балки дар сатҳи илмию назариявӣ ба таври амиқ аз ҷониби ҳар фард дарк ва талқин гардад: ниёзмандиҳои иқтисодию иҷтимоӣ, молиявию хоҷагидорӣ ва баъзан ҳаёти маънавӣ зиёданд, вале истиқлолу ваҳдат ҷаҳонбинии хеле фарох ва арзиши волост, бидуни он ҳалли он ниёзмандиҳову ормонҳо имконнопазир мебошанд. Бино бар ин, дар шароити кунунӣ ҳар фард ба ҷои айбҷӯӣ аз дигарон ва ҳар гурӯҳ ба ҷои манфиати хеш бояд истиқлолу ваҳдатро ҳифз намояд, барои пешрафти ҷомеаи Тоҷикистон ҳиссагузор бошад.

Ҳар фарди ҷомеа набояд фаромӯш намояд, ки паёми истиқлол ваҳдат аст ва оинаи ваҳдат истиқлол аст.

Таҳқиқи паҳлӯҳои гуногуни рукнҳои ваҳдату истиқлол чун арзишҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоиву ахлоқи ва идоравӣ муҳим аст. Мавриди таъкид аст, ки ин мавзӯъ имрӯз мавриди омӯзиши илмҳои ҷомеашиносӣ: фалсафаи иҷтимоӣ, сотсиология, таърих, сиёсатшиносӣ ва ғайра қарор гирифтааст. Баробари ин, мо бояд ифтихор аз он намоем, ки таҷрибаи сулҳофарини Тоҷикистон ҳамчун арзиши нодиртарин мавриди омӯзиши бисёр давлатҳо ва институтҳои иҷтимоии ҷаҳон қарор дода шудааст, зеро раванди сулҳи Тоҷикистон саҳми босазоеро чи барои таҳкими сулҳ дар худи кишвар ва чи барои барқарор намудани сулҳ дар миқёси ҷаҳонӣ гузошт. ***«... Тоҷикистони соҳибистиқлол,*** – қайд менамояд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, – ***дар ҳалли проблемаҳои ҷаҳонӣ бо пешниҳодоти мушаххаси худ, ки аз ҷониби ҷомеаи умумибашарӣ пазируфта шудаанд, саҳми сазовор мегирад. Дар қатори онҳо, тавре ки борҳо таъкид намудаем, сулҳофарии мо, тоҷиконро баъзе кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ таҷрибаи нодир арзёбӣ карда, барои ҳалли низоъҳо ҳамчун дастур пешниҳод менамоянд... Мусолиҳаи миллии мо дар таърихи навини миллати куҳанбунёдамон дастоварди бузург ва беназир аст.Аз ин рӯ, ҳар фарде, ки худро фарзанди Тоҷикистон медонад ва қадру манзалати Тоҷикистонро азиз мешуморад, бояд ба ин дастовард ҳамеша эҳтиром гузорад ва таҳкими ваҳдати миллиро рисолати шаҳрвандиву қарзи фарзандӣ доништа, ба халалдор гардидани он ҳаргиз роҳ надиҳад»***.

Истиқлолият ва ваҳдати миллӣ ба халқу мамлакати мо қувваи тавоно бахшида, барои пешрафти ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ фазои мусоиду озод фароҳам овард ва имрӯз мо дилпурона метавон гӯем, ки Тоҷикистон дар кӯтоҳтарин муддат ба дастовардҳои хеле назаррас ноил гардид. Аз файзи истиқлол, сулҳу осоиш ва ваҳдати миллӣ самтҳои афзалиятноки сиёсати дохилии давлат муайян гаштааст. Ватани мо ба шарофати истиқлол дар арсаи ҷаҳонӣ мақому манзалати худро дарёфт намуд. Барномаи «Даҳсолаи об – барои ҳаёт», баргузории иҷлосияи 37-уми Шӯрои вазирони корҳои хориҷии кишварҳои аъзои Созмони Конфронси Исломӣ ё Ҳамоиши ҷаҳонӣ бахшида ба Соли бузургдошти Имоми Аъзам Абӯ Ҳанифа нуфузи Тоҷикистонро дар олам дучанд афзуд.

Таҷлили 1150-солагии милоди Одамушшуаро Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (қариб дар 200 давлати дунё қайд карда шуд), бо қарори Созмони Милали Муттаҳид ҷаҳонӣ гаштани таҷлили Наврӯзи Аҷам, 2700-солагии Кӯлоби бостон, 2500-солагии Истаравшан, Соли маориф ва фарҳанги техникӣ эълом гаштани соли 2010 шаҳодати гуфтаҳои болоанд.

Муқаддасу бегазанд ва ҳамеша пойдору устувор нигоҳ доштани Истиқлолият дастоварди бузург ва неъмати беҳамтои миллӣ на фақат вазифаи давлату сиёсатмадорон аст, балки рисолати ҷонии ҳар шаҳрванди худшиносу худогоҳ ва бонангу номус аст.

Расидан ба қадри Истиқлолият ва давлатдории мустақилона, таҳкими сул-

ҷу субботи ва ваҳдати миллӣ, эҳсоси гарми ватандориву ватанпарастӣ, бедории маънавӣ, ифтихори миллӣ, пос доштани арзишҳо ва рамзҳои давлатдорӣ – ҳама дар маҷмӯъ моро ба сӯи бунёди ҷомеаи воқеан шаҳрвандӣ, пешрафти устувори иқтисодиву иҷтимоӣ ва татбиқи нақшаву ҳадафҳои тақдирсози стратегӣ ҳидоят мекунанд.

Истиқлолият тақозо менамояд, ки хотираи таърихии халқамонро эҳё намудa, арзишҳои ахлоқиву фарҳангии худро аз нав барқарор созем ва барои рушду нумӯи забону адабиёт, илму фарҳанг ва мактабу маориф беш аз ҳар вақти дигар кӯшишу ғайрат намоем.

Ин амал хеле зарур аст, зеро дар ҳақиқат ҳам Истиқлолияти давлат ва худшиносии миллӣ бе дарки амиқи манфиатҳои умумимиллӣ ва шинохти масъулияти таърихии афроди ҷомеа пойдор нахоҳад монд.

Маҳз бо ҳамин хотир Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша диққати кулли ҷомеа, хоса зиёиёнро ба проблемаи боло бурдани сатҳи худшиносии миллӣ ҷалб менамояд. Ба ақидаи Сарвари давлатамон бояд раванди худогоҳиву худшиносии мардуми кишвар густариши тоза пайдо карда, ҳисси ифтихори миллӣ, эҳсоси ватандӯстӣ ва ватанпарастӣ ба пояи сиёсати давлатӣ бардошта шавад, зеро Истиқлолият ҳамон вақт маъно ва моҳияти воқеӣ пайдо мекунад, ки агар ҳар яки мо онро дарк кунем.

Ноил шудан ба сатҳи баланди худшиносии миллӣ, заҳмати фавқуоддаи зиёди зиёиёни миллат, яъне мову шумо ва ҳамчунин мақомоти идораи давлатиро тақозо мекунад.

Яке аз рукнҳои муҳими Истиқлолияти давлат таъмини рушд ва истифодаи васеи забони давлат мебошад.

Забони тоҷикии мо, ки замоне бо он аз сари минбарҳо сухан гуфтан қариб аз миён рафта буд, имрӯз аз минбари олии Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмонҳои байналмилалӣ баланд садо медиҳад ва чун пайки сулҳу дӯстиву ваҳдат дар ақсои олам парвоз менамояд.

Мо ворисони забоне ҳастем, ки бо он Рӯдакиву Фирдавсӣ, Ҳофизу Саъдӣ, Бӯалӣ Синову Ҳоҷа Камоли Хуҷандӣ шеъру ғазалҳо ва асарҳои оламгири худро офаридаанд.

Ҳақиқат ин аст, ки имрӯз миллати моро маҳз тавассути офаридаҳои ин нобиғаҳо мешиносанд. Пас, ғамхории давлат ва тамоми халқ ба чунин як забони кӯҳану пурмӯҳтаво, нобу шево ва лафзи гавҳарбори модарӣ барои ҳар кадоми мо, соҳибони он, ҳам фарз асту ҳам суннат.

Дарки арзиши Истиқлолият барои ҳар яки мову шумо, ки дар ин толор ҳузур дорем, бояд бештар бошад, зеро донишкадаи мо худ меваи Истиқлол аст. Бубинед, дар муддати на онқадар тӯлонӣ техникуми кооперативӣ ба маҷмааи ягонаи таълим ва ниҳоят моҳи феврали соли 2010 ба Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон табдил дода шуд.

Магар ин амал солҳои пешин имконпазир буд? Албатта, не.

Маҳз дастгирии Сарвари Давлат, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати Иттифоқи Тоҷикматлубот, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд буд, ки имрӯз мо ба яке аз марказҳои шинохтаи таълиму тарбия нафақат дар минтақа, балки дар ҷумҳурӣ

ва берун аз он арзи вуҷуд дорем.

Айни замон бояд тазаккур дод, ки ранҷовартарин чиз ин аст, ки аъзоёни ҷомеа на ҳама вақт алифбои истиқлолро сарфаҳм мераванд. Мафҳуми истиқлолро бо душвориҳои рӯзмарра тавъам донистан нодуруст аст, зеро ин мафҳум бунёдӣ буда, дар он ҳастии миллат инъикос мегардад ва дигар ин, ки муаммоҳои ҳалталаб ҳамеша дар зиндагии инсон ҷой доранд ва онҳоро бо арзиши истиқлол тавъам донистан нодуруст аст.

Дар талқини ин мавзӯъ масъулият бар дӯши мактабу маориф аст, зеро фақат мактабу маориф дорои имконоти васеи таълим аст.

Мактабу маориф бояд огоҳиро аз истиқлол, иҷрои рукнҳои истиқлолро тадриҷан марҳила ба марҳила муқаррар намояд ва таълим диҳад ва ҳам ба тариқи тарбия истиқлолро тафҳум бахшад.

Хурсандиовар аст, ки ин раванд дар сиёсати давлат ҷой дорад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки маориф дар сиёсати иҷтимоии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ҳамчун соҳаи афзалиятнок эътироф гаштааст. Дар доираи ин сиёсат дар назди мактабҳои олӣ вазифаи дар асоси арзишҳои милливу умумибашарӣ ворид гаштан ба фазои таҳсилоти ягонаи таҳсилот ва ба ин васила баланд бардоштани сифати таълиму тарбия гузошта шудааст.

Имрӯз Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон барои дар амал татбиқ намудани ин вазифа заминаи кофии кадрӣ, моддиву техникӣ ва нерӯи зеҳниро дорост.

Шубҳае нест, ки эҳсоси баланди соҳибистиқлолӣ, дарки ватанхоҳиву ватандӯстӣ, масъулияту вазифашиносии ҳар як устоду корманди донишкада барои иҷрои ин вазифаи муқаддас мусоидат менамояд.

# Маърӯзаҳо дар бахшҳо

## 1. Бахши менеҷмент

***Усмонов И. У.,***
***н.и.и., профессор***
***Атаева Ф. А.,***
***муаллимаи калон***
***Мӯъминов Ф. М.,***
***ассистент***

# НАҚШИ КООПЕРАТСИЯИ МАТЛУБОТ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ АГРАРӢ

## (Дар асоси маълумоти вилояти Суғди ҶТ)

Дар ин мақола дар мисоли вилояти Суғд муаммои то ҳол пурра омӯхтанашудаи замонавии марбут ба баҳодиҳии таъсири кооператсияи матлубот ба рушди иқтисодиёти аграрии мамлакат баррасӣ карда мешавад.

Омилҳои муҳимтарини таъсиррасонӣ, нишондиҳандаҳои миқдории таъсири баҳодиҳӣ дар чабҳаҳои гуногуни фаъолияти сохтори кооператсияи матлубот тавсиф карда мешаванд.

Дар ҶТ солҳои охир нақши сохтори кооператсияи матлубот дар рушди иқтисодиёти миллӣ бо суръати тез афзуда истодааст. Ин ҳолат аввало ба ғамхории шахсии Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон мансуб аст. Ҷаноби Олӣ мавқеи Иттифоқи Тоҷикматлуботро дар баромадҳои худ чунин ифода намуда буданд: ***«Мақоми Тоҷикматлубот дар амалӣ сохтани барномаи дигаргунсозии ислоҳоти иқтисодии Ҷумҳурӣ ва таъмин намудани мардуми деҳот бо маводи зарурии рӯзгор ниҳоят муҳим аст»***.

Ин аз он ҳолат далолат медиҳад, ки давлат бо ташкилотҳои гуногуни сохтори кооператсияи матлубот чи дар марказ ва чи дар минтақаҳои алоҳида бо шаклҳои гуногуни моликият дастгирии худро амалӣ мегардонад. Давлат ва Иттифоқи Тоҷикматлубот ҳар сол созишнома мебанданд, ки дар он ӯҳдадориҳои тарафайн оиди рушди иқтисодиёти миллӣ ва чабҳаҳои иҷтимоии кооператсияи матлубот акси худро меёбанд. Ғайр аз ин, ин гуна созишномаҳо байни узвҳои ҳокимияти иҷроияви давлатии вилоятҳову ноҳияҳо ва сохторҳои кооператсияи матлуботи онҳо баста мешаванд.

Амалиёти сохтори кооператсияи матлубот бо як қатор хусусиятҳои иҷтимоиву иқтисодӣ фарқ мекунад. Давтаввал, кооператсияи матлубот аз рӯи моҳияти худ сохтори ба ҳифзи иҷтимоёти аҳолӣ равонагардида ҳисоб меёбад. Аз рӯи ин алоқамандӣ мувофиқи Кодекси шаҳрвандии ҶТ ташкилот ва корхонаҳои он ба ҷумлаи ғайритиҷоратӣ аз қайд гузаронида шудаанд, ки онҳо ҳадафи муҳими

иҷтимоиро иҷро менамоянд. Аз ин лиҳоз, моҳият ва ҳадафи фаъолияти соҳибкории ташкилотҳои кооперативӣ аз сохторҳои тиҷоратӣ фарқ мекунанд.

Хусусияти дигари коаператсияи матлубот дар он аст, ки дар сохтори вай соҳибкории гурӯҳӣ зиёдтар мебошад, ки онҳоро шахсони ҳуқуқӣ, ба монанди ҷамъиятҳои матлубот, иттифоқҳои онҳо, хонаҳои калони соҳаҳои савдо, саноат ва дигар корхонаҳои дар тавозуни мустақил амалкунанда ба амал мебаранд. Лекин, дар ҳолатҳои алоҳидаи пайдо шудани зарурат ва мақсаднок будани он дар ҳайати ташкилоти кооперативӣ дар асоси бастани шартнома метавонанд, соҳибкорони инфиродӣ бомуваффақият амалиёт гузаронанд.

Хусусиятҳои сохтори кооператсияи матлубот дар Қонуни ҶТ «Дар бораи кооператсияи матлубот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (марти с. 2002) ва санади ворид намудани тағйироту иловагиҳо (январи с. 2008) ба ин қонун акси худро ёфтаанд. Ин қонун дар сифати мақсади асосии ташкилотҳои кооператсияи матлубот қонеъ намудани талаботи саҳҳомон (пайчиён) ва ба аҳолӣ расонидани хидматро ифода менамояд. Мувофиқи қонун ҷамъиятҳои матлубот ва иттифоқҳои онҳо фаъолияти соҳибкорӣ низ мебаранд, ки ин ҳам барои ба мақсад ноил гаштан мусоидат менамояд.

Кооператсияи матлубот умуман ба рушди иқтисодиёти аграрӣ таъсири назаррас мерасонад, лекин дар минтақаҳои гуногун дараҷаи ин гуна таъсир аз ҷиддитар фарқ дорад. Ин ҳолат аз рӯи таъсири гурӯҳи омилҳо, аз он ҷумла, бо хусусиятҳои ҷуғрофии амалиёти иқтисодии ноҳияҳои гуногун, фарқияти иқтидори гуногуни иқтисодии ҷамъиятҳои матлубот, хусусияти гузаронидани сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ дар дараҷаи минтақавӣ ва ғайра муайян карда мешавад. Қайд кардан зарур аст, ки барои омӯхтани таъсири баҳодиҳии микдории кооператсияи матлубот ба иқтисодиёти аграрӣ эътибори кофӣ дода нашудааст. Сабаби ин ҳолат дар он аст, ки муаммои мазкур то ҳол пурра таҳқиқ нашудааст, аз ин лиҳоз зарурати омӯзиши он бисёр муҳим ва саривақтӣ ҳисоб меёбад.

Баҳодиҳии микдории дараҷаи таъсиррасонии кооператсияи матлубот ба рушди иҷтимоию иқтисодии сохтори ноҳияҳои кишоварзии вилояти Суғд аз интихоби нишондиҳандаҳои оморӣ вобастагӣ дорад.

Дар иттифоқи ҷамъиятҳои матлуботи вилояти Суғд ба номи Арслонбек Ғозибеков аз рӯи нишондиҳандаи муомилоти чаканафурӯшӣ барои солҳои 2007–2010 тағйироти куллӣ ба миён омадааст *(ниг. ба ҷадвали 1)*.

***Ҷадвали 1***

**Муомилоти чаканафурӯшии молҳо дар якҷоягӣ бо муомилоти корхонаҳои хӯроки умумӣ дар иттифоқи ҷамъиятҳои вилояти Суғд барои солҳои 2007–2010 (бо нархҳои муқоисавӣ)**

| | с. 2007 | с. 2008 | с. 2009 | с. 2010 |
|---|---|---|---|---|
| Муомилоти чаканафурӯшии молхо хазор.сомонӣ | 25402 | 36100 | 45775 | 50976 |
| Афзоиши муомилот нисбати солхои пешин, % | 100 | 142,1 | 126,8 | 111,4 |

Аз ҷадвал дидан мумкин аст, ки ҳаҷми муомилоти чаканафурӯшии молҳо соли 2010 нисбат ба соли 2007-ум 2,0 маротиба афзудааст. Афзоиши ҳаҷми

муомилот соли 2008 нисбати соли 2007-ум 42,1%-ро ташкил намудааст, ки аз дигар солҳо хеле зиёд мебошад. Соли 2009-ум он 11,4%-ро ташкил додааст. Ҳаҷми муомилот соли 2010 аз ҳисоби ба як одам аз рӯи ҳаҷми фурӯши миёна 1488 сомониро ташкил намуд.

Аз сабаби сӯст ривоҷ ёфтани заминаи моддию техникии муассисаҳои нигаҳдории тандурустӣ ва нарасидани мутахассисони соҳа Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати фавти кӯдакон баъди Туркманистон дар ҷои дуюм буд.

Истеҳсоли маҳсулоти истеъмолии халқ ба ҳар сари аҳолӣ (бо нархҳои муқоисашавандаи ҳамон солҳо) дар Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҳисоби миёна ба ҳар сари аҳолӣ 1019 сӯм, вале дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамагӣ 489 сӯмро ташкил медод.

Гузаришро ба иқтисоди бозоргонӣ бе сармояғункунии ибтидоӣ тасаввур кардан мумкин нест. Таҷрибаи таърихии мамлакатҳои мутараққӣ, ба монанди ИМА, Британиёи Кабир, Фаронса, Ҷопон, Италиё, Шветсия ва дигарҳо собит мекунад, ки сармояғункунии ибтидоӣ давраи дуру дарозро дарбар мегирад ва дар ҳар мамлакат хусусиятҳои худро дорад. Чунин давраро Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бояд аз сар гузаронад. Хусусияти хоси сармояғункунии ибтидоӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он иборат аст, ки раванди сармояғункунӣ дар ибтидо аз тиҷорат, хидматрасонӣ, нақлиёт, сохтмон, хӯроквории умумӣ ба вуҷуд меомад. Бино бар он муносибатҳои иқтисодии бозоргонӣ, соҳибкории хурду миёна дар навбати аввал дар ҳамин соҳаҳо ривоҷ меёфтанд. Аз сабаби он ки ҶТ давлати аграрию саноатӣ ба шумор меравад, ташаккулёбии муносибатҳои иқтисоди бозоргонӣ дар соҳаи кишоварзӣ аҳамияти калон дорад. Дар ҶТ дар давраи гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ таҳаввули (динамика) хоҷаги-ҳои деҳқонӣ, яъне фермерӣ (ҷадвали 1) чунин мебошад.

*Ҷадвали №1*

**Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)**

| № | | Солҳо | Миқдори хоҷагиҳо |
|---|---|---|---|
| 1 | Теъдоди хоҷагиҳои бақайдгирифтаи деҳқонӣ (фермерӣ) (аз рӯи воҳид) | 2003 | 16431 |
| | | 2004 | 19416 |
| | | 2005 | 23101 |
| | | 2006 | 24901 |
| | | 2007 | 265018 |
| | | 2008 | 30842 |
| | | 2009 | 37966 |
| 2 | Заминҳои истифодаи кишоварзӣ (аз рӯи ҳазор гектар) | 2003 | 1973,9 |
| | | 2004 | 2251,1 |
| | | 2005 | 2380,6 |
| | | 2006 | 2412,3 |
| | | 2007 | 2553,8 |
| | | 2008 | 2160,4 |
| | | 2009 | 2655,8 |
| 3 | Андозаи миёнаи масоҳати замин | 2003 | 120,1 |
| | | 2004 | 115,9 |
| | | 2005 | 103,1 |
| | | 2006 | 96,9 |
| | | 2007 | 96,3 |
| | | 2008 | 84,6 |
| | | 2009 | 70,00 |

Чӣ хеле ки дар боло ишора кардем, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибкорӣ бештар дар соҳаҳои тиҷорат, хидматрасонӣ, сохтмон, нақлиёт ривоҷ ёфта истодааст. Масалан, то 01.01.2010 дар ҶТ аз 2658 корхонаи хурди соҳибкорони ҳуқуқӣ дар соҳаи тиҷорат 802, сохтмон 342, хидматрасонӣ 621-тоашро ташкил

...мешавад. Чунин ҳолат, албатта, сабабҳои худро дорад. Ба ақидаи мо, бештар афзоиши пайдо кардани соҳибкории хурду миёна дар соҳаҳои тиҷорат, хидматрасонӣ ва сохтмон, якум, аз он иборат аст, ки дар ин соҳаҳо гардиши сармоя тезтар аст, дуюм, кафолати ба даст овардани фоидаи ақал бештар аст, сеюм, ҳаҷми маблағгузорӣ кифоят мекунад.

Тадқиқи пайдоиш ва ташаккулёбии иқтисоди бозоргонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон моро ба чунин хулоса меорад:

1. Пайдоиш ва ташаккулёбии иқтисоди бозоргонӣ дар ҶТ хусусиятҳои хоси иқтисодӣ, миллӣ, динӣ, маишӣ ва таърихӣ дорад.

2. Дар ҶТ дар навбати аввал соҳибкории хурду миёна дар соҳаҳои тиҷорат, маишӣ, саноат ва хидматрасонӣ ривоҷ ёфта истодааст.

3. Хусусияти хоси пайдоиш ва ташаккулёбии иқтисодиёти бозоргонӣ дар ҶТ собит мекунад, ки дар ин ҷо зинаҳои мобайнӣ ё зинаҳои даргузари муайян мавҷуданд.

4. Аз сабаби паст будани дараҷаи инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда муносибатҳои иқтисоди бозоргонӣ бо душворӣ ташаккул меёбанд.

5. Бино бар ноустувор будани вазъи сиёсии дохилӣ ва хориҷӣ дар даҳсолаи охири асри XX гузаштан ба иқтисоди бозоргонӣ дар ҶТ нисбат ба дигар ҷумҳуриҳои собиқи Иттиҳоди Шӯравӣ дертар сар шуд.

***Адабиёти истифодашуда:***


1. Раҳмонов Э. Ш. «Ислоҳоти иқтисодӣ – талаби замон». Душанбе, 1996
2. Смит А. «Исследование о природе и причинах богатства народов». М., 1960.
3. Рикардо Д. «Начало политической экономии и налогового обложения». М., «Политиздат», 1953.
4. Маркс К. «Капитал», том 1. М., 1953.
5. Маконел К. Р. Бюро С. В. «Экономикс: принципы проблемы и политика» в 2 томах, том 1. М., «Республика», с. 47.
6. Ломакин В. К. «Мировая экономика». М., 2000 г.
7. Бизнес путеводитель Согдийской области. Ответственный редактор Маъмуров М. Н. Худжанд, 2004 г.
8. Омори солонаи вилояти Суғд. Хуҷанд, 2004, 2005, 2006.
9. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2009, саҳ. 461.
10. «Народное хозяйство СССР за 70 лет». Юбилейный статистический ежегодник. М., «Финансы и статистика», 766 с.


---

[1] «Народное хозяйство СССР за 70 лет». Юбилейный статический ежегодник. М., «Финансы и статистика», 1987, с. 314.

[2] Ҳамон китоб, с. 435.

[3] Ҳамон китоб, с. 541.

[4] Ҳамон китоб, с. 479.

[5] Ҳамон китоб, с. 766.

***Ҳакимхӯҷаева С. Я.,***
***муаллимаи калон***

# МАДАНИЯТИ ЛИБОСПӮШӢ ВА НАМУДИ ЗОҲИРИИ МАРДИ КОРДОН

Либос, ғайр аз ифодагари хусусияти миллӣ буданаш, боз ба кадом табақаи ҷамъият мансуб будани ҳар як шахсро муайян мекунад. Аслан либос дар замонаҳои қадим характери консервативӣ дошта, чанд даҳсола ва ҳатто садсолаҳо тағйир намеёфт. Ин тамоюлро раванди ҷаҳонишавӣ дигар кард. Маҳз ба воситаи либос хусусияти ин ё он халқро метавон муайян кард. Чунончӣ, тоҷикони шаҳрнишин дар чунин шаҳрҳои қадим, монанди Самарқанду Бухоро, Хеваву Хоразм, Хуҷанду Панҷакент аз либоспӯшии тоҷикони кӯҳистон ба куллӣ фарқ мекунанд.

Либоспӯшӣ агар аз як тараф вобаста ба синну соли инсон, яъне ҷавону миёнсолу пиронсол фарқ кунад, аз ҷиҳати дигар вобаста ба шаҳрнишин будан ё деҳотӣ будан низ тафовут дорад. Аз рӯи либос пештар ба кадом табақаи аҳолӣ тааллуқ доштан, ба кадом касбу кор машғул будани инсонро муайян мекарданд.

<u>Сарпӯш</u> унсури муҳими либос буда, аз рӯи он на танҳо мардуми шимол ва ҷануби Тоҷикистон, Кӯҳистони Бадахшонро фарқ кардан мумкин аст, балки нишонаи ба назар ноайён, масалан, Хуҷанд, ки тоқии чустӣ мепӯшанду сокинони Исфараву Конибодом тоқиҳои қӯқандӣ фарқ кардан мумкин аст. Чӣ тавре ки гуфтем, раванди ҷаҳонишавӣ бисёр унсурҳои муҳими миллиро аз байн бурда, ҷавонон, ки бештар ба ин рағбат доранд ва ин ба воситаи шабакаҳои интернету телевизион тарғиб мешавад, барои худро қафомонда ҳис накардан ҳамеша аз паи мӯд мераванд.

Аслан гирем, ҷавонон зидди консерватизм буда, аз нигоҳи илми равоншиносӣ мекӯшанд, ки худро ба ҷамъият шиносонанд, дигарон чун инсони комил ва барканор эътироф кунанду шиносанд, бино бар он қувваи пешбарандаи индустрияи мӯд ва талабгори он аксаран ҷавонон ҳастанд.

Сарфи назар аз либоси расмии маъмулшуда барои табақаҳои пешқадами ҷамъият, яъне зиёиён, мансабдорони давлатӣ, намояндагони халқ дар парлумон ва намояндагон аз ҳизбҳои сиёсӣ, аз ҷумла донишҷӯёни тамоми мактабҳои олӣ либоси расмии ба низомдаромада мепӯшанд, ки хоси мардон аст, ин галстук мебошад.

Калимаи «галстук» аз ду ҷузъи мустақили калимаи англисии holl ва stok гирифта шуда, таърихи пайдоиши аҷиб дорад.

Замоне ҷавонмарди бегуноҳро ҳукми ба дор кашидан мекунанд. Ҳар дафъае, ки ӯро ба дор мекашиданд, банди он канда мешуд. Ҳокими давр ба ҷаллод мефармуд, ки ин шояд аломати бегуноҳии ӯ бошад ва ҳукмашро бекор мегардонад. Он ҷавонмард чун нишони бегуноҳӣ чанд муддат бо ҳамон гарданбанд мегардад ва тадриҷан ин нишони покию бегуноҳӣ ба ҳама расм мешавад. Умуман, унсурҳои ҳар либос рамзи маъно

[illegible] ва иттилоотеро дар хусуси соҳибаш мефаҳмонд.

Чи тавре ки гуфтем, либосро дар ҳар вақту ҳар замон аз рӯи одоб ва мувофиқи ҳамон ҳол бояд пӯшид. Либоси инсон ифодакунандаи ҳолати ботинии ӯ мебошад. Ҳар касе, ки иззату эҳтироми худро нигоҳ медорад, ме-[illegible], бо либоси чиркину ношуставу дарзмолнашуда ба ягон идораву кор-[illegible] ҳозир нагардад. Ҳарчанд либос дороиву нодории инсонро муайян ме-[illegible], вай ҳамеша бояд тозаву озода бошад.

Чуноне адиби рус Антон Павлович Чехов навиштааст: **«Инсон бояд ҳаматарафа зебо бошад, ҳам зоҳиран ва ҳам ботинан»**.

Барои ноил шудан ба муваффақият дар соҳаи тиҷорат ба шахси кордон соҳибихтиёрӣ, кордонӣ, фаъолнокӣ ва ғайра омилҳо заруранд. Баъзеи ин омилҳо барои ноил шудан ба муваффақиятҳо ва натиҷаи дилхоҳ бевосита ва мустақиман таъсир мерасонанд, мисол кордонӣ, таҷриба ва ғайра.

Омилҳои бавосита ғайримустақим (косвенные) низ ба муваффақият таъсир мерасонанд ва намуди зоҳирии шахси кордон омилест, дар тиҷорат, ки барои самаранокии муносибатҳои кор, муваффақият дар ҳамкорӣ ва муҳити кор таъсир мерасонад. Намуди зоҳирӣ ва тарзи рафтор омилест, ки шарикони дар тиҷорат ҳамкорӣ дошта пеш аз гуфтушунид ва бастани шартнома баҳо медиҳанд.

<u>Либос</u> омили назарраси муваффақиятҳои шахсият мебошад. Либоси хуб нафақат димоғро болида мегардонад, балки ҳосилнокии меҳнатро баланд бардошта, муносибати атрофиёнро тағйир медиҳад. Чунон ки шайх Саъдии бузург ҳикоят мекунад, вақте ки ӯ бо либосҳои кӯҳна ба меҳмонӣ меравад, касе ӯро эҳтиром намекунад. Аммо, вақте ки бо либосҳои зебо пайдо мешавад, ӯро аз ҳама боло шинонда, эҳтиром мекунанд, ҳарчанд ки худи шайх Саъдӣ инро намехоҳад.

Махсусан, барои шахси кордон дар бобати муваффақиятҳои вай либос нақши муҳим мебозад. Интихоби либоси кор ва корчаллонӣ яке аз шартҳои асосии муваффақият мебошад. Қайд бояд кард, ки фақат як интихоби либос дар муваффақияти менеҷер кам аст. Либосро пӯшида тавонистан лозим аст. Барои ин, пеш аз ҳама, қаду қомати зебо зарур аст. Барои қаду қомати зебо доштан бояд, ки роҳбар пайваста ба варзиш машғул бошад, дар он ҳолат либос ба ӯ мезебад.

Унсури дигар интихоби либос аст, ки аз қобилияти шахсии ҳар шахси кордон вобаста мебошад. Дар баъзе ҳолатҳо менеҷерони табақаи боло шахсони махсуси худро доранд, ки вобаста аз вохӯриҳо, хусусияти онҳо, вақт ва ҷои гузаронидани он барои роҳбарон либос интихоб мекунанд. Аслан занҳо бисёртар ба ин диққат дода, аз ӯҳдаи ин вазифа хуб мебароянд.

Ба ақидаи мутахассисон аксари мардони корчаллон либосро нодуруст мепӯшанд. Ин ду сабаб дорад: <u>*якум*</u>, баҳо надодани намуди зоҳирии худ; <u>*дуюм*</u>, аз ҳад зиёд ба мӯд диққат додан.

Аз як тараф либоси корчаллон набояд, ки ба чашм расад, аз тарафи

дигар либос бояд, ки дарзмол кардаю тоза бошад.

Талаботи умумии намуди зоҳирии менеҷер: корзебӣ ва боварӣ ба худ, диққатҷалбкунанда ва хушсурат, боваринок, ҷаззоб будан.

Як қатор пешниҳод барои тарзи дурусти либоспӯшӣ ва интихоби он: *хуб мебуд, ки агар дар вохӯрӣ костюми якранг, галстук ва куртаи сафед пӯшида шавад; либоси корӣ ранги баланди сурх, кабуд, сабз ё зард надошта бошад; костюми якранга бояд бо куртаи якранг пӯшида шавад на ин ки куртаи дуранга ё хоначадор; костюми хоначадорро фақат бо куртаи якранга мепӯшанд; костюми кабуд бо куртаи якранги осмонӣ ва галстук зебанда аст; интихоби куртаи пахтагин ё омехтаи пахта мувофиқи мақсад мебошад; куртаи сафед ва якранга қариб ба ҳамаи костюм ва галстук дуруст меояд; хуб мешуд, ки агар менеҷер куртаи сурх, сабз, ё зард напӯшад, махсусан, вақте ки рангу рӯяш он қадар солим нест; куртаи кисаи зиёдатӣ ва нишондошта мувофиқи матлаб нест.*

Агар марди кордон ҳамеша олуфтаву ороста, хушлибос, мӯйи сараш кӯтоҳ қайчӣ зада, ришаш тарошида ва махсусан пойафзолаш, ки як унсури либос аст, ҳамеша покиза бошад, мардум ба вай таваҷҷӯҳ зоҳир мекунанд. Суханонаш таъсир мекунанд, кораш пеш меравад, ба вай эътимоди дигарон бештар мешавад.

Чӣ тавре ки дар урфият мегӯянд: «хонаю палос, одаму либос».

Хулоса, шахси кордон бояд услуби либоспӯшии ба худ хос, яъне кории шинам, хушдӯхт, тоза, ба атрофиён маъқул, мувофиқи мӯди замон дошта бошад.

**_Пайнавишт:_**

1. Р. Н. Ботавина «Этика деловых отношений». Москва, «Финансы и статистика», 2005.
2. Т. Б. Ғаниев «Менеҷмент», қисми 1. Душанбе, 2008.
3. Ф. А. Кузин «Имидж бизнесмена». Москва, 1996.

***Қосидов О. Қ.,***
***н.и.и., дотсент***
***Қосидова У. О,***
***н.и.и., и.в. дотсент***

# МУАММОҲОИ ИСТИФОДАБАРИИ ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТ ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ОНҲО ДАР ТОҶИКИСТОН

Бузургтарин ва муҳимтарин неруи ҳар як мамлакат аҳолӣ ва пеш аз ҳама захираи меҳнатии он ба ҳисоб меравад. Беҳуда нест, ки иқтисоддонон қувваи кориро аввалин ҷузъи қувваи истеҳсолкунанда номидаанд.

Бино бар он, ҳар як ҷамъият, мамлакат бояд кӯшиш ба харҷ диҳад, ки неруи кории истеҳсолии хеш, инчунин сарватҳои захираи нодиру хусусияти хосаи пешбаранда ҳамаҷониба пурраю самаранок истифода гардад.

Аммо, на ба ҳама кишвару мамлакат бо сабабҳои объективию субъективӣ муяссар мегардад, ки неруи ҷисмонӣ ва фикрии кишвари худро ба таври пурраю самаранок истифода барад. Ба қатори чунин кишварҳою мамлакатҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дохил мешавад, ки сабаби асосии он нокифоя будани бунёди ҷойи ко-ри нав нисбат ба суръати афзоиши шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол ба ҳисоб меравад. Ҳамасола афзоиши қувваи кор ва нисбатан паст будани дараҷаи иқтисодиёти мамлакат ба афзун гаштани дараҷаи бекорӣ ва паст шудани сатҳи зисту зиндагонии аҳолӣ сабаб мегардад. Аз ин лиҳоз, лозим мешуморем, ки баъзе муаммоҳои мавҷудаи иҷтимоӣ-иқтисодии соҳаҳои иқтисодиёти миллии мамлакатро қайд намоем: дар саноати кӯҳнашавии ҷисмӣ ва маънавии воситаҳои асосӣ, суст мутобиқшавии корхонаҳо барои истеҳсоли молҳои истеъмолӣ, нарасидани ашё дар саноати коркардабарорӣ ва ҳаҷми истеҳсоли пахтаи ба коркарди саноатии маҳаллӣ таъин гашта, гарон будани роҳкирои ашёе, ки аз мамлакатҳои хориҷаи воридот оварда мешавад, рафтани қувваи кории баландихтисос аз ҷумҳурӣ, нарасидани таҷҳизоти замонавӣ барои истеҳсоли маҳсулоте, ки ба талаботи стандарт мувофиқанд, нарасидани ашё ва воситаҳои молиявӣ барои фаъолият намудани корхонаҳои гуногун, номувофиқатии тайёр намудани мутахассисони дорои маълумоти миёнаи махсус дар системаи мактабҳои касби техникӣ бо талаботи корхонаҳо.

Дар кишоварзӣ бошад, ин ҷой доштани усулҳои кӯҳнаи идоракунии корхона-ҳои аграрӣ, дар ҷараёни қабули қарор иштирок накардани кормандони қаторӣ, да-холати мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ дар интихоби кишти зироатҳои хоҷагии қишлоқ, набудани таҷриба оиди омӯзиши талаботи бозор, маҳдуд будани бозори фурӯ-ши маҳсулот, нархи пасти маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, паст будани музди меҳнат ва вобаста ба он тағйирнопазирии шуғл дар хоҷагии қишлоқ, кӯҳна будани парки мошинҳои хоҷагии қишлоқ ва афзоиш ёфтани ҳаҷми корҳои дастии вазнин ва каммаҳсул, хусусан, барои занҳо, мукаммал набудани хидмати омӯзиш ва дастгирии молиявии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фермерии навтаъсис, мувофиқ наомадани тайёр кардани мутахассисон дар системаи омӯзишгоҳҳои касбҳои техникӣ бо талаботи корхонаҳои кишоварзӣ.

Дар шароити бӯҳрони молиявӣ имконияти мақомоти давлат ва соҳибкорони мамлакат доир ба бунёди ҷойи кори нав боз маҳдудтар мегардад, ки он ба коҳиш ёфтани сатҳи шуғли аҳолӣ мусоидат менамояд.

Дар чунин шароит фаъол гардонидани сигментҳои бозори меҳнат доир ба муайянсозии бонки маълумот нисбати ҷойи кори олӣ дар корхонаю ташкилотҳои соҳаҳои мухталиф, талабот ба малакаи донишу ихтисос ва дигар маълумот хеле муҳим ва зарур аст.

Дар бозори меҳнат ду субъект баромад менамояд: харидор дар шахсияти намояндагони корхонаю ташкилотҳо, фурӯшанда, яъне ашхосе, ки барои қонеъ гардонидани талаботи меҳнатии худ ба бозори меҳнат омадаанд. Табиист, дар бозори меҳнат талабот ба шахсоне, ки касбу ҳунари мушаххас доранд, зиёд аст. Бино бар он, шахсони бекор дар асоси талаботи бозор дар омӯзишгоҳҳои касбҳои техникӣ ва дигар таълимгоҳҳову курсҳои махсуси кӯтоҳмуддати таълимӣ касбу ҳунар омӯзанд ва дараҷаи ихтисосмандии худро баланд бардоранд.

Бекорӣ ба қонунвайронкунӣ, содир намудани ҷиноят оварда мерасонад. Чунончӣ, мувофиқи маълумоти Ташкилоти байналхалқӣ (МОТ) 1% афзудани бекорӣ ба афзоиши

4-фоизаи ҷиноятқорӣ оварда мерасонад. Тадқиқоти бозори меҳнат паҳлӯҳои хавфноки бекориро, ба монанди тандурустӣ, дуздӣ, ғоратгарӣ, махсусан дар байни ҷавонони то 18 сола ва шахсони синну солашон калон нишон дод. Бино бар он, вазифаи муҳимтарини давлат кор карда баромадан ва дар амал ҷорӣ намудани барномаи миллии паст кардани сатҳи бекорӣ мебошад.

Барои ин, пеш аз ҳама, лозим аст, ки механизми танзими талабот ва пешниҳоди қувваи кор, бунёди заминаи ҳуқуқию меъёрии таъмингардонии шуғлнокӣ, дигаргунсозӣ ва такмили системаи маълумоти касби техникӣ лозим аст.

Вобаста ба ҳолати ба амаломада бо мақсади таъмингардонии сиёсати ягонаи давлат оиди шуғли аҳолӣ ва ҳифзи иҷтимоии бекорон дар Ҷумҳурӣ ва шаҳру ноҳияҳои он, маркази шуғли аҳолӣ, инчунин фонди мусоидат ба шуғлнокӣ фаъолият мебарад.

Механизми асосии ҳалли ин муаммоҳо ва ба танзим даровардани бозори меҳнат барномаҳои таҳияшавандаи давлатӣ ва минтақавии шуғли аҳолӣ мебошад, ки дар асоси ин барномаҳо ҳар сол ба даҳҳо ҳазор шаҳрвандони бекор хидмат расонида мешавад.

Ҳаҷми миёнаи ёрдампулӣ ба бекорон баробари музди ақал аст. Бо мақсади ҳарчӣ бештар бунёд кардани ҷойи кори нав ба соҳибкорон қарзи имтиёзнок дода мешавад. Солҳои равон ба нақша гирифта шудааст, ки мувофиқи шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд бештар аз 30 ҳазор нафар шахсони бекор бо кор таъмин карда шаванд.

Дар қатори чораҳои анъанавии бо кор таъмин намудани бекорон, додани ёрдампулӣ, тарзу роҳҳои ғайрианъанавии бо кор таъмин намудани бекорон ҷустуҷӯ карда мешаванд, монанди «Таҷрибаомӯзии ҷавонон», бунёди нуқтаҳои иҷораи қувваи кор бо номи «Бозори мардикор», марказҳои иҷтимоӣ ва аввалин «Биржаи меҳнат барои занҳо».

Аммо, инҳо ҳоло ангуштшуморанд ва ба ҳалли масъалаи шуғлнокии аҳолӣ таъсири начандон назаррас доранд. Яке аз чораҳои муҳими фаъолгардонии бозори меҳнат афзунгардонии ҳаҷми корҳои ҷамъиятии музднок мебошад.

Дар бисёр мамлакатҳо барои паст намудани шиддатнокии бозори меҳнат, махсусан дар давраи бӯҳрони молиявию истеҳсолӣ, ки сатҳи бекорӣ баланд мегардад, корҳои ҷамъиятӣ бештар истифода бурда мешаванд.

Дар Ҷумҳурӣ, аз сабаби он ки соҳаҳои мухталифи хидматрасонии аҳолӣ начандон хуб инкишоф ёфтаанд, корҳои ҷамъиятӣ низ начандон самаранок аст.

Дигар сабаби инкишоф наёфтани шуғлнокии аҳолӣ дар корҳои ҷамъиятӣ доимӣ набудани онҳо ва кам будани андозаи музди он, ҳамчунин, нокифоя будани даромади оилаҳои мӯҳтоҷ, ки ҳамчун бекор аз қайд гузаштаанд ва ё шуғл надоранд.

Айни замон марказҳои шуғли аҳолии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он бо 16 омӯзишгоҳи касбҳои техникӣ ҳамкорӣ доранд. Инчунин, дар назди марказҳои шуғли аҳолии номбурда маркази таълимии вилоят ва 5 маркази иҷтимоӣ фаъолият доранд, ки соле дар онҳо 700–800 нафар ҷавонон таҳсил намуда, касбу ҳунари коргарӣ меомӯзанд.

Яке аз самти муҳими инкишофи бозори меҳнат дар Тоҷикистон муҳоҷирати меҳнати аҳолӣ ба хориҷи кишвар ба ҳисоб меравад. Дар шароити ҳозира, ки Ҷумҳурӣ дорои захираҳои зиёди меҳнатӣ ҳасту аксар қисми ба ҷойи кор ниёз дошта, манбаи даромад надоранд, ба муҳоҷирати меҳнат ба кишварҳои дуру наздик мераванд, ки он яке аз роҳҳои паст намудани шиддатнокии иҷтимоии ҷамъият ба ҳисоб меравад. Беҳуда нест,

ки солҳои тӯлонӣ шаҳрвандони Ҷумҳурӣ дар Федератсияи Русия, Қазоқистон ва дигар давлатҳои муштаракулманофеъ ба муҳоҷирати меҳнат рафта, ҳаёт ба сар мебаранд. Аммо, имрӯз, ки ҳамаи давлатҳои ҷаҳонро бӯҳрони молиявӣ фаро гирифтааст, давлатҳои номбурда имконияти тамоми хоҳишмандонро ба кор қабул кардан надоранд.

Тахмин меравад, ки дар натиҷаи бӯҳрони молиявӣ аз ду як ҳиссаи муҳоҷирони меҳнат имконияти дар хориҷи кишвар фаъолият карданро гум кардаанд ва онҳо бояд дар кишвари худ, яъне Тоҷикистон, роҳ ва ҷойи фаъолияти меҳнат карданро дарёфт намоянд.

Айни замон, байни Ҷумҳурии Тоҷикистону Федератсияи Русия ва дигар давлатҳо, ки қувваи кори Тоҷикистонро истифода мебаранд, оиди танзими ҷараёни муҳоҷирати меҳнат заминаи меъёрӣ бунёд карда шудааст ва тайёрӣ оиди ба мувофиқа омадан байни муассисаю ташкилотҳо идома дорад.

Муаммои бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ барои Ҷумҳурӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад ва он бевосита ба сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсир мерасонад. Ҷараёни ташаккул ва инкишофи бозори меҳнат дар шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он гуногун аст. Бино бар он, ҳалли самараноки ин муаммо барои мақомоти давлат ва иттиҳодияҳои илмию истеҳсолӣ, инчунин ташкилотҳои байналмилалӣ доир ба шуғли аҳолӣ бояд вазифаи аввалиндараҷа ба ҳисоб равад.

Оиди ривоҷу равнақ додани бозори меҳнат дар Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии Тоҷикистон, шаҳру ноҳияҳо, вилоятҳою Ҷумҳурӣ, инчунин ҳиссаи Мақомоти агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳофизати вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо калон аст. Чунончӣ, ҳоло бо дастгирии Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирони вилоятҳои Суғду Хатлон, Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳру ноҳияҳо моҳе як маротиба бозори ҷойи холӣ ба корҷӯён баргузор мегардад. Дар бозори меҳнат, ки моҳи феврали соли равон дар Душанбе баргузор гардид, аз ҷониби 171 корхонаи саноату сохтмон ва муассисаҳои маорифу тандурустӣ барои ниёзмандон 6530 ҷойи кори холӣ пешниҳод карда шуд. Аз 11 ҳазор корҷӯёне, ки дар ин бозори меҳнат ширкат варзиданд, муҳоҷирони аз Русия баргашта низ буданд. 1284 нафар соҳиби роҳхат ва шуғл гардиданд, ба 634 нафар муяссар шуд, ки дар курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ ройгон таҳсил намуда, соҳиби касбу ҳунари барои корхонаю ташкилотҳо лозим гарданд.

Ривоҷу равнақ ёфтани бозори меҳнат аз инкишофи соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллии Ҷумҳурӣ сахт вобаста аст. Пеш аз ҳама, лозим аст, ки диёрамон аз мамлакати ашёи хомсодироткунанда ба мамлакати маҳсулоти тайёрсодиркунанда табдил ёбад, зеро маҳз ҳамин иқтидори иқтисодии мамлакатро пурзӯр гардонида, асоси муҳайё намудани ҷойи кори нав ва ба кор ҷалб намудани ҷавонони бекора мегардад.

Ҳоло Ҳукумати мамлакат тасмим гирифтааст, ки аз соли 2011 оғоз намуда, коркарди пахтаи истеҳсолшударо пурра дар Тоҷикистон ба роҳ монад. Лозим ба ёдоварист, ки афзун гардонидани коркарди дигар маҳсулот дар маҳалҳо аз манфиат холӣ нест. Соли равон ба кор даровардани се корхонаи калони коркарди пахта – «Олим Текстайл», «Спитамен» ва «Нику Хуҷанд», ки ҳар кадом дорои 300 ҷойи коранд, ба нақша гирифта шудааст.

Ҳаллу фасл намудани масъалаҳои ташкилию маъмурӣ ва ба кор шурӯъ намудани соҳибкорони худии кишвару хориҷ дар минтақаҳои озоди Душанбе, Панҷу Хуҷанду Бадахшон дар ҳаллу фасли мушкилоти иқтисодию иҷтимоии мамлакат кӯмаки амалӣ хо-

ҳанд расонд.

Умуман, барои ҳамаҷониба ҳаллу фасл намудани муаммоҳои истифодабарии захираҳои меҳнатии мамлакат аз чунин самтҳо истифода намудан мувофиқи мақсад аст:

*– ҳаммувофиқакунонии суръати инкишофи иқтисодиёти кишвар бо суръати афзоиши захираҳои меҳнатии мамлакат;*

*– баланд бардоштани заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва камбудиҳои қонун дар доираи шуғл ва бекорӣ;*

*– бо иқтидори пурраи истеҳсолӣ ба кор даровардани корхонаҳои мавҷуда;*

*– тезонидани суръати дигаргунсозӣ дар кишоварзӣ;*

*– афзун гардонидани ҷойи кор дар корхонаҳои давлатӣ, саҳҳомӣ, кооперативӣ, муштарак ва хусусӣ;*

*– бартараф намудани номувозинатии музди меҳнати мардон ва занон, таҳияи барномаи комплексии мақсадноки шуғли аҳолӣ;*

*– бунёди миқдори зиёди бахши корхонаҳои соҳаи меҳнатталаб дар деҳот;*

*– такмил додани стратегияи аниқи инкишофи соҳибкории хурду миёна;*

*– барҳам додани номувофиқатии музди хурди меҳнат ба ҳаҷми кори иҷрошаванда;*

*– бартараф намудани фарқияти калон байни нишондиҳандаҳои ҳисобу китоби расмӣ ва ғайрирасмии бекорон, камбудиҳо дар системаи ҳисоб ва бақайдгирии бекорон.*

**Абдуллаева А. А.,**
**ст. преподаватель**

# ЭТИКА МЕНЕДЖЕРА

На протяжении всей истории человечества общество делилось на тех, кто управляет и тех, кем управляют. Но до начала XX века люди мало задумывались о самом понятии «управление», используя интуицию, на которую опирались руководя людьми (подчиненными).

Только с начала XX века управление начинает отделяться и развиваться как отдельная наука, название которой – менеджмент.

Внимание, главным образом, уделяется тому, как менеджер (руководитель) должен управлять своими подчиненными, что бы предприятие было успешным и работало эффективно, т. к. современное общество показывает, что предприятие будет наиболее успешно при умелом и грамотном руководстве. Также надо помнить, что организация должна представлять собой единое целое, и если работа менеджера не будет организована правильно, то он не сможет работать эффективно, а это, естественно, скажется на работе организации в целом.

Следовательно, менеджер должен правильно планировать и организовывать свою работу. Очень важно в работе менеджера придерживаться этических (моральных) принципов, соблюдать профессиональную этику и этикет.

Этика [греч. ethike от ethos – нрав, обычай]:

а) наука о сущности, происхождении и развитии морали;

б) совокупность принципов и норм поведения какой-либо группы, профессии.

Менеджер – это человек, который занимается управленческой деятельностью профессионально, он повседневно управляет функциями и ресурсами фирмы так, что бы сохранить ее основные пропорции; обладает полномочиями принимать управленческие решения и выполнять их.

Из этого можно сделать вывод, что этика менеджмента – это некоторая система идеалов, на которые должен опираться менеджер (предприниматель, руководитель, любой другой деловой человек), чтобы достичь поставленной цели. Основывается на нравственных принципах, определенных правилах поведения как на предприятии, так и вне его. Также базируется на правовых критериях, устанавливающихся законодательными актами государства, и на международных правилах и принципах.

Для того, чтобы добиться успеха, необходимо обладать хотя бы азами профессиональной этики менеджера, основами этикета.

Другими словами можно сказать, что этика менеджмента – это наука, рассматривающая поступки, поведение человека, действующего в сфере управления. Наиболее важна там, где действия менеджера соотносятся с общечеловеческими этическими требованиями. Сосредоточена на широком спектре различных вариантов поведения руководителей и подчиненных. В центре внимания – цели и средства для достижения их как руководителей, так и подчиненных.

На сегодняшний день очень важна моральная и этическая сторона деятельности руководителей (менеджеров).

На это существует несколько важных причин:

1) Так как менеджер служит примером для своих подчиненных, а так же для других менеджеров, то его поступки, отклоняющиеся от этических норм будут служить неким сигналом к тому, что, якобы дозволено делать то, чего делать нельзя. Следовательно, его нарушения моральных и этических принципов служат отрицательным примером, что, непременно, отразится на работе коллектива и фирмы в целом.

2) Менеджер выполняет воспитательную роль, а значит, формирует отношение подчиненных к тому предприятию, на котором они работают, к тем товарам и услугам, которые производят, к клиенту, друг к другу. Поэтому, как всякий хороший учитель он должен всеми своими поступками создавать правильное отношение ко всем выше перечисленным.

В условиях перестройки и развития рыночных отношений необходимы не частичные, а радикальные изменения, в этике менеджмента ставящие во главу угла повышение эффективности предпринимательской деятельности и качества работы. При этой системе на первый план выдвига-

ется предпринимательская деятельность менеджера, предполагающая всестороннее знание этических принципов и нормы поведения деловых людей, глубокий этический анализ общечеловеческой ценности как свобода, терпимость, тактичность и деликатность, справедливость, деловая обязательность, внимательность, отзывчивость и др. Это означает: менеджер должен ценить свободу своих конкурентов, что выражается в недопустимости вмешательства в их дела, ущемления их интересов. Другим основополагающим принципом этики менеджера является терпимость, которая означает осознание невозможности преодоления сразу всех слабостей и недостатков партнеров, клиентов или подчинённых. Терпимость рождает взаимное доверие, понимание и откровенность, помогает «гасить» конфликтные ситуации. Деловые взаимоотношения менеджера всегда чреваты различного рода трудностями и конфликтами, поэтому они требуют тактичности и деликатности, такт в таком общении – это не только понимание соответствия целей и норм поведения менеджера, но и умение применять этические нормы к конкретному человеку.

Быть тактичным менеджером – это значить в любой ситуации осознавать своего партнера, клиента или подчиненного как равноправную человеческую личность с учетом особенности пола, возраста, национальности, темперамента, привычек и т. д.

Под деликатностью этики менеджера понимают вежливость и внимательность в общении, умение щадить самолюбие своих коллег. Это особая, свойственная только высокопрофессиональным менеджерам форма проявления корректности и искренности при общении. Деликатность – простейший рабочий инструмент менеджера, помогающий с наименьшими морально психологическими издержками решать деловые задачи. Этика менеджера ориентируется на такое понятие, как справедливость, которая предполагает оценку личностно-деловых качеств людей и их деятельности, признание индивидуальности, открытость критике, самокритичность. У деловых людей (менеджеров) всего мира существует такое понятие, как деловая обязательность. В мире, например, известен термин «Техасское рукопожатие», когда стороны просто договариваются, что будут вместе заниматься какой-либо деятельностью.

Если одна из сторон нарушила условия договора, никто больше не будет с этой фирмой (организацией) иметь дела. Такие принципы этики менеджера в деловом общении мы пока обнаруживаем не достаточно. Человек должен не обращать внимания на то, что другие люди скажут или подумают о нас, или сделают: идти на работу, также как солдаты идут на сражения, не заботясь о последствиях: расценивать хорошую репутацию, честь, имя, удобные обстоятельства, комфорт, людские привязанности.

Знаменитый Конфуций (551–479 до н. э.) именно свободу, терпение деликатность, справедливость, добродетель ставит на первое место в отношениях между людьми. У великого китайского философа Конфуция содержится большое количество изречений посвященных этике менеджера. Прежде всего они относятся к принципам поведения между руководи-

телем и подчиненным и раскрытию тех норм и принципов общения, которые делают его наиболее эффективным и действительным с этической точки зрения. Приведем некоторые из них, весьма достойные того, чтобы над ними нужно поразмыслить:

· ***правитель должен быть правителем, а подданный – подданным, отец – отцом, а сын – сыном.***

· ***когда не можешь сам себя исправить, то, как же будешь исправлять других.***

Формула успеха западных предпринимателей проста: *преуспевание = профессионализм + порядочность.*

В торговле есть золотое правило: заботиться о своих клиентах, а рынок, позаботиться о тебе. Хорошую репутацию приобрести очень трудно, на это порой уходят годы, но зато утратить ее можно мгновенно и за частую и за пустяка, не ответив вовремя на телефонный звонок или письмо, не послав факс, которого ждут, проявив невоспитанность или отсутствие такта в любой форме. Для репутации «Этики менеджера» важно все: культура речи, одежда, манера поведения, разговор по телефону, имидж, модели поведения, тактика общения, деловая беседа, собеседования, знания и умения невербального общения (жесты, мимика, поза) принципы управленческой этики, гуманизм, коллективизм, потреатизм и др.

Деловые контакты обрабатываются сразу же, как только обнаруживаются некомпетентность или непорядочность менеджеров. И так, основной постулат этики каждой уважающей себя компании может быть выражен девизом «Прибыль превыше всего, но честь превыше прибыли».

Издавна в трудовой морали менеджера (руководителя) выделяется профессиональная этика, которая определяет этические принципы и нормы поведения людей в рамках конкретного вида трудовой деятельности. Профессиональная этика менеджера отражает особенности нравственного сознания, взаимоотношений и поведения людей, обусловленные спецификой профессиональной деятельности.

Характеризуя особенности этики менеджера, Аристотель говорил, что ее целью не знания, а поступки, не для того менеджер изучает этику, чтобы узнать, что такое добродетель, а для того чтобы стать добродетельным.

Такая этика позволяет рассматривать и оценивать деловые отношения менеджеров (предпринимателей, руководителей), а также их личные поведения с точки зрения соответствия общепринятым в деловом мире принципам поведения. Поэтому и в современных условиях сложившихся в РТ отечественных предпринимателей (руководителей) способных, хотя бы в какой то мере мыслить перспективно, самой актуальной задачей является психологические – эстетические оздоровления трудовых групп, производственных коллективов, а вместе с ними и всего общества.

Этика менеджера носит не только теоретический, но и в значительной ме-ре прикладной характер. Её цель состоит не только в том, чтобы освоить азы принципов этики менеджера, но и в том, чтобы сформировать твердость характера, чувство ответственности перед коллективом, обществом и родиной. И так, под

этикой в широком смысле понимается система универсальных и специфических нравственных требований и норм поведения, реализуемых в процессе общественной жизни. Соответственно, этика деловых отношений выде-ляет одну из сфер общественной жизни. Можем привести примеры этики менеджера базируясь на общечеловеческих нормах и правилах поведения, эти-ческие нормы служебных «отношений».

Культура управления – ее значение выросло в последние годы. Так как руководитель – это ключевая фигура коллектива, то от того, что он делает, как относится к людям, каким образом и во что вмешивается – все это очень важно для коллектива. Поэтому руководитель должен всегда вести себя этично, чтобы таким образом подавать пример своим подчиненным.

В коллективе должен цениться каждый человек: и уборщица, и секретарь, и директор, поэтому ко всем нужно относиться с уважением. Он должен располагать подчиненных к себе, т. к. от того, как будут относиться к нему, зависит то, как будут относиться к работе.

Более того, руководитель не должен считать себя сведущим во всех вопросах, так как могут быть и такие области, в которых он может ничего не знать, но любой подчиненный, который хочет сохранить работу, никогда ничего не скажет своему непосредственному начальнику. Нельзя руководствоваться правилом «Шеф всегда прав».

### Как правильно хвалить подчиненных

***Похвала или комплимент*** – это мощное средство воздействия. Оно вызывает ответную реакцию, это может быть и признательность, и повышение лояльности, и стремление к улучшению работы. Похвала должна побуждать исполнителей к повышению качества работы для достижения целей организации.

По статистике, производительность труда увеличивается примерно на 20–25% , если исполнители знают о том, что их работа ценится, и что они выполняют ее на уровне. И на 13–15 % уменьшается количество конфликтов на рабочем месте.

Очень важно уметь выразить свое удовлетворение проделанной исполнителем работой. Ведь всегда приятно, если вам говорят «Этот документ написан очень толково и аккуратно, Вы молодец», чем «А ну-ка, сделайте, и побыстрей!». Слова, порой, можно заменить теплой улыбкой или взглядом.

Особенно важно хвалить сотрудниц – женщин, т. к. психология женщин отличается от мужской и они нуждаются во внимании больше. Если в каждое поручение вкладывать оттенок личной просьбы, так сказать «не в службу, а в дружбу», то тогда результат будет куда лучше, чем поручение, носящее приказной тон.

Прежде чем хвалить своих подчиненных, надо уяснить несколько правил:

· *во-первых, надо учитывать эмоциональный склад человека, которому адресована похвала;*

· *во-вторых, надо выбрать наилучшую форму комплимента;*

· *в-третьих, руководитель должен точно знать, какой цели он хочет добиться похвалой;*

· *в-четвертых, комплимент не должен звучать банально и неправдопо-*

добно.

Более того, нельзя забывать, что похвала должна быть обоснована и своевременна. Ею не надо пользоваться слишком часто, т. к. потом она не будет производить нужного эффекта.

Похвалу нужно выражать тем, кто старается, тем, кто превзошел ожидания, тем, кто справляется со своими обязанностями лучше других, пусть даже совсем немного.

Все это создаст положительное настроение в коллективе, что непременно отразится на его работе.

**Правила конструктивной критики**

Хороший руководитель никогда не начнет разговор с упреков, не выяснив причин, обстоятельств и объяснений. Только после этого можно сказать, что и почему не удовлетворило ожиданий. Оценка действий должна быть объективной.

Правила конструктивной критики:

- *нельзя критиковать человека без нужды;*
- *нельзя отчитывать человека при свидетелях;*
- *даже в критике должна угадываться доброжелательность (ослабить обвинительный акцент, внести уважительный (но не язвительный!) тон);*
- *привести веские аргументы;*
- *не требовать признать правоты критикующего;*
- *подчеркнуть то, насколько важно исправить ошибки;*
- *не критиковать того сотрудника, который знает, как исправить ошибки (ему нужно просто дать такую возможность, тонко намекнуть на его промахи).*

Отчитывая сотрудника, нужно сделать так, чтобы он понял и принял критику. Нужно использовать технику А. Парнасюка «техника разговора – наказания». Она заключается в следующем: прежде чем наказывать сотрудника, надо подготовить положительную почву, и только после этого приступать к самой неприятной части разговора. После этого следует приободрить человека, чтобы от разговора у него остались не только отрицательные эмоции. Чтобы критика была услышана и принята к сведению, надо чтобы сотрудник уважал начальника и прислушивался к его мнению. Это уже работа самого начальника. Если критикуют вас, нужно для начала понять, насколько это обосновано. Если тому есть причины, надо обратить внимание на свою работу и поведение, исправить свои ошибки.

Если же критика не имеет никакого основания, это надо объяснить и доказать свою правоту *(но не переходя на личности).*

***Выводы***

Этика менеджмента (управления) очень важна сегодня, так как сегодня на рынке представлено огромное количество различных фирм, предлагающих свои товары и услуги. Все они должны заводить, развивать и поддерживать отношения с другими фирмами. Наиболее успешной фирмой будет та, чьи принципы, чья дисциплина, этика и этикет будут на самом высшем уровне. Поэтому, важно просвещать людей (а особенно руководителей), обучать их и давать возмож-

ность развиваться в этой области.

В докладе рассмотрены основные принципы этики менеджера, как должен выглядеть менеджер, чтобы добиться успеха, также важно знать как правильно строить отношения с подчиненными.

Если принять к сведению все, на что было обращено внимание в докладе, то приложив сравнительно небольшие усилия, можно стать очень успешным человеком, руководителем, которого будут ценить подчиненные, партнеры, с которым приятно иметь дело и заключать успешные сделки.

Новое время, новые взгляды на этику и психологию менеджера отношений в обществе. Нанотехнологии не могут дать душевного равновесия человеку. Много неповторимых примет у поколения XXI века. Это совершенно особые: пристальное внимание к своему духовному миру, к личной и общественной жизни; горячее желание занять достойное место в обществе. Для этого абсолютно необходимо понять суть того, что соединяет человека с человеком, рождает неугасимую любовь между ними, стремление обрести покой и уверенность в будущем. Эта задача наиважнейшая.

Человеческий фактор определяет и будущее нашей страны. Уже 128 стран признали Таджикистан, и молодым менеджерам надо соответствовать этому признанию на мировой арене.

*Ҷамолиддинов С. Р.,*
*муаллими калон*

# ИДОРАКУНИИ НАВОВАРӢ ВА РАВАНДИ МУОСИРИ СИСТЕМАВӢ НИСБАТ БА ХИДМАТРАСОНИИ САВДО ДАР КООПЕРАТСИЯИ МАТЛУБОТ

**Ҳама оиди обу ҳаво сухан мегӯянд, лекин нафаре нисбати он ягон кор карда наметавонанд.**

*Марк ТВЕН.*

Навоварӣ ҷараёни тағйир додани дониш ва ғояҳо ба мол ва хидмат мебошад, ки арзиши истеъмолӣ дорад. Навовариҳо ба пайдоиши арзиши истеъмолӣ ва баландшавии самаранокӣ мусоидат менамоянд, ки дар шароити муосир рушди корхонаҳои савдои кооператсияи матлуботро таъмин карда метавонад. Ин шӯълае мебошад, ки ба туфайли он одамон ва корхонаҳо ба қуллаҳои баланд ҳаракат мекунанд.

Бидуни навоварӣ молҳои нав, хидматрасониҳои нав ва тамсилаҳои нави бизнес ҳеҷ гоҳ пайдо намешуданд ва корхонаҳо ҳамин тавр истеҳсолу фурӯши маҳсулоти кӯҳнаро бо усулҳои кӯҳна давом медоданд.

***Мақсади асосии бизнес*** афзудани манфиат барои иштирокчиёни он мебошад. Ин тавассути муқарар сохтани баробарвазнии динамикӣ байни арзишҳои рақобатӣ ноил гардида мешавад.

Барои баланд бардоштани арзишҳои иқтисодии худ корхонаҳои савдои системаи кооператсияи матлубот бояд қонеъ гардонидани талаботи харидорон ва мубориза ба муқобили рақибонро бо стратегияи дохилии рушд ва гирифтани фоида мувозина карда бинанд.

Корхонаҳои тараққикардаистода стратегияи худро бо кӯмаки ҷараёни беист қабули қарорҳо дар ҳамаи зинаҳои бизнес амалӣ мегардонанд.

Барои ба амал баровардани стратегия мувозинати чаҳор омили асосӣ ё имкониятҳо зарур мебошад:

### 1. Имкониятҳои молиявӣ

Корхона кадом натиҷаҳои молиявиро бояд дастрас намояд, ки дар назари саҳмгузорон бо муваффақиятҳои хеш фахр карда тавонад?

### 2. Имкониятҳои харидор

Кадом арзишҳоро корхона барои харидорон бояд муҳайё созад, ки сазовори эътибор ва эътирофи онҳо гардад?

### 3. Имкониятҳои дохилии бизнес-ҷараён

Дар кадом бизнес-ҷараён корхона бояд такмил ёбад, ки харидорон, саҳмгузорон ва ҳамкорони худро қонеъ карда тавонад?

### 4. Имкониятҳои омӯзиш, навоварӣ ва инкишоф

Бо кадом тарз корхона бояд қобилияти устувории худро барои сохтани арзишҳои истеъмолӣ ва инкишофи беист нигоҳ дорад, ки мақсади худро ноил ва вазифаашро амалӣ гардонад?

Ин чаҳор имконият мувозинатро байни мақсадҳои наздик ва дур, байни натиҷаҳои дилхоҳ ва қувваҳои онҳоро ҳаракатдиҳанда, байни баҳогузориҳои объективӣ ва субъективӣ инъикос мегардонанд.

Барои ҳар кадом масъалаҳои дар боло зикргардида бояд бо назардошти мақсаду вазифаҳо ва ташаббускориву усулҳои ченаки натиҷаҳо хулоса намуд.

*Ҷадвали 1*

**Таносубияти идоракунии навовариҳо ва идоракунии амалиёт**

| *Идоракунии амалиёт* | *Идоракунии навоварӣ* |
|---|---|
| Тарҳрезии даромадҳои имрӯза | Тарҳрезии даромадҳои фардоина |
| Ҳамаи қадамҳо пешакӣ муайян шудаанд | Қадамҳо номуайянанд |
| Ҳаракат ба пеш, асосан ростхатта | Ҳаракат ба пеш, асосан ғайриростхатта |
| Як роҳ ва як натиҷа | Роҳҳои бисёр ва натиҷаҳои зиёд |
| Пешво – дастаи амалкунанда | Пешво – дастаи кросс-амалкунанда |
| Азнавсозӣ – ин талафот | Азнавсозӣ – ин воқифият |
| Мақсадҳои барои ҳама умумӣ ва фаҳмо | Мақсадҳои нофаҳмо ва аксаран мунокишавӣ |
| Роҳ сафед (равшан) | Роҳ абрнок (ноаён) |
| Чен кардан осон | Чен кардан душвор |
| Маълумоти таърихии бой | Маълумоти таърихии нокифоя |
| Пешгӯӣ кардан мумкин аст | Пешгӯӣ кардан қариб номумкин аст |
| Давраи кутоҳ | Давраи тӯлонӣ (дароз) |
| Омилҳои умумии зиёд | Омилҳои умумии махсус |
| Нақшҳо ва бозингарони анъанавӣ | Нақшҳо ва бозингарони нав |
| Шиор: маҳсулотро дуруст истеҳсол кардан | Шиор: маҳсулоти дуруст истеҳсол кардан. |

Навовариҳо ҷараёни беисти омӯзиши таҷрибавие мебошанд, ки маҳсули он донишҳои нав ва дар таҷриба озмудашуда ба ҳисоб меравconfigurations. Амалиёт ҷа-раёни маълум ва хуб коркардшудаест, ки дар асоси донишҳои кӯҳна идора карда мешавад. Амалиёт арзишҳои имрӯзаро созад, навовариҳо бошанд, баръакс, имкониятҳоиояндаро месозанд. Фарқияти асоси байни амалиёт ва навоварӣ номуайянӣе мебошад, зеро дар шароити навоварӣ моҳияти банақшаги-рӣ, пешгӯӣ кардан ва муайян намудани чаҳорчӯбаҳои мушахас барои намуд-ҳои гуногуни амалиёт ниҳоят паст мешавад.

Эҷодкорӣ ва кӯҳнапарастӣ дар навоварӣ дар давоми ҷараён алоқамандии зич доранд, ки онҳо бизнес-ҷараёнро беназир мегардонанд. Аммо, масъалаҳои кӯҳнапарастӣ дар ин ҷо худ ба худ ягон арзиши амалӣ надоранд. Вазифаи асосии онҳо кӯмак расондан дар ҷараёни пайдоиши донишҳои нав мебошад.

Идоракунии навоварии фаъолият муносибати махсус талаб мекунад. Амалҳои нисбатан самарабахш дар шароити номуайянӣ, ки ба навовариҳо хосанд, фақат бо ёрии ҷараёни омӯзиши мунтазам, тартиби бонизоми ақидаҳои нав дар ҷавоб ба номуайяниҳои нав, санҷиш ва сохтани онҳо дар натиҷаи донишҳои нав мумкин аст.

Дар идоракунии навовариҳо ба як нақша такя намудан асоси илмӣ надорад, зеро пеш аз муҳлат пешгӯӣ намудани ҳамаи ҳодисаҳо ва натиҷаҳои фосилавӣ номумкин аст. Бино бар ин, дар шароити муосир роҳбарон дар системаи кооператсияи матлубот ва дигар субектони хоҷагидор бояд ба кор бо ҷаҳду кӯшиши зиёд камар банданд, бо мурури ҳаракат ба пеш омӯзанд ва фаъолияти худро вобаста ба тағйироти муҳит мутобиқ гардонанд. Айнан ҳамин тавр *навоварони номӣ* амал мекунанд, яъне ба пеш ҳаракат мекунанд, бармегарданд, роҳҳои беҳтаринро тадқиқ менамоянд ва боз аз нав ба пеш ҳаракат мекунанд.

Бояд қайд кард, дониш маҷмӯи тасаввуроте мебошад, ки роҳбарон барои қабули қарор ё барои иҷрои корҳои муҳими корхона истифода мебаранд. Дар фарқият аз иттилооте, ки ҳамчун маълумот муайян мегардад, дониш зарурати лозим будани ин иттилоот ва имконияти истифода бурдани онро дар амал муайян мегардонад. Дониш, хусусан, қобилияти фарқкунанда ва технологияҳо яке аз омилҳои асосии тартибдиҳандаи арзишҳои корхона ба ҳисоб мераванд.

Омӯзиши беист имрӯзҳо омилҳои зарурии муваффақият гаштааст. Дар иқтисодиёти навин муҳимияти дониш барои истеҳсоли маҳсулоти нав ва хидматрасонӣ якбора афзуд, дониш ба қисми бартаридошта дар сохтани арзишҳои истеъмолӣ мубаддал гашт. Табдилёбии дониш ба манбаи асосии тартибдиҳандаи арзишҳои зерин оварда расонд:

– *пешвоёни иқтисодиёти навин ҳамон корхонаҳое гардидаанд, ки бо дониш самаранок идора карданро омӯхтаанд;*

– *сохтан, дарёфт кардан ва мубаддал гардонидани дониш ба маҳсулоти нав ва хидматрасонӣ пеш аз рақибон.*

Умуман, дониш бо худ ҳамаи ғояҳои пурарзиш ва «ноу-хау»-ҳои ҳаётан муҳимро дарбар мегирад, ки фаъолияти корхонаҳои савдои системаи кооператсияи матлуботро барои истеъмолкунандагон лозима ва дилхоҳ (матлуб) мегардонад.

Ҳамин тавр, иқтисодиёти ҷаҳонӣ ҳамонҳоеро дасткушодона мукофот медиҳад, ки дониши нав месозанд, боз онҳоеро, ки самаранок дарёфт кардани дониши нав ва истифодабарии онҳоро дар бизнеси худ омӯхтаанд.


***Адабиёт:***

1. Афонин И. В. «Инновационный менеджмент». Учебное пособие. М., «Гардарики», 2005 г.
2. Котельников В. Ю. «Управление инновациями». М., «Эксмо», 2007 г.
3. Медынский В. Г. «Инновационный менеджмент». Учебник. М., «ИНФРА-М», 2007 г.



***Абдусатторова Р. Ш.,***
***ассистент***


# ГОСУДАРСТВЕННОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ТОРГОВЛИ В РТ

Государственное регулирование современной экономики осуществляется с помощью системы типовых мер законодательного, исполнительного и контролирующего характера правомочными государственными учреждениями в целях стабилизации и приспособления существующей социально-экономической системы к изменяющимся условиям.

Косвенно участвовать в государственном регулировании могут и общественные организации: общества защиты прав потребителей, профсоюзы, политические партии и др. Система органов, осуществляющих государственное регулирование, представлена на рис. 1




*Рис. 1. Система органов, осуществляющих государственное регулирование*

Наиболее яркие изменения в современной экономике отразились, прежде всего, на торговой деятельности. Торговля, выступающая как связующее звено между различными отраслями народного хозяйства, не осталась вне государственного регулирования. Современный механизм регулирования экономической деятельности торговли можно представить как интегрированную систему форм, методов, средств, с помощью которых осуществляется воздействие государства на объекты торговли.

Поскольку в механизме государственного регулирования торговли присутствует обратная связь, его можно рассматривать как закрытую систему взаимоотношений экономических субъектов и объектов, представляющую совокупность элементов и связей между ними.

Как и во многих странах, государственное регулирование торговли в нашей республике осуществляется по трехуровневой системе управления: на уровне министерства экономики и торговли, на уровне субъектов РТ (областных), а также на уровне органов местного самоуправления. В каждом из них созданы соответствующие структуры со всеми конкретными целями, задачами и функциями. Региональная система государственного регулирования торговли взаимодействует с негосударственными структурами по вопросам развития торговой деятельности, также опирается на горизонтальные межведомственные согласования.

Применение принципов механизма государственного регулирования торговли зависит от той модели рыночной экономики, которую мы хотим иметь. В условиях социально ориентированной рыночной экономики основными принципами являются динамичность, системность, стабильность, адаптивность, гибкость, рациональность (оптимальность), оперативность, ответственность, достоверность, эффективность и др.

Принципы механизма регулирования торговли необходимо соотносить с теми приоритетами, на которые необходимо обратить внимание в первую очередь. В качестве социальных приоритетов государственного регулирования торговли можно считать:

· *формирование потребительского рынка;*

· *обеспечение устойчивости функционирования предприятий и организаций торговли как важнейшего фактора региональной экономической безопасности;*

· *создание эффективного механизма реализации Комплексной программы развития инфраструктуры товарных рынков РТ на будущие годы;*

· *изменение стратегии научно-технического, информационного развития;*

· *осуществление комплексной системы мер для повышения инвестиционной привлекательности предприятий, формирование благоприятных условий для притока инвестиций, путем включения рыночных механизмов регулирования, в частности фондового рынка.*

Экономисты многих стран в государственном регулировании в качестве главных составляющих, на первое место ставят социально-экономические отношения.

И. С. Шаршов высказывал по этому вопросу следующее мнение: «Экономическое содержание собственности закрепляется в юридических актах. В практике действуют в большей степени юридические отношения – законодательно установленные формы собственности, рабочий день, зарплата, отношения найма и т. д. Некоторые экономические отношения вне юридических законов не реализуются. Причем необходимы не только законы (о земле, о собственности, об аренде и т. д.), но и механизм их использования. Изучение производственных отношений не сводится к систематизации фактов и их описанию.

Задача заключается в том, чтобы проникнуть вглубь явлений, изучить внутренние связи в зависимости, т. е. познать механизм действия экономических законов»[1].

... «Но знание ... права дает возможность глубже понять экономические процессы и обеспечить эффективное развитие экономики».

Албатта, имконияти рақобатнокии хадамоти тиҷоратии мағозаро на танҳо дараҷаи хидматрасонӣ имконпазир менамояд. Агар мағоза дорои хидматрасонии кафолатӣ ва сервисӣ набошад, он гоҳ имконияти тиҷоратии он суст мегардад [1,с.14].

Ба ғайр аз идоракунии раванди хидматрасонӣ ба мизоҷон идоракунии нишондиҳандаҳои муҳими иқтисодии фаъолияти корхонаи тиҷоратӣ, ба монанди сатҳи гардиши мол, суммаи даромад ва фоида, таъминоти тиҷоратии рушди минбаъдаи он ба самаранокӣ ва рушд бевосита таъсир менамояд.

Дараҷаи баланди маданияти хидматрасонӣ ва обрӯю нуфузи баланд арзиши бозории мағозаро дар бозори истеъмолӣ баланд мебардорад.

Мафҳуми «дараҷаи маданияти хидматрасонӣ ба харидорон дар мағоза» бо як қатор унсурҳои мушаххас муайян карда мешавад. Ба қатори унсурҳои муҳимтарин инҳоро дохил намудан мумкин аст:

*1. Дар мағоза мавҷуд будани номгӯи васеи мол барои пурра қонеъ гардонидани эҳтиёҷот ва талаботи харидор.*

*2. Дар мағоза истифода намудани усулҳои пешқадами фурӯши молҳо, то ки барои харидорӣ намудан вақти кам сарф гардад.*

*3. Ба харидорон пешкаш намудани хидматрасониҳои тиҷоратии иловагӣ, ки хусусияти молҳои дар мағоза фурӯхташавандаро талаб мекунад.*

*4. Истифодаи васеи воситаҳои рекламаи дохилимағозавӣ ва иттилоот.*

*5. Таснифоти баланди касбӣ ва ҳавасманд гардонидани кормандоне, ки бевосита дар толори фурӯш раванди хидматрасониро таъмин менамоянд.*

*6. Риояи пурраи қоидаҳои ҷоришудаи фурӯши молҳо ва тартиби ташкили савдо дар мағоза.*

Ҳавасмандгардонии дохилимағозавӣ ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мешаванд: *дарк кардан, таносуби нарх/арзиш, самаранок пешкаш намудани мол, дараҷаи пешниҳоди хадамот, ҳам дар вақти харид ва ҳам баъд аз он* [2, с.105].

Ба вуҷуд овардани муносибати тарафайн ва муомилаи хуб бо харидорон барои корхонаи савдои чакана бисёр муҳим аст ва он бояд тараққӣ рушду такомул ёбад. Агар харидор аз фурӯшанда ба ғайр аз моли хуб боз муомилаи ҳалимонаю хайрхоҳонаро дарёбад, ӯ албатта мизоҷи доимии мағоза мегардад. Психологияи харидорро фақат фурӯшандагони ҳушёр ва хушмуомила дониста метавонанд.

Қаноатмандии харидорро муносибати андаке хайрхоҳу дилсӯзонаи фурӯшанда ба вуҷуд меорад. Масалан, харидор як чизро гирифтанист, вале оҳиста мегӯяд, ки маблағи дар дасташ буда кофӣ нест пас фурӯшанда номаълум ва ҳамдардона он чизеро барояш пешниҳод мекунад, ки онро мизоҷ харида тавонад. Ин чизҳои содда, вале барои мустаҳкам шудани муносибатҳои фурӯшандаю мизоҷ хеле муҳим аст.

Муносибати хайрхоҳона бо фурӯшандагон ҳангоми бомуваффақият харид намудан метавонад, қаноатмандиро дар харидорон барпо намояд, зеро харидорон муносибати худро бо кормандон мустаҳкам мекунанд, на бо корхонаи тиҷоратӣ [3, с.261].

Таҷрибаи фурӯшандагон, хусусан, ҳангоми фурӯши молҳои техникӣ, ба монанди компутерҳо, аудио ва видеоаппаратураҳо хеле муҳим аст. Боварии харидор ба фурӯшанда барои созиш кардан аҳамияти калон дорад. Бино бар он, ҳангоми ба кор қабул намудани кормандони тиҷоратӣ ба дараҷаи омодагии психологии онҳо ҳатман диққати калон додан лозим аст, зеро пешкашкунандаи маҷмӯи иттилоот доир ба молу хидматрасонӣ худи онҳоянд.

Фурӯшанда метавонад, бо усули боварикунонӣ ва сухани хуш мизоҷро ба таъсири худ дарорад. Агар аз намуди зоҳирии фурушанда муайян гардад, ки вазифаи асосии вай танҳо фурӯши мол аст, пас эҳтимолияти аз харидорӣ даст кашидани мизоҷ бештар мешавад.

Аз назари мо вазифаи маркетинг дар савдои чакана аз омӯхтан, ошкор кардану тадқиқ намудани харидорони аз дастрафта ва муайян кардани сабабҳои аз ин мағоза дигар харидорӣ накардани онҳо иборат аст.

Талаботи асосии харидорон дар марҳилаи кунунӣ харид намудан дар вазъияти ороми бе ҷустуҷӯҳои дуру дарози моли зарур мебошад. Истеъмолкунанда дар он ҷое харид менамояд, ки ба ӯ қулай бошад. Макони қулай бошад, он ҷоест, ки ба вай дар сатҳи баланд хидматрасонӣ мекунанд. Маҳз хидматрасонии сатҳи баланд теъдоди харидоронро афзун намуда, истеъмолкунандагон мизоҷони доимии мағоза мегарданд, яъне афзалияти рақобати устувор пойдор мегардад.

Рақобатпазирӣ шарти асосии рушди субъекти хоҷагидорӣ ба ҳисоб меравад. Асоси рақобатпазириро бошад, самаранокӣ ташкил медиҳад. Дараҷаи баланди самаранокиро ба даст овардани корхона сатҳи рақобатпазирии корхона муайян мекунад.

Хидматрасонии савдои чакана натиҷаи таъсири мутақобилаи фурӯшанда ва харидор, инчунин фаъолияти хусусии фурӯшанда оид ба қонеъ гардонидани талаботи харидорон ҳангоми хариду фурӯши молҳо мебошад.

Дараҷаи баланди хидматрасонӣ ба зиёд намудани миқдори муштариён оварда, нуфузи мусоиди корхонаро ташаккул дода, дар навбати худ ба афзоиши нишондиҳандаҳои молиявии корхона оварда мерасонад.

Савдои чакана бо қонеъгардонии эҳтиёҷоту талаботи харидорон алоқаманд мебошад. Дар ин муносибат дар маркетинги савдои чакана намудҳои зиёди фаъолият ба ҳавасмандгардонии харидорон ҳангоми харид намудани онҳо равона карда шудааст.

Яке аз намудҳои ҳавасмандгардонии харидорон ташкили фурӯши молҳо бо нархҳои арзон (распродажа) ба ҳисоб меравад. Он бо мақсади ҷалб намудани таваҷҷӯҳи харидорон ба мағоза, ташкили самараноки раванди хариду фурӯш ва бо молҳои ба фурӯшнарафта банд нагаштани анбори мағозаҳо ташкил карда мешавад.

Муносибати харидорон ҳангоми фурӯши молҳо бо нархҳои арзон (распродажа) тағйир меёбад. Фурӯши молҳо бо нархҳои арзон аҳён-аҳён баргузор мегардад ва харидорон онро ҳамчун як чорабинӣ қабул мекунанд ва он харидоронро барои тавҷҷӯҳи ҳатмӣ водор месозад.

Харидорон ҳангоми харид намудан аз фурӯши молҳо бо нархҳои арзон ҳам фоидаи эҳсосотӣ ва ҳам молиявӣ ба даст меоранд. Манфиатбахшии ха-

рид аз он иборат аст, ки харидорон нархи молро то фурӯши молҳо бо нархҳои арзон ва дар вақти он муқоиса менамоянд ва фарқиятро ҳамчун сарфаи ҳақиқии худ мешуморанд.

Мутахассисони соҳаи маркетинг сифатҳои дигари барои фурӯшандагон зарурро ҷудо менамоянд: *бо харидорон муносибати хубро ба роҳ мондан; дарёфти ҳалли ғайрианъанавӣ; боваринокӣ; қобилияти фикрронии таҳлилӣ ва нуқтаи назари эҷодӣ; санъати бовар кунонидан ва некхоҳӣ.*

Харидорон ба навбати дуру дароз, нархномаҳои бо ҳарфҳои майда навишташуда ва ба шароити номусоид назари манфӣ менамоянд. Байни фурӯшандагон ва харидорон муносибати дӯстонаи хуб барқарор шуданаш лозим аст. Ин муносибат барои нигоҳ доштани мизоҷони доимӣ ва ҷалб кардани мизоҷони нав мусоидат менамоянд.

Барои баланд бардоштани сифати хидматрасонии тиҷоратӣ ҳатман бояд мақсади фаъолияти меҳнатии кормандони магозаҳоро омӯхта, барои самаранок меҳнат намудани онҳо низоми ҳавасмандгардонӣ коркард карда шавад. Манфиати моддии фурӯшандагон ва дигар кормандони мағозаро баланд бардошта, самтҳои навро дар пардохти маоши онҳо истифода баранд.

Ҳамин тавр, зикр бояд кард, ки идоракунии раванди хидматрасонӣ ба мизоҷон самти муҳими стратегии рушди корхонаи савдо, таъминкунандаи имконияти рақобатпазирии он ба ҳисоб меравад.


**_Адабиёт:_**

1. Михайлова Е. «Облуживание покупателей в розничном бизнесе» // «Маркетинг», 2006 г., N6.
2. Михайлова Е. «Ключевые маркетинговые факторы успеха в сфере розничной торговли» // «Маркетинг», 2005 г., N5.
3. Саливан М., Эдкок Д. «Маркетинг в розничной торговле». СПб., «Нева», 2004 г.



***Хонкелдиев М.,***
***ст. преподаватель***


# ЗАРОЖДЕНИЕ И РАЗВИТИЕ КРИМИНАЛИСТИЧЕСКИХ ПОЗНАНИЙ В ЦАРСКОЙ РОССИИ

Появление криминалистических методов, средств и приемов неразрывно связано с отправлением правосудия, следственной, сыскной и экспертной деятельностью. Еще в XV и XVI вв. писари и дьяки в Москве, Новгороде, Пскове «свидетельствовали» подложные документы, проводили сличение подписей, скрепляющих рукописные тексты, о чем сохранились упоминания в летописях, торговых и иных архивах.

Начиная с XVII в. в работах по уголовному судопроизводству появляются рекомендации о привлечении к расследованию и судебному расследованию

уголовных дел лиц, сведущих в распознавании ядов и сличении почерков, обладающих медицинскими и другими специальными познаниями.

В XVIII в. были предприняты первые попытки были предприняты первые попытки обобщения отечественной судебной практики. Так в работе И. Т. Посошков «О скудости и богатстве» (1724) рассматривались не только вопросы судопроизводства, но и обычные тогда приемы ведения следствия; испытание на дыбе, огнем и железом, лишением пище и воды.

В 1805 г. вышло в свет первое в России пособие, содержащее общие правила и тактические приемы расследования преступлений, – «Зерцало правосудия», где его автор П. Раткевич назвал несколько направлений изобличения виновного: «от лица» (потерпевшего), «от причины», «от дело» (т. е. происшествия), «от места», «от способа», «от орудий», «от времени» и пр. Как и в других государствах, в Российской империи становление криминалистики неразрывно связано с развитием уголовного процесса. В первой половине XIX в. интерес к следственной деятельности заметно возрос: было опубликовано несколько работ суммирующих практикуемые приемы допроса, очной ставки, обыска, иных следственных действий. В этой связи заслуживает упоминания «Опыт краткого руководства для произведения следствий» (1833) Н. Орлова, где отмечалось: *«Производить следствие надлежит по горячим следам с особенным вниманием и крайней осмотрительностью, дабы ни малейших обстоятельств, особенно при начале, не было выпущено из виду».*

Здесь же содержались отдельные рекомендации о тактике производства допроса, очной ставки, предъявления для опознания подозреваемых.

В работе Я. Баршева «Основания уголовного судопроизводства с применением к российскому уголовному судопроизводству» (1841) говорилось, например, что «домашний обыск должен быть производим неожиданно, со всю внимательностью и наблюдением над действиями лиц, живущих в обыскиваемом доме» или что «наилучшим должно почесть тот образ допроса, в котором делается переход от более общих вопросов к наиболее частным, чтобы таким образом дать обвиняемому повод высказать себя и обстоятельства преступления». Более того, описания хода и результатов «личного осмотра преступления и следов его» должно быть настолько подробным и точным, чтобы те, «которые должны воспользоваться этим актом, могли получить посредством него столь ясное и полное представление о предмете осмотра, как будто б они сами производили его». Есть в этой работе и рекомендации по расследованию убийств, краж, должностных подлогов, злостного банкротства.

Начиная с 1864 г. вследствие коренной судебной реформы резко возрос интерес к использованию косвенных улик, приемам их собирания и оценки. Характерным примером здесь может служить труд А. А. Квачевского «Об уголовном преследовании, дознании и предварительном исследовании преступлений по Судебным уставам 1864 г.» В нем анализировались способы совершения отдельных видов преступлений, подчеркивалось значение следов в установлении и изобличении преступника, подробно рассматривались порядок изучения документов, упаковка вещественных доказательств, другие приёмы собирания судебных доказательств. Автор писал: «Одним из лучших ука-

ятелей на известное лицо служат следы его пребывания на месте преступления. Они бывают тем лучше… чем отличительнее они, чем более в них чего-либо особенного, например, отпечатков разного сорта гвоздей на подошвах, след копыта лошади, кованной на одну ногу…».

П. В. Макалинский в «Практическом руководстве для судебных следователей» (1901) так писал об использовании фотосъёмки при осмотре места происшествия: «В особенности большую могла бы приносить фотография в осмотрах по делам об убийствах, виновные в которых еще не известны: здесь каждая мелочь имеет значение, а между тем часто при осмотре довольно трудно угадать, на какие именно мелочи следует обратить преимущественное внимание; фотография передаст все без упущений. Притом, как бы ни был добросовестен и тщателен осмотр, как бы он ни был ясно, последовательно, картинно и даже художественно изложен, описание никогда не может дать такого наглядного представления, как фотография».

Развитие криминалистических знаний в России способствовало изданию переводов работ зарубежных авторов: «Руководство для судебных следователей» Г. Гросса, «Словесный портрет» и «Научная техника расследования преступлений» Р. А. Рейса, «Уголовная техника. Руководство к расследованию преступлений» А. Вейнгардта.

Начиная с 1880-х гг. журналы «Право», «Вестник полиции», «Журнал министра юстиции», «Юридическая летопись», «Журнал гражданского и уголовного права», а также «Судебная газета» периодически публиковали статьи иностранных и отечественных криминалистов, что весьма способствовало распространению криминалистических знаний среди юристов-практиков.

В 1907 г. МВД Российской империи издало циркуляр о применении полицией России дактилоскопического метода регистрации и идентификации, а в 1908 г. во всех 89 сыскных отделениях полиции были организованы дактилоскопические бюро.

В 1909 г. В. И. Лебедев составил первую в России инструкцию по «пальцепечатанию». Им же в 1909 г. в Варшаве, в 1911 г. в Одессе и в 1912 г. в Санкт-Петербурге были проведены первые дактилоскопические экспертизы.

В 1908 г. С. Н. Трегубовым была подготовлена «Настольная книга криминалиста-практика», а в следующем году В. И. Лебедев опубликовал капитальное практическое руководство «Искусство раскрытия преступлений» в трёх выпусках: дактилоскопия, антропометрия, судебная фотография.

Шло накопление криминалистических знаний и в сфере судебной экспертизы. Еще в XVIII веке Императорская Академия наук по ходатайству судов и полиции решало вопросы судебно-медицинского характера, определяло содержание золота и серебра в драгоценных сплавах. С середине XIX века в Академии наук начали подвергать анализу спорные документы. В 1818 г. была создана Российская экспедиция заготовления государственных бумаг, одной из функцией которой стало проведение экспертизы подозрительных банкнот. В 1878 г. в составе Русского технического общества выделился фотографический отдел.

Первым криминалистическим учреждением в России считается судебно-

фотографическая лаборатория, созданная в 1889 г. Е.Ф. Буринский при Санкт-Петербургском окружном суде. Она послужила отправным пунктом в формировании системы российских экспертных учреждений. Здесь он вёл эксперименты и производил судебные экспертизы документов на основе использования фотографических методов. В частности, им был разработан и экспериментально испытан метод фотографического усиления контраста изображения, сделаны опыты по цветоделению и микрофотографии. Первую признанную судом экспертизу документов с использованием фотографических методов и приложением фотоиллюстрации Е. Ф. Буринский выполнил в 1898 г.

Вклад Е. Ф. Буринского в развитие отечественной криминалистики заключился главным образом в разработки новых фотографических методов исследования документов. Его фундаментальный труд «Судебная экспертиза документов, производство её и пользование ею» (1903) и сегодня читается с большим интересом. Не мало сделал Е. Ф. Буринский и для совершенствования почерковедческой экспертизы.

Многопрофильным криминалистическим учреждением стал кабинет научное судебное экспертизы при прокуроре Санкт-Петербургской судебной палаты, учреждённый специальным законом в 1912 г. положением о кабинете. Его сотрудникам вменялось в обязанности не только производить научные исследования по уголовным и гражданским делам и давать по ним экспертные заключения, но и выезжать на места совершении преступлений для производства фотографических снимков и участия в осмотре местности, трупов и всевозможных следов. Затем аналогичные кабинеты открылись в январе 1913 г. в Москве, в 1914 г. в Киеве и Одессе. Деятельность этих кабинетов способствовала активному внедрению криминалистических знаний в российский уголовный процесс, совершенствовании средств и методов раскрытия и расследования преступлений. Сотрудники кабинетов не только производили исследования и выполняли экспертизы, но активно распространяли идеи криминалистики, переводя и публикуя работы зарубежных криминалистов и результаты собственных трудов.

В этот период научный и практический уровень криминалистики и судебной экспертизы в России был не ниже зарубежного. Об этом свидетельствуют, в частности, высшая награда, полученная русским отделом судебно полицейской фотографии на международной фотовыставке в Дрездене в 1909 г. в ней участвовали не только столичные, но также Самарское и Уфинское полицейские отделения. Экспонировались руководство, таблицы и практические пособии по судебной фотографии, регистрационные снимки преступников и их отпечатков пальцев, фотоиллюстрации к раскрытию фальшивомонетничеств, убийств, разбойных нападений, краж со взломом.

## 3. Бахши гумрук ва молиявӣ

*Қобилов Н. Қ.,*
*н.и.к., дотсент*

# ТАРКИБИ КИМИЁВИИ ЧОРМАҒЗ ВА ИСТИФОДАИ ПӮСТИ ОН

Чормағзи мисрӣ (ҷавз) дарахти азимҷуссаи мевадори ғизоӣ буда, он то 35 метр қад мекашад, сершоху сербарг ва то 500 сол умр мебинад. Чормағззорҳои табиӣ дар Америкои Ҷанубӣ, Хитой, Фаронса, Миср, Ҳиндустон, Молдова, Украина ва дар кӯҳҳои Осиёи Миёнаю Қафқоз (Тиёншон, Олтой ва Помир) ҷойгир шудааст. Ба Русия чормағзро 1000 сол пеш аз ин савдогарон ва тоҷирони Миср бурда буданд, ки он чормағзи мисрӣ ном гирифтааст.

Чормағззори табиии Ҷумҳурӣ асосан дар Тоҷикистони Марказӣ (дар қаторкӯҳҳои Ҳисор, Қаротоғ, Вахш, Дарвоз), қисман дар Помири Ғарбӣ (дар Ванҷ, Язғулом, Шуғнон, Рӯшон) воқеъ гардидааст.

Дар Тоҷикистони Шимолӣ дар соҳилҳо, водиҳо ва кӯҳҳо дар шакли алоҳида дучор мешавад, он дар ин ҷойҳо хеле хуб нашъунамо меёбад ва парвариш карда мешавад. Ҷангалзори чормағзи Ҷумҳурӣ дар баландиҳои аз 1000 то 2900 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир буда, масоҳати онҳо 16669 гектарро ташкил медиҳад. Парвариши чормағз дар хоҷагиҳои ҷангали ҶТ соли 1947 сар шуда, то ҳол вусъат ёфта истодааст.

Аввалин чормағззор дар Тоҷикистон дар қаторкӯҳҳои Дарвоз ба вуҷуд омадааст. Соли 1950 масоҳати чормағззор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 176 га, соли 1960 ба 6928 га, соли 1970 ба 16669 га ва соли 1983 ба 30 ҳазор гектар расидааст.

Дар Ҷумҳурӣ бештар навъҳои чормағзи маҳаллии «Тоҷик-Лос», «Авитсена», «Рӯдакӣ», «Ромит-148», «Сабо» парвариш карда мешаванд.

Чормағзи пайвандкарда баъди 6–8 сол ҳосил медиҳад ва баъди 15 сол то 260 кг ва дар Помири Ғарбӣ то 300 кг (яъне, 25–30 сентнер аз 1 га) ҳосил медиҳад[1].

Рӯи чормағзро пӯсти ғафси сабз пӯшонидааст, ки ҳангоми пухтан кафида, ба ду ҳисса ҷудо мешавад ва чормағз озод шуда, ба замин меафтад. Баргҳои чормағз калони кунгурадор, гулаш майдаи дар хӯшаҳо ҷамъшуда мебошад. Мағзи чормағз хеле серғизо, хуштаъм ва хусусияти хуби парҳезӣ дорад. Аз қадимулайём он яке аз дармонҳои беҳтарин ҳисобида мешуд, ки онро Закариёи Розӣ, Абӯалӣ Сино, Абӯрайҳони Берунӣ ва дигар табибони мулки Аҷам васеъ истифода менамуданд.

Абӯалӣ Сино меваи чормағзро барои табобати касалиҳои узвҳои ҳозима, роҳи нафас ва бар зидди заҳри ҳашарот истифода мебурд. Муҳаммад Ҳусайни Шерозӣ навиштааст, ки барои пиронсолон мағзи чормағз бо мавизи бедона ва анҷири хушк (12 дона чормағз, 300 г анҷири хушк, 300 г мавизи бедона) ғизои беҳтарин ба ҳисоб меравад. Онҳоро омехта, дар як шабонарӯз як маротиба дуқошуқӣ дар қисми дуюми рӯз бо ҷурғот ё кефир истеъмол кардан фоида-

овар аст. Аксар вақт чормағз ё мағзи онро ҳамчун маҳсулоти хурока мефурушанд ва онро ба навъҳои олӣ, якум ва дуюм ҷудо мекунанд.

Мағзи чормағз 60–82% равған, 15–20% сафеда, 5–15% карбогидрат, витаминҳои С–2,8 %, Е–23мг%, $Б_1$–0,38 мг%, $Б_2$–0,23%, $Б_6$–0,82мг%, каротин–0,05 мг%, аминокислотаҳо 5247 мг% (валин, изолейсин, азомитсин, лизин, метионин, фенилаланин) ва миқдори аминокислотаҳои ивазшаванда 1344 мг (гистидин, тирозин, систеин) дорад.

Микроэлементҳои калий 664 мг%, калтсий 24 мг%, магний 198 мг%, сулфур 100 мг%, фосфор 564 мг%, манган 1900 мг%, мис 527 мкг%, фтор 685 мкг%, руҳ 2570 мкг% мавҷуд аст. Ғизонокии чормағз хеле баланд буда, 100 г он 650 ккал (1417 кж) энергия медиҳад. Чормағз 3 маротиба аз нон, 7 маротиба аз картошка, 10 маротиба аз шир, 12 маротиба аз себ ғизоноктар аст. Барои қонеъ гардонидани меъёри якрӯзаи чарбҳо барои инсон 6–8 дона чормағз кифоя аст. Дар Қафқоз ва Молдова анъана шудааст, ки ҳангоми таваллуди фарзанд ба номи ӯ дарахти чормағз мешинонанд[3].

Чормағзро барои тайёр кардани ҳалвои чормағздор (таркиби он; кунҷит, офтобпараст, шакар, чормағзи заминӣ) истифода мебаранд. Он маҳсулоти қаннодии серғизо буда, 100 г он 500 ккаллория энергия медиҳад. Аз ҷиҳати равғанноки ва каллориянокӣ ба шоколад наздик аст. Ҳалвои чормағздорро дар фабрикаҳои қаннодӣ ва консервбарорӣ истеҳсол мекунанд. Ба ҳалвои чормағздор 8–10 фоиз мағзи чормағз ҳамроҳ мекунанд.

Мағзи чормағзро барои тайёр кардани шириниҳои шарқӣ васеътар истифода мебаранд. Намудҳои он: карамели лавз, казинок, макки чормағз мебошад. Мағзи чормағз ба ҳазми ғизо кӯмак мерасонад ва меъдаро пурқувват мекунад.

Табибони халқӣ бо кӯфтаи мағзи чормағз ва мавиз захми меъдаро табобат мекунанд. Хӯрдани он бо мавиз барои касалиҳои дил фоиданок аст ва он қувваи мардиро зиёд мекунанд. Одатан мағзи онро хом ё бирён карда, истеъмол мекунанд. Истеъмоли чормағз ва равғани кӯҳна, ки ранги сиёҳ ва маззаи тунд дорад, одамро заҳролуд мекунад[2].

Дар барги он гидроюглон (ба тезӣ оксид шуда, ба юглон табдил меёбад), флавонидҳо, гиперозид, 3-арабинозид кверсетин, 3-арабинозид кемпферол, моддаҳои даббоғӣ; витамини С (5%), каротин (то 0,33 мг%) ва равғани эфир мавҷуд аст.

Дар барги чормағз витаминҳои В1, С, (кислотаи аскарбин (4-5 %), в-каротин, моддаҳои даббоғии рангкунанда (3–4% флавоноидҳо) равғани эфир, хинонилин, фитосидҳо, флавоксантин ва ғайра мавҷуд аст. Аз кадим барги онро барои муолиҷаи бемории чашм, ширинча, рахит ва сил истифода мебурданд.

Баргҳои чормағзро барои касалиҳои варами ғадуд, варами милки дандон, пӯсти бадан ва бар зидди кирмҳо истифода мебаранд. Дар шароити хона қиёми обии онро чунин тайёр мекунанд: як қошуқ барги хушки майдакардашудаи чормағзро бо як стакон оби гарм омехта карда, дар як рӯз ин миқдор доруро кам-кам мехӯранд. Барои резонидани кирмҳои гурда як қо-шуқ баргҳои хушки чормағзро дар як стакон оби ҷӯшида дам карда, пас аз ду соати гарм нигоҳ доштан, онро полида, як қошуқӣ 3–4 бор дар як шабонарӯз истеъмол менамоянд.

Барои касалиҳои берунӣ (касалиҳои гулӯ, пӯст ва ғайра) 3–5 қошуқ барги хушкро дар 0,5 л об дар муддати 15 дақиқа ҷӯшонида, баъд аз полоидан исти-

фода мебаранд.

Барги чормағз моддаҳои талх ва муаттар дорад, ки истифодаашон инсонро ба дарди сар гирифтор намуда, баданро лоғар мекунад ва аз ин сабаб дар зери дарахти чормағз хоб кардан хатарнок буда, дар зери он ниҳол ва рустаниҳо нағз намесабзанд. Дар таркиби лифофаи сабзи норасида моддаҳои даббоғӣ (25%), моддаи рангдори юглон, витамини С кислотаи аскорбин мавҷуданд. Молидани лифофаи сабзи чормағз дандонро сафед мекунад ва агар каме аз он ё пӯсти онро дар сурохии дандони кирмхӯрда гузоранд, дарди онро дармон мебахшад.

Чормағзи хом ба миқдори зиёд витамини С дорад, ки назар ба лимон ва лимӯ 50 маротиба зиёд аст. Аз ҳамин сабаб як қисми ҳосили чормағзи хомро барои тайёр намудани маҳсулоти сервитамини С-дор, яъне мураббо ва шарбат ба кор мебаранд. Миқдори кислотаи аскорбин баробари пухта расидани чормағз кам мешавад.

Дар таркиби чормағзи сабз (норасида) витаминҳои А, С (3%), ҳамаи витаминҳои гурӯҳи Б К, Е, В-каротин, дар лифофааш кислотаҳои органикӣ йод, дар баргҳои он алдегидҳо мавҷуданд.

Олимони тоҷик Шерматов М. ва Қобилов Н. бо усули терминӣ ҷудо кардани йодро аз пӯсти чормағзи норасида кор карда баромаданд, ки дар натиҷа соҳиби шаҳодатномаи муаллифии ихтироъкор гардиданд[5].

Дар тибби муосир аз барг ва лифофаи сабзи чормағз ё чормағзи хом доруи «Юглон» истеҳсол мекунанд. Он дар таркиби худ витамин, сафеда, флавонид, моддаҳои даббоғии зиёд дорад. Он ҳамаи микробҳои касалиовари стафилоккокҳо, стрептоккокҳоро мекушад. Юглон хосияти зидди илтиҳобӣ дорад ва микробҳои касалиоварро нест мекунад, барои табобати бемории сил, диабети қанд, шамолхӯрии шуш ва касалиҳои сирояткунанда истифода мешавад.

Юглонро мустақилона чунин тайёр кардан мумкин: як қошуқ барги хушк ё пӯсти хушккардаи сабзи чормағзро дар ду стакон оби ҷӯш, ду соат дам карда, ду-се маротиба дар як шабонарӯз яккошуқӣ пеш аз хӯрок истеъмол мекунанд. Он дар шакли маҳлули обии спирт истифода мешавад.

Равғани чормағз хушбӯй, хуштаъм буда, хусусияти парҳезӣ дорад, аз дигар равғанҳо аз ҷиҳати таъм ва шаффофии ранг бартарӣ дорад, чунки кислотаи линоленӣ мавҷуд аст, ки барои инкишофи организм муҳим буда, фишори хунро муътадил ва фаромӯшхотириро пешгирӣ менамояд. Мағзи чормағзро бо зираи сиёҳ маҳин соида, бо асал омехта, ба сар ва бадани бемори фалаҷ, рӯяш каҷшуда, гирифтори дардҳои буғумҳо ва бемории аз сардӣ ба амаломада дар офтоб, хонаи гарм, ҳаммом моланд (аммо оби сард нанӯшанд ва гарм нигоҳ доранд), шифо мебахшад.

Ин равғанро аз қадим чун доруи киҷҷарон, инчунин барои муолиҷаи чашму ҷигар, шамолхӯрии гурда, роҳи пешоб, анемия ва тайёр кардани лок, рангҳои меъморӣ, собуни аълосифат, туш ва ғайра истифода мебаранд. Молидани он барои шукуфаи пӯст, сабзонидани мӯи сар, ба ҷойҳои мӯйрехтаи сар даво мебошад. Агар онро дар бинӣ чаконанд, каҷ шудани рӯй, фалаҷ ва ҷингак шудани узвҳоро нафъ орад. Барои занҳои ҳомила фоидаовар аст. Дар таркиби он калтсий ва фосфор мавҷуд аст, ки барои пешгирии бемории рахит (бачаҳо) фоидаовар аст. Равғани он глисериди кислотаи лиоленӣ, олеинӣ, стеарин, палмитин

дорад. Кунҷораи равғани чормағз хӯроки серғизои чорво ба шумор меравад.

Дар пардаи мобайни чормағз моддаҳои даббоғӣ 38%, алкалоидҳо, йод, витамини С ва кислотаҳои органикӣ мавҷуданд.

Аз барг, мағзи хоми тару тоза ва пӯсти он доруи юглон тайёр мекунанд. Юглон танҳо дар чормағзи хом ва барги он дучор мешавад. Аз чӯби чормағз асбобҳои мусиқӣ, мебел ва ғайра месозанд.

Омехтаи чормағз ва мавиз мушакҳои дилро бақувват месозад Чормағзҳои сабзи то охири июн ҷамъоваришударо бо асал омехта намуда, истеъмол мекунанд. Он тобоварии (иммунитет) баданро баланд мекунад. Ҳангоми халалёбии кори ғадуди сипаршакл се қошуқ чормағз ва як қошуқча асал истеъмол менамоянд. Мизоҷи чормағз дар дараҷаи дуюм гарм ва дар якум хушк аст.

Ҳангоми истифодаи мағзи чормағз, лифофаи сабз, барги он (захрнок) эҳтиёт шудан лозим аст. Чунки онҳо захрноканд ва аз ҳисоби зиёд будани сафедааш (15%) аллергия ва диатез шудан мумкин.

Барои онҳое, ки бемории пӯст (писориаз, экзема, нейродермат) доранд, истеъмол кардани чормағз раво нест.

Ба номи чормағз дар Тоҷикистон ағбаи Чормағзак ва дар Русия шаҳраки Орехо-Зуево гузошта шудааст. Ин ағба дар баландии 1678 м аз сатҳи баҳр ҷойгир буда, аз он роҳи автомобилгарди Душанбе – Норак мегузарад, ки он тамоми сол кор мекунад.

Олимон муқаррар намуданд, ки баробари пухтани мағзи чормағз витамини С аз 5 % то 2 % кам шуда, равғаннокии он меафзояд.

Пӯст, мағз, равған ва пардаи чормағзро барои табобати бемориҳои дил, фалаж, захми меъда, фаромушхотирӣ, киҷҷа, диабети қанд, рахит, баландбардории иммунитети бадан, камқувватӣ, шамолхӯрии шуш, гурда, анемия ва саратон истифода мебаранд. Мо барои табобати ин гуна бемориҳо таркиби мушаххасро тавсия намудем.

Мағзи чормағзро дар саноати хӯрокворӣ, таббохӣ (кулинарӣ), қаннодӣ, ҳамчунин барои пухтани торт, ҳалвои чормағздор ва ранг кардани пӯст истифода мебаранд.

***Адабиёт:***

1. Холдоров У. «Энсклопедияи советии тоҷик». Душанбе, қисми 8, соли 1988, 240–242 саҳ.

2. Ҳикматов С. И., Суфиев М. М. «Молшиносӣ ва экспертизаи молҳои ғизоӣ». «Империал Групп», 2009, 73–75 саҳ.

3. Нуралиев Ю. Н. «Лекарственные растения. Лечебное свойство фруктовых овощей». Д., «Маориф», 1989, 232–235 саҳ.

4. Қобилов Н. Қ., Шерматов М. Шаҳодатномаи муаллифии ихтироъкор таҳти рақами 0273 TJ, 02.08.2010 «Оиди ҷудо намудани йод аз пӯсти чормағз бо усули термикӣ».

Салимов И. И.,
н.и.т., дотсент

# ЛОГИСТИКА – ОМИЛИ БАЛАНДБАРДОРИИ РАҚОБАТПАЗИРИИ ШИРКАТ

Дар шароити имрӯзаи рақобати баланд дар бозор ҳар як ширкат роҳҳои гуногуни баландбардории рақобатпазирии худро ҷустуҷӯ намуда, барои ин кӯшиши зиёд ба харҷ медиҳад. Яке аз омилҳое, ки ба баландшавии рақобатпазирии ширкат оварда мерасонад, дар фаъолият истифодабарии консепсияҳои логистикӣ мебошад. Дар бисёр адабиётҳои хориҷа қайд карда шудааст, ки ширкатҳое, ки консепсияҳои логистикиро ба сифати силоҳ қабул намудаанд ва дар асоси он стратегияи худро тартиб додаанд, ба нишондиҳандаҳои хуб ноил шудаанд. Хусусан, нишондиҳандаҳое, ки таносуби фоидаро аз фурӯши мол ва хидматрасонӣ ба маблағи сармоягузоришуда инъикос менамоянд. Дар ин маврид ба арзиши дутарафаи логистика ишора карда мешавад – камшавии хароҷот ва зиёд гардидани ҳиссаи ширкат дар бозор.

Таъсири логистика ба хароҷоти бо фурӯши мол алоқаманд аён аст. Ба ин хароҷот дар чаҳорчӯбаи нуқтаи назари (назардошт) логистикӣ хароҷот оиди иҷрои фармоишҳо, ки хароҷотро барои коркард, боркӯчонӣ ва анборкунии борҳо, идоракунии захира, борпечкунӣ, таъмин шудан бо қисмҳои эҳтиётӣ, хидматрасонӣ баъд аз фурӯшро дарбар мегирад, дохил мешаванд. Аёнии таъсири логистика ба хароҷот дар он аст, ки <u>*логистика*</u> – илм дар бораи ташкили фаъолияти ҳамҷояи менеҷерони сохторҳои воҳидии гуногуни корхона оиди самаранок гузаронидани ҳаракати маҳсулот аз рӯи занҷири «хариди ашёи хом – истеҳсоли мол – тақсимоти мол – фурӯши мол» дар асоси интеграсия ва ҳамоҳангсозии амалиёт, функсия ва қоидаҳое, ки дар чаҳорчӯбаи ин раванд бо мақсади кам намудани хароҷоти умумии манбаъҳо иҷро мешаванд.

Дар шароити имрӯза, ки бо истеҳсол ё фурӯши ин ё он намуди мол ё хидматрасонӣ шумораи зиёди ширкатҳо машғуланд, рақобатпазирии ширкат танҳо бо роҳи кам намудани хароҷот ба даст оварда мешавад ва ба ин танҳо бо истифодабарии консепсияҳои логистика ноил шудан мумкин аст.

Таъсири логистика ба беҳтаршавии мавқеи ширкат дар бозор низ аён аст, ки одатан бо зиёдшавии ҳиссаи он дар бозор баҳо дода мешавад ва аз самаранок пешниҳод намудани маҳсулоти ширкат ва дар сатҳи рақобатпазири хидматрасонӣ ба истеъмолгарон вобастагии зиёд дорад. Ба ин низ бо истифодабарии консепсияҳои логистика ноил шудан мумкин аст.

Логистикаро ба сифати омили баландбардории рақобатпазирии ширкат дидан тасмим мегирад, ки оқибатҳои қарорҳои қабулшаванда дар ин соҳа аз назари таъсири онҳо ба хароҷоти функсионалӣ ва даромад аз фурӯши мол ченшаванда мебошанд. Аз ин лиҳоз, масъалаи муайян намудани усули назорати хароҷот ва нишондиҳандаҳое, ки алоқаи логистикаро бо индикаторҳои молиявӣ ва иқтисодии ширкат аниқтар инъикос менамояд, муҳим мегардад.

Муайян намудани андозаҳои миқдории оқибатҳои қарорҳои логистикӣ ниҳо-

ят мураккаб мебошад. Онро танҳо дар ҳолати риоя намудани шартҳои зерини тавсифи методологӣ ва техникидошта иҷро намудан мумкин аст:

· *мавҷудияти системаи баҳисобгирӣ – ахбороти наѓз тахтёфта;*

· *гузаронидани таҳлили комплексии хароҷот ва даромадҳои воҳидҳои сохтории ширкат ва ҳамаи иштирокчиёни занҷири логистикӣ, ки ба истифодабарии принсипи миссия ва методологияи ягонаи ҳисоби хароҷот асос карда шудааст;*

· *муайян намудани ҳиссаи фоида аз фаъолияти логистикӣ дар фоидаи умумии ширкат.*

Истифодабарии консепсияҳои логистика омили баландбардории рақобатпазирии ширкат ва аз ин лиҳоз дар маҷмӯъ ба иқтисодиёти Тоҷикистон низ таъсири калон мерасонад.

Нақши логистика дар иқтисодиёти Тоҷикистон бо таъсири байниҳамдигарии системавии панҷ омилҳои асосӣ муайян карда мешавад: ***иқтисодӣ, ташкилӣ-иқтисодӣ, иттилоотӣ, техникӣ ва хос (барои шароити Тоҷикистон), ки бо танзими раванди хоҷагидорӣ алоқаманд аст.***

Шарҳи ҳар яки омилҳои номбаршударо дида мебароем.

*Омили иқтисодӣ*. Дар шароити имрӯза ба мадди аввал ҷустуҷӯи имкониятҳои кам намудани хароҷоти истеҳсолӣ ва харҷҳои гардиш бармеояд, чи барои зиёд намудани фоидаи ширкат, чи барои пурра қонеъ гардонидани манфиатҳои истеъмолкунанда. Ҳамин тавр, агар дар шароити тараққиёти муносибатҳои бозорӣ принсипи «ҳисоб – нафъ – истеъмокунанда» дар маркази диққат бошад, он гоҳ иқтидори логистика амалишавии ин принсипро таъмин менамояд.

*Омили ташкилӣ-иқтисодӣ*. Дар қатори раванди тақсимшавии сохторҳои хоҷагӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон, автоматикунонии ташкилотҳои нави сохторӣ, ғайримарказикунонии идоракунӣ раванди кооператсия ва интегратсияи фаъолияти хоҷагидорӣ тараққӣ меёбад. Дар иқтисодиёти гузариш, ки мавҷудияти шаклҳои гуногуни соҳибиятро пешбинӣ менамояд, шаклҳои интегронидаи идоракунӣ ва тамоюл ба ҳамоҳангсозӣ, ки дар хислати хоси равандҳои логистики ҳамкории корхонахои истеҳсолӣ, истеъмолкунандагон, миёнаравҳо, хоҷагии анбор ва нақлиёт арзиши калон мегиранд.

*Омили иттилоотӣ*. Тараққиёти алоқаҳои иттилоотӣ, ки сабаб ва боиси тараққиёти муносибатҳои бозорӣ мебошанд, аз якдигар вобастаанд. Информатика бо тарзи аз ҳама зич ва қавитар бозор ва логистикаро мепайвандад, барои он ки ташкилдиҳандаи равандҳои логистика селаҳои иттилоотӣ мебошанд.

*Омили техникӣ* дар он зоҳир мегардад, ки логистика ҳамчун системаи идоракунӣ, субъекти он ва объекти идоракунӣ дар асоси дастовардҳои техникии муосир дар хоҷагии боркӯчонӣ-анборӣ ва дар соҳаи идоракунӣ (ҳангоми автоматикунонӣ ва компютерикунонии идоракунӣ), ки муваффақияти ҳалкунандаро дар бозори мол ва хидматрасонӣ таъмин менамоянд, тараққӣ меёбад. Дар навбати худ ташаббуси тиҷоратӣ ва тараққиёти муносибатҳои бозорӣ ворид ва ҷорӣ намудани техникаи навро дар раванди идоракунии селаҳои масолеҳӣ ҳавасманд менамоянд, кадоме ки дар шароити навкунии техникӣ идоракунии самаранокро дар асоси логистикӣ металабанд.

*Омилҳои хос*. Муҳимияти калони логистика дар зарурати дастгирии давла-

тии равандҳои гардиши мол инъикос мегардад. Истифодабарии усулҳои гуногуни идоракунии давлат барои танзими ин равандҳо ба нуқтаи назари логистикӣ комилан мувофиқ мебошад. Онҳо на танҳо дар микросатҳи корхонаҳо ва ташкилотҳо – иштироккунандагони раванди гардиши мол истифода бурда мешаванд, балки дар сатҳи вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ низ татбиқшаванда ва самаранокaнд.

Яке аз тамоюли асосии тараққиёти логистика болоравии хароҷот барои боркашонӣ мебошад. Мувофиқи маълумоти омор ҳаҷми боркашонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сол аз сол зиёд шуда истодааст (нигаред ба ҷадвали 1) ва ин ҳолат талаб менамояд, ки барои кам намудани хароҷоти боркашонӣ ҳангоми банақшагирӣ ва ташкили он ба консепсияҳои логистика такя намудан лозим аст. Кам намудани хароҷоти гардиши мол ба паст шудани нархи фурӯш оварда мерасонад. Ин бошад, ба баланд шудани рақобатнокии ширкат ва зиёд шудани ҳаҷми гардиши моли вай мусоидат менамояд.

*Ҷадвали 1*

**Боркашонӣ аз рӯи намудҳои нақлиёт (ҳазор тонна)**

| солҳо | 2002 | 2003 | 2004 | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳамаи нақлиёт** | 35602 | 32925 | 35732 | 38594 | 39541 | 44998 | 47732 |
| Аз ҷумла: бо нақлиёти автомобилии тоҷирон | 4740 | 8695 | 12062 | 16178 | 16849 | 19784 | 20579,1 |
| бо нақлиёти истифодаи ғайриумум | 16736 | 9930 | 8763 | 7671 | 5446 | 9265 | 9415,8 |
| бо нақлиёти истифодаи умум | 14016 | 13980 | 12982 | 12638 | 14523 | 15148 | 15196 |


***Адабиёт:***

1. «Логистика». Учебник / Под ред. Б. А. Аникина, 3-е изд., перераб. и доп. М., «ИНФРА-М», 2006, 365 с. (Высшее образование).
2. Баурсокс Доналд Дж., Клосс Дейвид Дж. «Логистика: интегрированная цепь поставок», 2-е изд. / Пер. с англ. М., ЗАО «Олимп-Бизнес», 2005, 640 с.
3. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2009. Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Хощимов Х. Х.,**
*ст. преподаватель*

# МЕТОДИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ МЕХАНИЗМА ТАМОЖЕННОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ПЕРЕХОДНОЙ ЭКОНОМИКИ В РАЗВИВАЮЩИХСЯ СТРАНАХ

Сущностная характеристика экономики регионов и национальной экономики в целом в период независимого развития страны и оценка происходящих в ней процессов, особенностей организации деятельности хозяйствующих субъектов и их функционирование позволяют рассмотреть РТ как развивающуюся страну с переходной экономикой.

В связи с этим для РТ и его регионов представляет интерес опыт развивающихся стран и их методы по организации и использованию таможенного механизма регулирования деятельности субъектов внешнеэкономической сферы, а также в конкретных условиях функционирования региональной экономики. Но вместе с тем, на формирование современного таможенного механизма оказывают влияние общие мировые тенденции развития организационного построения таможенной системы в национальных хозяйствах развивающихся стран.

Прежде всего, речь идет о происходящих процессах, связанных с унификацией национальных таможенных систем и либерализацией таможенных тарифов, расширением тарифицируемых товарных позиций и др., а также совершенствованием системы преференции, применяемых на практике таможенного регулирования экономики. Все это имеет первостепенное значение для РТ и, особенно в организации работы региональных таможенных управлений.

Необходимо отметить, что каждая развивающаяся страна, при разработке и использовании таможенного механизма регулирования экономики учитывает особенности хозяйственной системы своей страны. Кроме того, важным условием формирования и осуществления таможенной – тарифной политики развивающейся страны, является реальная оценка уровня её экономического развития, а также решение конкретных задач, обеспечивающих региональные и национальные интересы страны.

Опыт ряда развивающихся стран, которые достигли высокого уровня индустриального развития и вплотную приблизились к развитым странам мира, подтверждает эффективность использования таможенного механизма в регулировании национальной экономики. В этих странах четко выразилась тенденция зависимости между обложением импорта товаров таможенными пошлинами и уровнем развития экономики.

До Уругвайского раунда, средний уровень таможенного обложения промышленных товаров составлял в развивающихся странах 15,3% или в 2,5 раза выше, чем в промышленно-развитых странах (6,3%). После него, в таможенной – тарифной политике развивающихся стран произошли существенные изменения.

Так, средний уровень таможенного обложения промышленных товаров снизился на 20% и составил 12,2% к таможенной стоимости. Этому способствовало также проведение многочисленных торговых переговоров стран по общей либерализации международной торговли.

Сравнительно более низкие таможенные пошлины устанавливают страны-экспортеры сырой нефти и, прежде всего, страны-члены ОПЭК. Что касается новых индустриальных стран, в экспорте которых преимущественное значение имеет продукция обрабатывающей промышленности, особенно изделия электроники, машиностроения и оптики, то они устанавливают таможенные пошлины на уровне, обеспечивающем им возможности завоевания рынков и достаточной прибыли.

Следует отметить, что для РТ имеет значение опыт использования развивающимися странами широкого диапазона ставок таможенных пошлин и гармонизированной системы описания и кодирования товаров (ГС), обеспечивающих защиту внутреннего рынка от иностранной конкуренции.

Так, в стране с менее развитой экономикой ставка таможенных пошлин составляет наибольшую величину и с ростом экономики, прежде всего, промышленного развития, уровень ставок снижается. Имеет место обратная зависимость, т. е. чем более развита экономика страны, тем ниже ставки таможенных пошлин. Это обусловлено тем, что в экономически высокоразвитых странах, промышленные предприятия производят преимущественно конкурентоспособную продукцию, удовлетворяющую требования современного потребителя, как на внутреннем, так и на внешнем рынках.

Следовательно, нет необходимости, за некоторыми исключениями, защищать отечественного товаропроизводителя и внутренний рынок от доступа аналогичной иностранной продукции высокими таможенными пошлинами.

При необходимости государство может использовать имеющийся в его распоряжении широкий арсенал некоторых методов регулирования внешней торговли. Так, к примеру, большинство развивающихся стран устанавливают сравнительно высокие пошлины на импорт товара с целью: *во-первых*, защиты создаваемых новых отраслей промышленности от иностранной конкуренции и, *во-вторых*, пополнение бюджета и удовлетворения социальных нужд общества. Такая практика заслуживает внимание специалистов региональных таможенных органов РТ.

В последнее время наметилась тенденция увеличения числа позиций товара, облагаемого таможенными пошлинами. Так, в таможенном тарифе Республики Корея их число достигло 10634, в Малайзии – 9767, Бразилии – 9131.

В процессе экономического развития создаются условия для изменения приоритетов в торгово-экономической политике развивающихся стран, вызванные уровнем экономического развития и структурными преобразованиями в национальном хозяйстве. Главным образом изменения приоритета – сниже-

ние таможенных пошлин в одностороннем порядке, связано с целью освоения новых рынков, усилением конкуренции и попыткой установить долговременные межгосударственные отношения.

Широко распространенной практикой также является отмена пошлины в отношении товаров, не производимых в стране, а также материалов и оборудования, ввозимых для удовлетворения потребностей отечественных предприятий-экспортеров. По этим причинам средний уровень таможенного обложения в таких латиноамериканских странах как Аргентина снизился до 30%, в Бразилии – до 25%, Колумбии – до 22%, в Чили – до 15%.

К развивающимся странам, в тарифах которых средний уровень ставок заметно понизился и этот процесс продолжается в настоящее время, можно отнести Мексику, Венесуэлу, Боливию, Парагвай, Эквадор и Никарагуа, африканские страны – Марокко, Сенегал, Мозамбик, Анголу, а также Филиппины, Сингапур в Азии.

В Египте, проводящем активную политику диверсификации своей экономики, средний уровень таможенного обложения, достигнувшего в конце 1980 года – 50%, также снизился до 30%. По тем странам, уровень экономического развития которых вплотную приблизился к развитым странам мира, средний уровень таможенных пошлин интенсивно снижается. Так, в Республике Корея этот показатель снизился до 8% от таможенной стоимости товаров.

Необходимо отметить, что во II половине 90-х годов процесс снижения среднего уровня таможенных пошлин продолжился. Так, в 2000 году уровень среднеарифметической ставки таможенного тарифа Мексики снизился на 13%, Бразилии – на 12%, Аргентины – на 11%.

Ставки таможенных пошлин в большинстве развивающихся государств варьируются в размере 50–100% (Алжир, Ливия, Танзания, Мадагаскар, Иран и Йемен) и часто превышают 100% (Эфиопия, Ботсвана, Пакистан и Бангладеш).

В тех развивающихся странах, где ставки таможенных пошлин намного превышают средний их уровень, обычно в число товарных позиций включаются потребительские товары, в частности текстиль и одежда, и особенно предметы роскоши. Так, в 2000 г. средний уровень таможенного тарифа на импортируемые текстильные и швейные изделия составляют в Бразилии 36,7%, а в Республике Корея – 19,9%. В Индонезии импортные пошлины в 60% и выше применяются к обуви, косметике и некоторым химическим продуктам. Арабские страны (Ирак и Иордания) облагают высокими таможенными пошлинами импорт спиртных напитков.

Опыт использования таможенного механизма в регулировании национальной экономики, накопленный странами Центральной и Восточной Европы также представляет особый интерес для РТ. Это обусловлено тем, что в этих странах идет процесс трансформации централизованной плановой экономики в рыночную. Эти процессы, с разной степенью интенсивности происходят в РТ и других постсоветских странах. Необходимо подчеркнуть, что эффективные таможенные тарифы были введены в практику регулирования внешнеэкономической деятельности субъектов этих стран еще до радикальных изменений в их политическом и экономическом устройстве. Так, таможенный тариф на экспор-

тируемые и импортируемые товары, обеспечивающие фискальные цели страны были введены в Венгрии и Болгарии до 1970 г., Румынии и Польши – до 1976 г. Немного позже были установлены таможенные тарифы в Китае (1986 г.), Вьетнаме (1988г.) и Чехословакии (1989 г.). Проведение рыночных экономических реформ в восточно-европейских странах вызвало необходимость расширения использования таможенных инструментов в целях повышения эффективности национального хозяйства. Так, введение таможенных тарифов было связано с внутренними и внешними причинами, но в большей степени они обуславливались стремлением стран использовать их для получения от торговых партнеров встречных тарифных уступок, как в ходе переговоров в рамках ГАТТ, так и вне его рамок.

В странах с переходной экономикой использовались таможенные тарифы, разработанные на основе Брюссельской таможенной номенклатуры (БТН), которые в дальнейшем легли в основу создания гармонизированной системы (ГС). Такой подход значительно увеличил число позиций товаров, облагаемых таможенными пошлинами. Применяются, в странах с переходной экономикой, двухколоночные тарифные ставки. В первой колонке тарифа приводятся ставки преференциальных пошлин, во второй – ставки режима наибольшего благоприятствования. Преобладающую часть составляют адвалорные таможенные пошлины, причем 96% из них являются связанными с основными ставками. Позиции товаров, которые несвязаны со ставками, включают в частности, рыбную продукцию, минеральное сырье и изделия из него, обувь, драгоценные камни.

Для РТ большое значение имеет опыт тарификации экспортируемых и импортируемых товаров, накопленные в Венгрии и Болгарии, ибо эти страны представляют преимущественно аграрную страну. Таможенное обложение сельскохозяйственных товаров в Венгрии, согласно решению Уругвайского раунда, осуществляется на основе ставки тарифа 14,3%, а после выполнения обязательств Уругвайского раунда, ставка должна быть снижена до 9,6%.

Следует отметить, что в Венгрии при тарификации использовались 3400 товарных позиции, разработанные на основе БТН, а ныне число позиций достигло 13239 по ГС.

На начало 2001 года в Болгарском таможенном тарифе насчитывалось 10500 позиций товаров, облагаемых пошлинами. В отличие от Венгрии в первой колонке тарифа указаны ставки пошлин странам, которым Болгария предоставляет режим наибольшего благоприятствования, а во второй – преференциальные пошлины, предоставляемые в соответствии с ОСП (71 страна мира). Речь идет об импорте товаров, происходящих из наименее развитых стран, которая осуществляется беспошлинно. Снижены пошлины также на товары, которые не производятся в Болгарии или производятся в недостаточном количестве, и их импорт не может нанести значительный ущерб отечественным товаропроизводителям. Поэтому, среднеарифметическая ставка пошлин в таможенном тарифе Болгарии составляет 12,4%. Промышленные товары облагаются 10% пошлинами, а ставка таможенного обложения продовольственных товаров составляет 22%. Максимальная ставка в группе промышленных товаров достигает 30%, а самая высокая ставка – 74%.

По всем странам Центральной и Восточной Европы с переходной экономи-

кой средний уровень таможенных пошлин на промышленные товары снизился на 3 процентных пункта, т. е. с 8,6 до 5, 6%. По данным ВТО, после Уругвайского раунда в Чехии и Словакии средневзвешенный уровень таможенного обложения промышленных изделий снизился до 3,8%, в Венгрии – до 6,9%, в Польше – до 9,9%.

В Китае важное место в регулировании внешнеторговых операций отводится таможенной-тарифной политике. Введенный тариф в КНР был построен на основе БТН и включал 1011 тарифных позиций. После перехода к ГС число позиций КНР возросло до 6509. Тариф направлен на защиту национальной экономики, содействие импорту необходимых товаров и поощрение экспорта. В связи с этим, установленный тариф имеет две колонки, в которых по каждой позиции приведены две ставки пошлин – минимальные и общие. Первые – применяются к экспорту из стран, с которыми КНР заключила торговые договоры или соглашения о взаимном предоставлении режима наибольшего благоприятствования, а вторая – к импорту из стран, не имеющих соответствующих договоров или соглашений.

В странах с переходной экономикой преобладающая часть ставки пошлин являются адвалорными. Они подразделены на 17 градаций (уровней) от 3 до 150% для минимальных ставок и от 8 до 180% для общих ставок. Низкие ставки пошлин установлены на импортируемые новые виды машин и оборудования, которые в Китае не производятся или изготавливаются на недостаточно качественном уровне. Невысокие ставки установлены также для тех видов импортируемого сырья и материалов, запасы которых в стране либо ограничены, либо не разрабатываются. С целью ограничения ввоза ряда потребительских товаров на них установлена высокая импортная пошлина. Ряд товаров, кроме таможенных пошлин, дополнительно облагается импортным налогом в размере от 20 до 28% с целью усиления защиты развития национальной промышленности (ткани из химических волокон, цветные телевизоры, калькуляторы, мотоциклы).

Необходимо отметить, что КНР – одна из немногих стран, применяющих экспортные пошлины на вольфрамовую руду, сурьму, натуральный шелк, средства традиционной китайской медицины с целью ограничения вывоза этих дефицитных товаров. Однако перечень таких товаров постепенно сокращается.

Для РТ представляет интерес китайский опыт установления таможенных режимов для свободных экономических зон, ибо такие зоны создаются на севере Таджикистана, а также на территории Горного Бадахшана.

В КНР предусматривается снижение тарифных ставок или освобождение от уплаты пошлин ввозимых или вывозимых из этих зон товаров. Так, если средневзвешенная ставка тарифа КНР в 1997 г. составляла 20,9%, то она в связи со вступлением в ВТО Китая снизилась до 17%. При этом ставка пошлин свыше 20% установлена для 3,2 тыс. товарных позиций, что составляет больше половины всех тарифных позиций, причем уровень ставки на 2211 позиций от 30 до 99% и на 46 позиций от 100 до 299%. Наиболее высокие ставки таможенного тарифа во Вьетнаме установлены на автомобили, напитки, бытовую технику, другие потребительские товары. К сырьевым товарам, полуфабрикатам, а также и оборудованию применяются более низкие ставки пошлин. Так, средняя ставка

тарифа на машины и оборудование составляет 8%, табачные изделия – 40%, продовольствие и напитки – 50%. При этом на ввоз транспортных средств – 60%, бумаги и изделия из нее – 30% установлены также квоты.

В СРВ уровень таможенного обложения товаров по импорту постепенно снижалась с 19 до 13,8%. Около 3200 позиций товаров по номенклатуре ВЭД, облагались 5% пошлинами при максимальной ставке тарифа – 50%. Исключения составляют: мотоциклы и автомобили – 60%, алкогольные напитки, и бывшая в употреблении одежда – 100%. Экспорт по 58 позициям стратегических товаров облагается 45% таможенными пошлинами в пределах 12 тарифных ставок.

Товарооборот по системе потребительской кооперации *Согдийской области из года в год* увеличивается в суммарном выражении. По данным облпотребсоюза Согдийской обл. в 2009 г. т/о по сравнению с 2005 г. увеличился на 23,223 тыс. сом., что составляет 273%.

Удельный вес *обуви в* розничном товарообороте непродовольственных товаров по данным *потребкооперации* по Согдийской области в 2009 г. по сравнению с 2005 г. составил 0,27%. Продажа обуви в 2009 году по сравнению с *2005 годом* выросло с 22.3 до 97,4 тыс. сом., т. е. увеличилось на 4,4 раза.

*Экспертиза является* неотъемлемой частью производства любых видов товаров. От знания эксперта и их применения в работе во многом зависит качество обуви. Эксперт должен уметь работать со стандартом, различать натуральную кожу от искусственной, а также допустимые и недопустимые дефекты обуви. На обувной фабрике г. Худжанда проводится экспертиза качества обуви органолептическим методом и согласно нормативно техническим документам (ГОСТ-28371-89).

Обувная фабрика Национальной системой сертификации, Агентством по стандартизации и торговой инспекцией при Правительстве РТ аккредитована и имеет аттестат аккредитации испытательной лаборатории. Под руководством ведушего сециалиста начальника цеха Алиева А. проводится испытание обуви производства обувной фабрики. Определяется прочность крепления подошв, прочность крепления шва (заготовок), определяется гибкость, деформация подноска и задника, прочность крепления каблуков, подошва на разрыв и на удлинение. Результаты испытаний оформлены, имеется акт проверки испытательной работы и протоколы испытаний.

Исследуя данную тему, проанализировав экономические показатели по производству обуви, пришли к выводу, что в РТ есть необходимые условия для налаживания и развития производства обуви.

В Республике Таджикистан запасы кожвенного сырья находятся в достаточном количестве, что позволяет производить не только обувь разного вида и фа-сонов, но кожаные галантерейные товары на любой вкус и фасон, однако не-обходимо создать условия переработки кожевенного сырья для дальнейшего производства обуви нашего отечественного производителя.

Если в Республике Таджикистан производитель будет выпускать обувь соответственного качества и по всем требованиям, которые предъявляют потребители, то покупателям станет намного легче приобрести обувь даже по предварительному заказу.

Местным производителям необходимо уделить большое внимание на дизайн обуви, что будет способствовать конкурентоспособности на рынке и естественно, у покупателей будет выбор: приобрести импортную дорогую обувь или доступную по цене такую же обувь, но отечественного прозводства.

На предприятиях по производству обуви должно уделяться внимание на периодическую подготовку и переподготовку квалифицированных работников и специалистов, что способствует достижению конечной цели предприятия.

Необходимо государственным органам взять под свой *контроль качество* ввозимых товаров для соответствия всем стандартам и требованиям, предъявляемым к качеству обувных товаров. Не редки случаи, когда в Таджикистан импортом ввозится недоброкачественная продукция, в том числе и обувь.

Таким образом, с учетом вышеизложенных предложений в Республике Таджикистан имеется перспектива широкого внедрения производства обуви с условием использования качественного сырья местного производства, современной технологии, высокой квалификации специалистов-дизайнеров и строгим контролем качества. Только таким образом мы можем удовлетворить потребности населения в обуви и быть конкурентоспособным на международном рынке.

**Литература:**

1. Бурова М. М «Товароведение непродовольственных товаров». Издательство «Приор». Москва, 2004 г.,128 с.
2. Кардашиди И. П., Мишустин В. Н. «Непродовольственные товары (товароведение)». Издательство «Высшая школа». Москв, 1985 г., 368 с.
3. Ходыкин А. П., Ляшко А. А. «Товароведение непродовольственных товаров». Издательско-торговая корпорация «Дашков и К°». Москва, 2007 г., 544 с.
4. Шепелев А. Ф., Печенежская И. А. «Товароведение и экспертиза кожевенно-обувных товаров». Издательский центр «Март». Ростов-на-Дону, 2001 г., 96 с.
5. Статистический сборник Республики Таджикистан (официальное издание). Издательство Государственного комитета статистики Республики Таджикистан. Душанбе, 2010 г., 451 с.
6. Материалы обувной фабрики г. Худжанда.

***Холиқов Д. Н.,***
***ассистент***

# НАҚШИ ТАШКИЛОТИ УМУМИҶАҲОНИИ САВДО ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶТ

Ташкилоти умумиҷаҳонии савдо (ТУС/WTO) ташкилоти ҷаҳонӣ буда, соли 1995 бо мақсади тиҷорати озоди байналмилалӣ ва танзими муносибатҳои тиҷоратӣ-сиёсии кишварҳои аъзо таъсис ёфтааст. То имрӯз 153 кишвар ба узвияти ин ташкилоти бонуфуз пазируфта шудаанд.

Вазифаҳои асосии ТУС, аз ҷумла тиҷорат бе поймолкунии ҳуқуқ (дискриминатсия), шаффофият, тиҷорати озод, дастрасии нисбатан васеъ ва пешгӯишаванда ба бозор, пешравии рақобати одилона, мусоидат ба рушд ва ислоҳоти иқтисодӣ мебошад.

Созишномаи ТУС доираи васеи фаъолиятро фаро мегирад, вале як қатор шартҳои оддӣ, фундаменталӣ ва умумӣ барои ҳамаи онҳо вуҷуд дорад.

Ҳадафҳои асосии ин ташкилот баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ

дар ҳудуди давлатҳои аъзо, таъмини пурраи аҳолӣ бо ҷои кор, кумак расонидан ба болоравии даромади аслӣ ва қобилияти пардохти талаботи бозор, вусъат додани истеҳсолот ва савдои молу хидматрасонӣ, таъмини рушди устувор ва ҳифзи муҳити зист, фароҳам овардани имконияти комили истифодаи захираҳои ҷаҳонӣ мебошад, ки дар сатҳҳои гуногуни тараққиёт қарор доранд.

Бо ибтикори Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷониби Тоҷикистон барои ворид шудан ба узвияти ТУС соли 2001 ариза пешниҳод карда буд. Пешниҳоди Тоҷикистон дар ин созмон ҳаматарафа омӯхта шуда, ҷумҳурии моро дар он ба сифати нозир қабул карданд.

Бо қарори Ҳукумати ҶТ бо ин мақсад дар Вазорати рушди иқтисод ва савдо мақомоти иҷроияи ҳамоҳангсози раванди воридшавӣ ба ТУС тасдиқ карда шуд. Бо Амри Президенти ҶТ комиссияи байниидоравӣ ташкил шудааст, ки ба ҳайати он намояндагони қариб ҳамаи вазорату идораҳое, ки ба фаъолияти содиротӣ машғуланд, шомил гардидаанд. Комиссия дар бораи тартиби савдои хориҷӣ ба котиботи ТУС меморандум фиристод. Пас аз баррасии санади мазкур дар котиботи ТУС бо ширкати беш аз 40 мамлакат гурӯҳи корӣ оид ба Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Гурӯҳи корӣ баъди дида баромадани санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба хулосае омад, ки баъзе аз қонунгузории мо ба талаботи ТУС мувофиқат намекунад. То имрӯз чор ҷаласаи корӣ оид ба раванди дохилшавӣ баргузор шудааст.

Дар ҷаласаҳо нақшаи қонунгузории кор қабул гардид, ки мувофиқи он қонунҳои нав қабул карда мешаванд ва ба қонунҳои ҷорӣ тағйироту иловаҳо ворид карда хоҳанд шуд.

Дар сатҳи Ҷумҳурӣ низ гурӯҳи махсуси гуфтушунид таъсис дода шудааст, ки ба ҳайати он намояндагони Вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, нақлиёт ва коммуникатсия, адлия, кишоварзӣ, Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук ва Бонки миллӣ дохиланд. Ёдовар мешавем, аз ҳама мӯҳлати кӯтоҳтарине, ки ҳар як давлат метавонад, узви ТУС гардад, ду солро дарбар мегирад. Аслан мӯҳлате, ки барои дохилшавӣ талаб карда мешавад, аз суръати раванди ислоҳоти ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад. Масалан, Ҷумҳурии Қирғизистон дар мӯҳлати аз ҳама камтар, яъне 2 солу 4 моҳ ба узвияти ТУС пазируфта шуд. Ҷумҳурии мардумии Чин бошад, пас аз 15 сол, Хорватия дар мӯҳлати 6 солу 5 моҳ, Албания дар зарфи 5 солу 8 моҳ ба ҳайати ин созмон дохил шуданд.

Имрӯз дар Осиёи Марказӣ танҳо Қирғизистон ба узвияти ин созмон пазируфта шудааст. Айни ҳол 30 кишвар, аз он ҷумла Федератсияи Русия, Белорус, Қазоқистон ва Озарбойҷон барои дохил шудан ба ТУС кор бурда истодаанд. Ин ҷо суоле ба миён меояд, ки оё зарурати ворид шудани Тоҷиикистон ба узвияти ТУС ҳаст? Атрофи ин суол андешаҳо гуногунанд. Бархе бар он назаранд, ки баъд аз воридшавӣ маҳсулоти пастсифат бозори дохилиро пур мекунад, ки аз ин ҳам давлат ва ҳам мардум зарар мебинанд.

Аммо, коршиносони масоили иқтисодӣ ворид шудани Тоҷикистонро ба ин созмони бонуфузи ҷаҳонӣ муҳим мешуморанд. Ворид шудани кишвари мо ба ин созмон дар савдои минбаъдаи мо бисёр имтиёзҳо меорад. Масалан, аз рӯи як ставкаи муайяни тарофавӣ ворид шудани мол ба ҷумҳурии мо дар назар дошта мешавад, барои воридкунандагон ва содиркунандагон як шаффофи-

ят ба миён меояд, барои ҳам тоҷирони маҳаллӣ ва ҳам тоҷирони хориҷӣ имтиёзҳои якхела пешниҳод мешавад, ки ин барои ворид шудани сармоягузорҳои нав ба Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Имрӯз маълум аст, ки иқтисодиёти мо коҳиш дорад ва ҳеҷ не ки ба сатҳи соли 90-ум бирасад. Албатта, сабабҳои объективӣ зиёданд ва яке аз сабабҳо набудани маблағ аст. Корхонаҳо ба таври пурра фаъолият намекунанд. Сармоядорони дохилӣ наметавонанд, маблағ пайдо кунанд. Аз бонкҳо ҳам қарз гирифта наметавонанд. Барои он ки бонкҳои мо бо фоизи баланд (18–20%) қарз медиҳанд. Вақте ки Тоҷикистон ба ин ташкилот шомил шуд, он вақт барои молҳо ва барои хидматрасонӣ чи ба хориҷиён ва чи ба тоҷирони дохилӣ як хел шароит муҳайё карда мешавад. Дар ҳамин ҳол бонкҳои хориҷӣ метавонанд, ба системаи бонки мо дохил шаванд ва онҳо метавонанд, бо фоизҳои кам маблағ пешниҳод кунанд. Масалан, 1–2 миллион доллар барои мо маблағи калон ба ҳисоб меравад. Барои сармоягузорони хориҷӣ ин маблағи ночиз аст, онҳо метавонанд, лоиҳаҳои калонро маблағгузорӣ намоянд.

Як ҷиҳати хуби ворид шудани Тоҷикистон ба ин созмон ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон мебошад. Дар ин ҳолат бурди асосии Тоҷикистон аз воридшавӣ ба ин ташкилот дар амалишавии шаффофии қонунгузории мамлакат мебинад. Вазорату идораҳои марбутаи кишвар барои пазируфтани дархости Тоҷикистон аз ҷониби ин созмон талош доранд ва бо назардошти ин талабот метавон гуфт, ки эҳтимол ба баъзе аз санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурӣ, аз ҷумла ба Кодекси андоз ва қонуни марбут ба фаъолияти соҳибкорӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шавад. Зеро бархе аз бандҳои қонунгузорӣ хилофи ҳамдигар ҳастанд. Тоҷикистон наметавонад ба зуди ризоияти кулли кишварҳои ин созмонро ба даст орад, чунки дар қонунгузории мо камбудиҳои зиёде ҷой дорад.

Бо ин ҳама камбудиҳо бурди дигари воридшавӣ ба ин ташкилот дар он аст, ки имконият медиҳад таҳримҳои иқтисодӣ аз ҷониби кишварҳои дигар бартараф карда шавад. Аз ҷумла таҳрими иқтисодии Ӯзбекистонро мисол овардан мумкин аст. Агар Тоҷикистону Ӯзбекистон имрӯз аъзои ТУС мебуданд, ҷумҳурии мо ба чунин нигаронии тӯлонии иқтисодӣ рӯбарӯ намешуд, зеро созмон ҳуқуқи дахолат ва бартараф кардани ҳама гуна монеаҳоро дорад.

Манфиати Тоҷикистон пас аз вуруд, қабл аз ҳама, дар он аст, ки мақоми кишвар дар арсаи байналмилалӣ боло меравад, истиқлолияти иқтисодӣ таҳким мёбад, барои баровардани маҳсулоти миллӣ ба бозори ҷаҳонӣ роҳ ва шароити хуб фароҳам оварда мешавад. Тоҷикистон дар он сурат ҳамчун узви ТУС метавонад, дар ҳамаи баҳсҳои тиҷоратӣ дар чаҳорчӯбаи ин созмон мустақилона иштирок кунад. Кишвар баробари воридшавӣ як узви ҷудонашавандаи системаи универсалии тиҷорати ҷаҳонӣ мегардад.

Баробари паҳлӯҳои мусбат боз тарафҳои манфии вуруди Тоҷикистон ба ин созмон ҷой дорад. Ба андешаи таҳлилгарони масоили иқтисодӣ пас аз воридшавӣ эҳтимол баъзе аз соҳаҳои иқтисодиёт рушд накунад, инчунин вақте, ки мо ба рақобат тоб оварада натавонем, иқтисоди милли мо метавонад, зарар бинад. Агар мо нодуруст аз ин созмон истифода барем, зидди манфиати худ шартномаҳои дуҷониба бандем, он вақт, албатта, ба иқтисодиёти миллӣ зарар мера-

сад. Агар хоҳем, ки иқтисодиётамон пеш равад, ба ғайр аз алюминий ва пахта бояд истеҳсоли дигар маҳсулотро ба роҳ монем. Маҳсулоти содиротии мо низ дар бозори ҷаҳонӣ шинохта шавад. Дар сурати содироти бештари маҳсулоти хом ба муваффақият наметавон ноил шуд. Бинобар ин коркарди маҳсулоти хомро бояд дар кишвар ба роҳ монд ва маҳсулоти бозоргир истеҳсол кард.

Аз тарафи дигар, агар дар оянда Тоҷикистон аз рӯи қоидаҳои ин созмон савдои худро ба роҳ мемонд, пас механизми назорати савдо бояд дар заминаи стандартҳои байналхалқии эҳтирофнамудаи умумибашарӣ ба роҳ монда шавад.

Аъзогӣ дар Ташкилоти умумиҷаҳонии савдо ва тадбирҳои андешидаи иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он бояд чунин омилҳои асосиро дарбар гирад: _аввалан_, омили пурзӯри ҳалли вазифаҳои гузошташуда бошад; _дуюм_, воситаи ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар бозори ҷаҳонӣ бошад; _сеюм_, барои одати намудани истеҳсолкунандагони ватанӣ ба шароити хуби кор тавассути пурзӯр намудани фаъолияти сохторҳои давлатии марбута ёрӣ расонад; _чаҳорум_, кадрҳои тахассусҳои марбута тайёр намоянд; _панҷум_, амалӣ намудани чорабиниҳои аввалиндараҷа доир ба ҳамоҳангсозии қонунгузорӣ ва заминаҳои ҳуқуқӣ бо меъёрҳои ВТО/ТУС аз ҷумлаи такмили пайвастаи кодексҳои андозу гумрук, қонунҳо дар соҳаи танзими техникӣ, тадбирҳои зиддидемпингӣ, ҷуброни ҳимоявӣ ва ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ.

***Адабиёт:***


1. Всемирная торговая организация. «Региональный проект по либерализации торговли и таможенной реформе».
2. Дюмулен И. И. «Всемирная торговая организация». М., «Экономика», 2003.
3. Иванова С. В. «Всемирная торговая организация», Учеб. пособие. М., «Экономисть», 2007, 318 с.
4. Материалы экспертных исследований «Глобализация, ВТО и Таджикистан: расширение диалога для устойчивого развития».
5. Нидоев Нозимҷон Фозилович. «Таъмини истиқлолияти иқтисодӣ ва суботи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Душанбе, «Ирфон», 2007, 262 с.
6. «Основные принципы торговой системы ВТО». Региональный проект по либерализации торговли и таможенной реформе.

## 4. Бахши ҷомеашиносӣ

Мирбобоев М. Қ.,
н.и.ф., дотсент

# БАЪЗЕ ПАҲЛӮҲОИ ОДОБУ АХЛОҚИ КАСБӢ

Ахлоқ аз падидаҳои қадими иҷтимоист, ки баробари пайдоиши ҷамъияти инсонӣ ташаккул ёфтааст. Одобу ахлоқ бунёди маънавии ҷомеаро ташкил медиҳад, мағз андар мағзи муносибатҳои иҷтимоӣ ҷой дошта, дар танзими онҳо нақши бузург мебозад. Солимиву солеҳии муносибатҳои иҷтимоӣ, робитаҳои одамон, комёбиву пешравӣ, саодату бақои ҷамъият аз ахлоқу одоб бевосита алоқаманд аст. Аз фазилатҳои муҳимтарини ахлоқ ин ки пайванди боровари маърифати назариву дониши амалӣ, робита, ваҳдати илм ва амалро таъмин месозад. Маҳз ба туфайли ахлоқи касбӣ, одоби муоширт донишу малакаи тахассусӣ татбиқи дуруст ва боистаниро ба даст меорад, ба ҳадафу мақсади аслӣ ва ниҳоии худ мерасад.

Илми ахлоқ, этика, ки мавзӯи тадқиқаш қонунҳои рафтор, феълу атвор, маънавиёти инсону ҷомеа мебошад, аз илмҳои бостонист. Этика илмест, ки аз назария, фалсафаи хулқ, таҷрибаву амалияи ахлоқ ва шохаҳои гуногуни ахлоқи касбӣ иборат аст. Фалсафаи ахлоқ бунёди назарии одоби муошират, одоби касбӣ ва қонуну қоидаҳои муоширатро ташкил медиҳад. Одоби касбӣ зуҳуроти махсуси қонунҳои ахлоқӣ буда, қоидаву оинҳои муайянро дар ин ё он пешаву ҳунар ва касбу корҳо фаро мегирад.

Мавҷудияти шаклҳои гуногуни ахлоқи касбӣ, аз як тараф, аз мақоми баланди илми ахлоқ, маънавиёт дар ҷомеа шаҳодат диҳад, аз дигар тараф, аломати тараққиёти баланди тамаддуни инсонӣ мебошад.

Дар фалсафа ва адабиёти классикӣ доир ба ахлоқ осори зиёди пуркимате эҷод гаштааст, ки баробари мавзӯъҳои назариву амалӣ, бисёр паҳлӯҳои одобу ахлоқи касбӣ мавриди баррасии махсус қарор ёфтаанд. Ба ин китобҳои пуркимати ниёгон, ба монанди «Авасто», «Калила ва Димна», «Тибби рӯҳонӣ»-и Абӯбакри Розӣ, «Таҳзиб-ул-ахлоқ»-и Абӯалӣ Мискавайҳ, «Тадбири манзилӣ»-и Абӯалӣ ибни Сино, «Қобуснома»-и Унсурмаолии Кайковус, «Кимиёи саодат»-и Муҳаммади Ғаззолӣ, «Саодатнома» ва «Рӯшноинома»-и Носири Хисрав, «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолиддини Румӣ, «Сиёсатнома»-и Низоммулмулк, «Ахлоқи Носирӣ»-и Насириддини Тусӣ, «Гулистон» ва «Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ, «Ахлоқи Ҷалолӣ»-и Ҷалолиддини Даввонӣ, «Баҳористон»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ, «Ахлоқи Муҳсинӣ» ва «Футувватномаи султонӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш, инчунин осори панду ахлоқии адибони тоҷик, монанди Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Низомии Ган-

чавӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил, Бадриддин Ҳилолӣ, Сайидо Насафӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Муҳаммад Иқбол ва дигарон гувоҳӣ медиҳанд.

Хоса, дар «Қобуснома»-и Кайковус ва «Футувватномаи султонӣ»-и Кошифӣ бисёр шаклҳои одобу ахлоқи касбӣ ва паҳлӯҳои гуногуни он мавриди баррасӣ қарор ёфтаанд. Баробари ин, доир ба қоидаҳо, талаботу усули умумии ахлоқу одоби тамоми касбҳо андешаҳои ҷолиб баён гаштаанд, ки аз ҷумлаи онҳо қоидаҳои зерин буда, аҳамияти худро то ба имрӯз нигоҳ доштаанд: *якум*. касби худро азиз ва пок доштан, хоса аз моли ҳаром ва шубҳанок; *дуюм*. касбро барои ба даст овардани маоши зарурӣ истифода бурдан, на барои ҷамъ кардани сарват; *сеюм*. касбро сабаби обрӯй донистан; *чаҳорум*. бо касе, ки моли ӯ ҳаром аст, муомила накардан; *панҷум*. дар касбу ҳунари худ кори айбнок ва беэътиноӣ накардан; *шашум*. инсофро риоя намудан; *ҳафтум*. агар бо тарозу кор дор бошад, ба камияту зиёдат роҳ надодан; *ҳаштум*. агар матоъ фурӯшад, дар чен намудани он фиреб надодан.

Аз ҷумлаи шаклҳои ахлоқи касбӣ одоби ҳуқуқшинос аст, ки баъзе паҳлӯҳои он дар «Қобуснома» ва насиҳатномаҳои Имоми Аъзам баён гаштаанд. Ахлоқи ҳуқуқшинос қоидаҳои устувориву ҳалолкорӣ, собитқадамӣ, шуҷоату далерӣ, садоқат нисбати ҳар як нуктаву талаботи қонун; риояи баробарии ҳар як кас дар назди қонун, то даме, ки ҷинояти айбдоршаванда исбот нагардад, вайро бегуноҳ донистан ва маҳкум накардан (презумпсия)-ро дарбар мегирад. Одоби ҳуқуқшинос аз аҳли ҳуқуқ тақозо дорад, ки қонунро на танҳо барои маҳкумкунӣ, инчунин баҳри тарбияву ислоҳи гунаҳгор истифода барад.

Дигар шакли ахлоқи касбӣ услубу одоби тиҷорат, тоҷир аст. Дар осори ниёгон, хоса «Қобуснома» ва «Футувватномаи султонӣ» баъзе паҳлӯҳои муҳими он баён шудаанд. Аз ҷумла, дар «Қобуснома» зикр шудааст, ки асоси одоби тиҷоратро ростӣ ташкил медиҳад ва ҳеҷ гоҳ дар он ба хиёнат набояд роҳ дод. Барои манфиати шахсӣ бар зиёни дигарон набояд амал кард. Бо мардум ҳамеша бо чеҳраи кушод ва муомилаи хуш мебояд муносибат намуд.

Дар «Футувватномаи султонӣ» ҳашт қоидаи савдо таъйин шудааст. *Аввалан*. ба харидор сухани нарм гуфтан. *Дуюм*. нисбати харанда сахтӣ накардан. *Сеюм*. он чиро ки мефурӯшад, аз ҳад зиёд таъриф нанамудан. *Чаҳорум*. чизҳои бесифатро нафурӯхтан, агар фурӯхт, норасоии онро ба харидор гуфтан. *Панҷум*. дар тарозу ва чени матоъ фиреб надодан. *Шашум*. чизи харидаро гардонанд ва агар дар он камбудие набошад, боз гирифтан. *Ҳафтум*. агар шахси мӯътабаре нақд надошта бошад ва чизе ба нася талабад, бад-ӯ фурӯхтан. *Ҳаштум*. чизеро зиёда аз қиматаш нафурӯхтан.

Нисбати одоби харидор низ якчанд қоидаҳои ҷолиб ва хатмӣ зикр ёфтаанд: аввалан, ҳар чизеро бо мақсади корҳои ҳалол харидан; асло пули қалбакиро истифода набарад. Ба фурӯшанда сухани дағал нагӯяд, бо ӯ талошу савдои зиёд накардан, маводи харидаро ба ягон чизи тоза андохта, на зоҳир, балки нонамоён пӯшида бурдан. Ин қоидаҳои услубу одоби хариду фурӯш то ба имрӯз аҳамияти худро гум накардаанд.

Омӯзгорӣ аз касбҳои қадим ва муътабар аст. Пешаи омӯзгорӣ, чунон ки Президенти кишварамон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон навиштаанд, муқаддастарин касби рӯи олам аст. Бедории фикр, покизагии ахлоқ ва ташаккули ақлонии инсон, маҳсули ранҷу машаққати омӯзгорон аст. Дар фарҳанги ниёгон оид ба мақому манзалат, одоб ва симои маънавии муаллим андешаҳои ҷолиб баён ёфтаанд. Падари илми тоҷик Абуалӣ ибни Сино роҷеъ ба омӯзгор ва симои маънавӣ, огоҳии комили мураббӣ аз илми таълиму тарбия, фазилатҳои хирадмандӣ, мурувvату покдоманӣ, назифӣ ва дигар хислатҳои вай андешаҳои пурқимат баён кардааст.

Дар футувват, ки аз таълимоти бағоят бои ахлоқию ирфонии ниёгон аст, роҷеъ ба мақоми баланди устод чунин омадааст: *«бидон ки ҳеҷ кор бе устод муяссар намешавад ва ҳар кӣ бе устод коре кунад, бебунёд бошад».*

***Ҳар киро устод набвад, кор бар бунёд нест,***
***Дар раҳи маънӣ рафиқе беҳтар аз устод нест.***

Дар таълимоти мавсуф устодро ба баҳру иксир монанд кардаанд, ки қатраро бо гавҳар ва мисро бо зар табдил медиҳад:

***Қатра ба баҳр ояду гавҳар шавад,***
***Мис чу ба иксир расад, зар шавад.***

Мавзӯи одобу ахлоқи касбии устод назар ба дигар таълимот дар футувват хеле мукаммал буда, паҳлуҳои муҳиму гуногуни он мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст. Он қонуну қоидаҳо, фазилатҳои маънавие, ки ба мураббӣ, устод (дар футувват устод бо калимаҳои шайх, пир низ омадааст) мансуб дониста шудааст, бағоят муҳим, ҳикматангезу ибратбахшанд. Оид ба симои маънавӣ, ахлоқи касбии устод аввалан таъйин шуда, ки омӯзгор шахси комил, бино ба айби худ ва доно ба кори шогирд буда, бояд аз ӯҳдаи ба камол расонидани шогирд барояд. Вай аз усулу асосҳои илми таълиму тарбия ба хубӣ огоҳӣ дошта, дар ақидаи худ устувор буда, шогирдро ҳамеша ба роҳи рост бояд ҳидоят намояд.

Омӯзгор бояд хушхулқ бошад, то ки шогирдон бо ҳам бо ҳурмату эҳтиром муомила намоянд, ба сухани устод мутаваҷҷеҳ гашта, онро сидқан пазиранд. Устод ҳамеша аз рӯи ростӣ ва дӯстӣ амал созад, сухани ҳақ гӯяд, дар сухан дурӯягӣ накунад. Вай шафқати баланд дошта бошад, беҳбудии шогирдро аз беҳбудии худ боло гузорад. Барои шогирд ҳамеша намунаи ибрат бошад, ҳарчӣ шогирдро мефармояд, бояд ки худ онро ба ҷо орад ва ҳар чиро ба шогирд манъ месозад, бояд, ки худ онро тарк карда бошад.

Устод бояд сахӣ, ҷавонмард, шуҷову далер сокиту собитҳол бошад, ҳама корҳо, хоса таълиму тарбияи шогирдонро ботамкин барад. Вай ба ҳеҷ кас хиёнат накунад, бо ҳама мушфиқу меҳрубон бошад. Устод олиҳиммат буда, нисбати моли шогирд ва дигарон тамаъ надошта бошад, ҳамаи кору мушкилоташро худаш ба ҷо орад. Устод бояд ба мисоли дарё бошад, ба ҳеҷ навъ, ҳатто дар ҳолатҳои мураккабтарин тағйиру табдилро дар худ роҳ надиҳад.

Устод бояд ҳалим бошад, агар шогирд ҳаракати беҷо кунад, ба хашм наояд. Бахшанда бошад, гуноҳи шогирдро афв карда тавонад. Устод шогирдро ҳамеша ба бедорӣ, ҳушёрӣ, омӯзиши доимии илм одат кунонад. Шогирдро

пайваста даъват кунад, ки бо бадон ҳамнишин набошад, ҳамеша дар хидмати халқ ва хушнудии онҳо пайваста кӯшиш намояд.

Дар таълимоти футувват, инчунин, одобу ахлоқи шогирд, паҳлӯҳои муҳимтарини он батафсил таҳлил шудааст, ки инҳо чун омили муҳимтарин дар вусъати раванди таҳсили илм, самаранокии хониш хидмат менамоянд. Тибқи футувват аввалин фазилате, ки шогирд бояд доро бошад, иродат аст. Маънии иродат ба сухани устод гӯш кардан, ҳар чӣ устод гӯяд, ба ҷон шунидану сидқан пазируфтан ва аз рӯи он амал намудан мебошад. Дигар фазилат, бахидмат будан. Маънии хидмат тарки роҳату кашидани ранҷ, меҳнатдӯстист.

Шарти шогирдӣ мувофиқи таълимоти ҷавонмардӣ аз чаҳор рукн, поя иборат аст. *Аввал*. ба кору хониш мардона шурӯъ кардан. *Дуюм*. бо сидқи тамом хидмат кардан. *Сеюм*. дилу забонро бо ҳам рост доштан. *Чаҳорум*. панд пазируфтан ва ҳарчӣ аз устод шунавад, ёд гирифтан аст.

Дар футувват ҳашт одоби шогирдӣ низ таъин шудааст. *Аввалан*. чун устодро дид, дар ибтидо салом кардан. *Дуюм*. дар пеши устод кам сухан гуфтан. *Сеюм*. сар дар пеш андохтан. *Чаҳорум*. ба ҳар тараф бисёр нанигаристан. *Панҷум*. агар саволе дошта бошад, аввал иҷозат талабидан. *Шашум*. чун ҷавоб гӯяд, эътироз накардан. *Ҳафтум*. дар пеши устод бо касе сухани саргӯшӣ накардан. *Ҳаштум*. бо ҳурмати тамом нишасту бархост намудан.

Ахлоқу одоб дар ҳар як соҳаи фаъолият, касбу кор ба таври махсус зоҳир мегардад, ба истиснои он ки арзишҳои ҷовидонаи онҳо бетағйир мемонанд. Дар замони муосир силсилаи ихтисосҳое пайдо шудаанд, ки тараққиёти онҳо бидуни омилҳои маънавию ахлоқӣ, қонуну қоидаҳои одоби муошират ғайриимкон аст. Аз ҷумлаи касбҳои нисбатан нав соҳибкорӣ, менеҷмент, маркетинг, равоншиносӣ ва ғайра мебошанд.

Хоса, менеҷмент илм ва касби замонавиест, ки дар ҷомеа мақоми махсус ва баланд дорад. Таҷрибаи ҷаҳони муосир собит мекунад, ки беҳбудии зисту зиндагӣ, тараққиёти давлат, пешравии ҷомеа аз қобилият, донишмандӣ, салоҳияти баланд, сатҳи маданияти роҳбар, сарварон бевосита алоқаманд аст.

Ниёзмандии иҷтимоии зиёд нисбати санъати роҳбарӣ боиси ташаккули илми махсус менеҷмент гардид. Менеҷмент мафҳумест, ки ҳам фаъолият, ҳам санъат ва ҳам илми идоракуниро ифода намуда, бо бисёр фанҳо, аз ҷумла бо ахлоқ, этика, фалсафа алоқаманд аст.

Менеҷер на танҳо шахси донишманд, кордон, закӣ, мураббии хуб, мудаббири беҳамто, инчунин фозилу одил, боиффату покизакор, дорои одобу ахлоқи намунавӣ, санъати баланди муошират мебошад. Менеҷмент, бо назардошти мақоми баланди маънавиёт, низомномаи зерини ахлоқу одоби муоширатро барои коргарони муассиса тавсия менамояд:

1. Ҳақиқатпарастӣ ва сазовори боварию эҳтиром будан.
2. Вазифа ва ӯҳдадориҳои ҷонии худро сидқан ба ҷо овардан.
3. Боташаббус ва дилсӯзона ҳамкорӣ намудан, ба ҳамкасбону ҳамкорон ёрӣ расонидан.
4. Бо ҳамкорон, харидорон ва дигар шахсон оқилонаву одилона ва маданӣ

муносибат доштан.

5. Дар ҳама кору фаъолият қонунро риоя кардан.

Менеҷер якҷоя бо кумитаи оид ба ахлоқ бо мақсади баланд бардоштани савияи дониши маънавии коргарон дар корхона барои ташкили машварату конфронсҳо мусоидат менамояд.

Ба меъёрҳои фаъолияти маънавии менеҷер чунин қоидаҳо дохил мешаванд:

*а) бо ҳама намояндагони табақаҳои иҷтимоӣ, миллату нажод як хел бо ҳурмат муносибат доштан;*

*б) эҳтиром ва баробарҳуқуқии зану мардо риоя кардан;*

*в) мӯйсафедон ва собиқадоронро иззат намудан;*

*ғ) эҳтироми ҳукумат ва роҳбаронро риоя кардан;*

*ғ) ба қадри меҳнати дигарон расидан;*

*д) дар рӯзҳои мушкилии кормандон онҳоро аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ дастгирӣ намудан;*

*е) пайваста ба тозагиву тартиботи коргоҳ назорат кардан;*

*ё) ба либоспӯшии эстетикии кормандон эътибор додан.*

Менеҷер шахси эҷодкор буда, нисбат ба худ ва дигарон серталаб аст. Вай пайваста дониш, малака ва санъати сарварии худро такмил медиҳад, тибқи талаботи замон қадам мегузорад. Вай бо симои маънавии ибратомӯзи худ дар корхона, байни одамон обрӯю эътибори хуб дорад.

Менеҷер шахси хушхулқ, хушгап, ботаҳаммулу боандеша аст, ақидаҳояшро озодона ва рӯирост мегӯяд. Вай ба корҳои бегонагон баҳудаву беҳуда даxолат намекунад, аз мушкилоти кори худ шиква намесозад, дигаронро мавриди коҳиш қарор намедиҳад, хоксор аст, асло ба худнамоӣ роҳ намедиҳад, ҳурмати хеш ва атрофиёнро нигоҳ медорад, ки ин камоли одобу одамият аст.

Менеҷер шахсест, ки фаъолияти вай дар як корхона маҳдуд нагашта, шаҳру вилоят, ҷумҳур ва берун аз онро низ фаро мегирад. Пеш аз гуфтушунидҳои муҳим вай ба таври ҷиддӣ тайёрӣ мебинад, аз ҷумла суханаш кӯтоҳ, зебо, бамаврид, нишонрас, одоби муошираташ ба дараҷаи олӣ, либосаш зебову шинам мебошанд.

Одоби либоспӯшӣ низ омили муҳими комёбии шахс аст. Либоси хуб нафақат табъро болида месозад, балки ҳосилнокии меҳнатро баланд менамояд. Хоса, барои менеҷер бо мақсади ба даст овардани муваффақият донистани одоби либоспӯшӣ ниҳоят муҳим мебошад. Менеҷер макон, замон ва мавриди либоспӯширо медонад. Чунончӣ, дар ҷои кор либос бояд хоксорона, дарзмолкардаю тоза бошад. Намуди зоҳирии менеҷер бояд корборӣ, ҷолиб, хушнамо, боэътимод бошад.

Илми менеҷмент чунин қоидаҳои интихоб ва одоби либоспӯширо барои менеҷерон ва аҳли меҳнати корхона тавсия менамояд:

*1. Ҳангоми вохӯрӣ пӯшидани костюми якранг, галстук ва куртаи сафед мувофиқи мақсад аст.*

*2. Либоси кор набояд ранги баланди сурх, кабуд, сабз ё зард бошад.*

*3. Костюми якрангро бояд бо куртаи якранг пӯшид, на бо куртаи катак ё ду-*

*ранга.*

*4. Костюми катакро фақат бо куртаи якранга бояд пӯшид.*

*5. Костюми кабуд бо куртаи якранги осмонӣ ва галстук зебанда аст.*

*6. Интихоби куртаи пахтагин ё омехтаи пахта мувофиқи мақсад аст.*

*7. Куртаи сафед ва якранга қариб ба ҳамаи костюм ва галстук мувофиқ меояд.*

*8. Хуб мешуд, ки менеҷер куртаи сурх, сабз ё зард напӯшад.*

*9. Куртаҳои кисаи зиёдатӣ ва нишондошта мувофиқи матлаб нестанд.*

*10. Галстук бояд бо курта ва костюм мувофиқ, он якранг ё гулчаҳои майда дошта бошад.*

*11. Шимро мувофиқ бо пойафзол бояд пӯшид.*

*12. Пойафзоли сиёҳ, каҳваранг қобили қабул аст.*

*13. Шарфи пашмин ё пахтагин бо палто бояд мувофиқ бошад.*

*14. Чатр ранги сиёҳ дошта бошад.*

*15. Қалам барои навиштан хушнамуд бошад.*

*16. Ҷӯроб бояд ранги торик дошта, ба пой калон набошад.*

*17. Даструмол бояд пахтагин бошад.*

*18.. Миёнбанд бо шим ва бо ранги тира мувофиқ бошад.*

*19. Соат бе ороиши зиёдатӣ ва мувофиқ ба соатбанд бошад.*

*20. Айнакро бояд вобаста ба андозаи рӯй интихоб кард.*

*21. Мӯйро мувофиқи шакли сар бояд нигоҳ дошт, кӯтоҳ, ботартиб будани он матлуб аст.*

*22. Мӯйлаб мондан мумкин, агар он зебанда бошад, дар акси ҳол шарт нест.*

*23. Атриёт, мушк бояд хушбӯй ва гуворо бошанд.*

Одобу маданияти идоракунӣ барои ҳосилнокии меҳнат дар истеҳсолот таъсири калон мерасонад. Он якҷоя бо дигар омилҳо барои ҳаллу фасли самаранoки масъалаҳо ва беҳбудии идоракунии корхона нақши муҳим дорад. Яке аз омилҳои муайянкунандаи он ахлоқи касбӣ ва одоби муошират аст. Ахлоқи касбӣ кулли талаботу ӯҳдадориҳои муайян, қоидаҳо ва меъёрҳои рафторро, ки дар робита ва муносибатҳои тарафайни кормандон дар раванди меҳнат ба миён меоянд, фаро мегирад. Онҳо ба меъёру талаботи маънавӣ, қонуну қоидаҳои ахлоқ, ки бо мафҳумҳои адлу инсоф, қарз, виҷдон, обрӯю эътибор ва ғайра алоқамананд, вобаста мебошанд. Маҳз дар одоби муошират ахлоқи касбӣ ифодаи амалии худро дарёфт мекунад.

Илми менеҷмент як қатор қоидаҳои зерини одоби муоширатро барои соҳибкор, корчаллон, менеҷер тавсия менамояд:

1. Пеш аз мурочиат ба касе, аввалан салом бояд гуфт (тибқи мақоли халқ – «аввал салом, баъд калом»). Одатан мард ба зан, хурд ба калон, мансабдори зинаи поён ба мансабдори болоӣ аввал шуда салом мегӯянд. Ҳамкорон бо якдигар аз рӯи ному насаб мурочиат менамоянд. Ҳангоми вохӯрӣ ба одамони ношинос аввалан бояд худро муаррифӣ кард, ё ки инро шахси ташкилдиҳандаи вохӯрӣ анҷом мепазирад.

2. Роҳбар дар раванди кор аз рӯи ҳуқуқ ва аҳду вазифаҳояш бояд фаъолият

намояд. Менеҷер бояд бо ҳамаи коргарон муносибати якхела, холисона дошта, дар ҳама гуна ҳолат рафтори мувофиқу муносиб намояд. Менеҷер одамонро ба дафтари кориаш тибқи вақту речаи муайян бояд қабул намояд. Дар ҳолате, ки дар утоқи роҳбар шахсе ҳузур дорад, ба он ворид шудани корманд манъ аст.

Одатан роҳбар серкор аст, вақташ маҳдуд, бино бар ин, ҳангоми вохӯрӣ бо ӯ шартҳои зеринро бояд ба инобат гирифт:

*а) масъаларо ба таври кӯтоҳ, моҳиятан ва боэътимод бо далелу бурҳон баён кардан;*

*б) ба ғайбати касе роҳ надодан;*

*в) калимаи «ман»-ро кам истифода намудан;*

*г) бо ҳамсӯҳбати худ бо эҳтиром ва эҳтиёткорона сухан кардан;*

*ғ) ҳангоми гуфтугӯ ба чашми ҳамсӯҳбат нигариста, сухан кардан.*

Одоби гуфтугӯ бо телефон низ шарту қоидаҳо дорад:

1. Дар ибтидои гуфтугӯ бояд худро муаррифӣ намуд, ному насаб ва ҷои корро баён кард.
2. Сухан бояд пурмазмун, оромона бошад.
3. Гуфтор бояд кӯтоҳу саҳеҳ, бевосита алоқаманди кору бори корхона бошад.
4. Дар ҳузури дигарон гуфтугӯи шахсӣ номатлуб аст.
5. Ҳангоми сӯҳбат, агар хатти телефон вайрон шавад, шахси зангзада аз нав алоқаро барқарор месозад.
6. Гуфтугӯи телефониро шахси зангзада ба анҷом мерасонад.

Дигар фазилати менеҷер ин аст, ки нисбат ба атрофиён мутаваҷҷеҳ аст, сухану ақидаи онҳоро бо диққат гӯш карда, хуб фаҳмида метавонад. Сухани гӯяндаро асло намебурад, то охир мешунавад. Вай худ низ одоби суханро хуб медонад, сухандону суханвар аст. Бо лутфу нармӣ, бо тамкин, фаҳмову дастрас сухан мегӯяд. Суханаш пурмазмуну асоснок, бомантиқ, таҷҷасуми ҳақиқат аст. Пеш аз маърӯза, баромад, аввалан матни онро мулоҳиза карда менависад, пухтаву суфта месозад, аз мавзӯъ дур намеравад, калимаҳои мушкилфаҳм ё зиёдатиро истифода намебарад. Сипас, ба танҳоӣ, назди оина тариқи гуфтугӯ бо худ, бо овози шунаво машқ мекунад. Дар вақти баромад дар назди шунавандагон бо чеҳраи кушод, табиӣ, зебо, бидуни ҳаракатҳои зиёдатӣ, ба таври боварибахш ва кӯтоҳ сухан мегӯяд, дар рафти он гоҳо барои ҳушҳол кардани шунавандагон суханҳои шӯхиомезро низ истифода менамояд.

Барои менеҷер донистани ахлоқи касбӣ, аз ҷумла риояи одоби сухан дар мулоқот, хоса вохӯриҳои расмӣ аҳамияти калон дорад. Аз рӯи гуфтор маърифат, одобу ахлоқ, ҷаҳонбинӣ, маданияти шахс муайян мегардад. Сухан ҳамеша бояд бамаврид, пурмазмуну бомантиқ, оҳангу талаффузи хубу зебо дошта бошад. Дар рафти сӯҳбат гуфтори касеро буридан ё фикри сухангӯро қатъиян рад намудан номатлуб аст. Натиҷаи сӯҳбату гуфтушунид, ҳаллу фасли масъалаҳо, ба даст овардани ҳадафу мақсад аз риояи қоидаҳои одоб ва санъати сухан бисёр вобаста аст.[1]

Ҳамин тавр, ҷомеаи инсонӣ ҳар қадар пеш равад, муносибатҳои гуногуни

он тараққӣ ёбанд, ҳамон андоза ба омилҳои маънавӣ, аз ҷумла ба танзими ахлоқ ниёзманд мегардад. Дар ҳама касбу кор, пешаву ҳунар риояи шартҳои бунёдии маънавӣ, қоидаҳои услубу одоб ва санъати муошират аз омилҳои муҳими равнаку ривоҷ ва эътибори он маҳсуб меёбад.

**Адабиёт:**


1. Абуалӣ ибни Сино «Тадбири манзил» // Осори мунтахаб. Душанбе, 1982.
2. Абубакр Закариёи Розӣ «Мунтахаби осор». Душанбе, 1989.
3. Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ «Кимиёи саодат», ҷ. 1–2. Душанбе, 2008.
4. Гусейнов А. А. Апресян Р. Т. «Этика». М., 1998.
5. Крементсова О. В. «Одоби муошират», 1985.
6. Насириддин Тӯсӣ «Ахлоқи носирӣ». Душанбе, 2009.
7. Расул Ҳодизода «Ахлоқ ва ҷомеа». Душанбе, 2008.
8. Унсурмаолии Кайковус «Қобуснома». Душанбе, 1977.
9. Шоихтиёров Х. «Ахлоқи муносибатҳои расмӣ (корӣ)». Душанбе, 2006.
10. Ғаниев Т. Б. «Менеҷмент», қисми 1. Душанбе, 2004.
11. Ҳусайн Воизи Кошифӣ «Футувватномаи султонӣ». Душанбе, 1992.


***Турсунов Ф. А.,***
***к.ф.н., доцент***

# К ВОПРОСУ ОБ ЭТНИЧЕСКОЙ ОБЩНОСТИ КАК САМОСТОЯТЕЛЬНОМУ СОЦИАЛЬНОМУ ФЕНОМЕНУ: функциональный и онтологический подход исследования

Этногенетические построения специалистов ведут историю этнонаций от верхнего палеолита, строя нынешней групповой идентичности на основе культурных различий к непрерывной исторической родословной. Для большинства обществоведов отправной категорией является понятие этноса, одна из многочисленных и схожих дефиниций которого следующая: «этнос – это исторически сложившаяся на определенной территории устойчивая совокупность людей, обладающая единым языком, общими чертами и стабильными особенностями культуры, психологии. Этносы становятся реальностью тогда, когда появляется ощущение внутригруппового единства в противопоставлении с другими, окружающими их общностями, т. е. формируется этническое самосознание... В современной науке этническая общность выступает как национальная общность, т. е. как более высокий и развитый тип этноса. Ибо этносы, возникнув еще в первобытном обществе, консолидируясь и развиваясь, представлены в мировой истории такими типами, как племя, народность, нация».

В последние годы термин «этнос» стал чрезвычайно популярен среди политиков и даже на обыденном уровне, в то время как в научном сообществе не только нет единства по поводу смысла данного понятия, но порой даже возникают сомнения в его состоятельности. Фактически отсутствуют общепризнанные концепции по самым фундаментальным категориям этнологического знания – этносу и этичности.

Как нам представляется, суть научной проблемы заключается в следующем: существует ли этнос (этническая общность) как самостоятельный социальный феномен, т. е. можно ли раскрыть сущность собственно «этнического», либо данное понятие есть изобретенный учеными артефакт, не имеющий сущностного соответствия. Вопрос же о наличии или отсутствии определенной сущности решается через поиск соответствующей субстанции, в данном случае субстанции этнической.

В ходе активной дискуссии о природе этничности произошла дихотомия на сторонников и противников идеи реальности этнической субстанции, сформировались два противоположных методологических подхода к этой проблеме.

Один из них представлен континиумом многочисленных «конструктивистских», «инструменталистских», «релятивистских», и других теорий, возникших на почве бихевиоризма и прагматистской философии. Общим для всех представителей указанного направления является признание ими отсутствия в природе этнической субстанции (либо ее игнорирование). В интересующем нас контексте данные концепции можно условно объединить термином «функциональный подход» – его адепты обращают внимание не на сущностные структуры этничности, а на внешние функциональные связи.

Например, Ф. Барт говорит о «ситуативной этничности» и акцентирует внимание на конструируемых культурных маркерах, определяющих границы между этническими группами; по его мнению; такие группы могут рассматриваться как своеобразные «сосуды», в которых границы играют главную роль по сравнению с «содержимым» (1). А. Коэн более радикален и видит в этнических конструктах политические инструменты в борьбе элит за материальные ресурсы. При этом представителям функционального подхода присущ взгляд на этничность как на интеллектуальную конструкцию. «Порождаемое на основе культурных различий чувство национальной (этнической) принадлежности и формулируемые в его контексте мифы, представления и доктрины, – пишет В. А. Тишков, – есть прежде всего результат целенаправленных действий интеллигенции и политиков...». В таком случае этнического само по себе не существует, этничность – целенаправленно культивируемая иллюзия, а этнос – «воображаемое сообщество», через членство в котором обретаются «убежище и комфортная ниша для человека в ситуации внешних вызовов и нестабильности социального пространства». В. А. Тишков подчеркивает: «Я не употребляю термин «этнос», потому что не знаю, что это такое. Есть этничность как комплекс чувств, основанных на принадлежности к культурной общности».

Было бы нелепым отрицать, что некоторые и даже весьма существенные элементы этничности подвержены социальному конструированию и различного рода манипуляциям. Этот момент схвачен в конструктивистской парадиг-

ме весьма удачно. Однако в целом, видимо, все гораздо более сложно и неоднозначно. При внимательном рассмотрении объяснение сложного социального феномена этничности в категориях перманентного ситуативного выбора (направляемого субъективной волей «конструкторов» – интеллигентов и политиков, а также желанием всех остальных получить дивиденды с этнической принадлежности) оказывается довольно односторонним и входит в противоречие с социальной практикой. Представители лагеря конструктивистов признают, что имеет место «сохраняющаяся неспособность понять историческую природу национализма и этничности во всей их сложности», и сами себе задают вопрос: «Почему все так жестоко ошиблись? Почему, в то время как по всем расчетам она должна была тихо умереть, политика культурного в смысле «этнического» самосознания вдруг с шумом возродилась во всемирном масштабе?».

Конструктивистские концепции не могут объяснить следующие характерные свойства этничности.

1. Атрибутивность. Этничность обнаруживает себя как атрибут личности – она может быть выраженной более или менее сильно, но есть у каждого. Нельзя жить вне этноса. Даже если человек сам себя провозглашает космополитом, в его уже сформированной личности непременно остаются неустранимые черты того народа, среди которого он родился и воспитан. Потомки этнических маргиналов неизбежно определяют себе одну этническую матрицу норм поведения (сами маргиналы остро чувствуют двусмысленность своего положения, угрожающую целостности личности, и всеми способами стремятся четко зафиксировать идентичность, вплоть до агрессивности и шовинизма). Все люди на Земле (по крайней мере, уже наверняка все перешагнувшие через порог цивилизации) распределены между народами-этносами.

2. Устойчивость. Этническое слишком глубоко укоренено в человеке и потому весьма устойчиво, существуя в известной степени независимо от внеэтнических социальных условий. Свидетельство тому – судьба цыган и евреев, столетиями не имевших собственной территории и даже возможности внутриэтнического общения. Более того, люди сохраняют (по «крайней мере» довольно длительное время) свою этничность и при изменении некоторых внешних этнических признаков. Можно сменить традиционную одежду на унифицированный европейский костюм и при этом в полной мере сохранять традиционное самосознание. Даже смена языка еще не означает немедленного разрушения этничности. К примеру из 7,6 млн. ирландцев всего мира на ирландском языке говорят только 600 тыс., но они не потеряли свою этническую идентичность.

Важно, что индивид может сменить классовую или сословную принадлежность, стать подданным другого государства, но этничность по своему желанию изменить невозможно. Разумеется, каждый человек может заявить о перемене этнической принадлежности, однако себя самого он не обманет – существует нечто не зависящее от субъекта, что может измениться только вследствие процесса ассимиляции, тем более длительного, чем глубже различия между народами.

3. Интенсивность. Многие авторы совершенно справедливо указывают на

«мощный эмоциональный заряд», связанный с этничностью, ее «непередаваемую значимость» и «неповторимую способность к принуждению». Интенсивность этнической детерминации обычно так высока, что этничность может быть объяснена скорее в категориях иррациональности, чем как «репертуарная роль, сознательно и заинтересованно рассчитанная и избранная индивидуумом или группой». Очевидно, что стремление отстоять «свой обычай» от чужеземцев самоценно, а люди и тысячелетия назад воевали отнюдь не только за «рынки сбыта и источники сырья»: «Уж лучше тогда мне, великий творец, / На поле сражения встретить конец! / О, только б глазам не увидеть моим. Что изгнан родной мой обычай чужим. / Умру, коль победа судьбой не дана, / Ведь жизнь побежденного смерти равна». Жизнь подтверждает правоту тезиса Р. Дебре: *«Всякий раз, когда национальный инстинкт вступает в конфликт с интернациональным сознанием, он демонстрирует значительно большую силу»*.

Мнение, альтернативное функциональному подходу и учитывающее указанные свойства этничности, чаще всего определяется как «примордиализм». Модное ныне объединение под этой вывеской всех оппозиционных конструктивизму концепций (с зачислением в «единомышленники» Ю. В. Бромлея и Л. Н. Гумилева) выглядит несколько искусственным. В то же время они могут быть условно сведены в одно направление – «онтологический подход», предполагающий существование этнической субстанции.

В рамках теории этноса, разработанной отечественной этнографической школой, существование собственно этнической субстанции, по всей видимости, под вопрос не ставилось. Весьма показательным в этом плане стало введение Ю. В. Бромлеем таких понятий, как «этникос» и «этносоциальный организм» (ЭСО). Это имело фундаментальное методологическое значение, поскольку категория «этникос» позволяет хотя бы в подтексте ощутить присутствие искомой субстанции.

Вместе с тем следует отметить один существенный момент. В нашей этнографии акцент делался преимущественно на проблеме этнических признаков (так называемых этнических определителей) – внешних признаков этноса, правильное очерчивание которых якобы исчерпывает процесс его исследования. В их число обычно включались какие-либо признаки из следующего списка: территория, общность происхождения, государственная принадлежность, экономические связи, антропологические особенности, язык, культура, особенности психического склада, этническое самосознание (13, 98).

В итоге так и остался без ответа вопрос: «что есть собственно этническое?». Речь всегда шла о целом комплексе социальных характеристик, каждая из которых изучалась отдельно. Но с разных сторон описать нечто не значит это нечто объяснить, а перечисление признаков – это и есть лишь поверхностное описание феномена. К тому же исследование самих этих признаков уводит исследование в сторону феноменологии совершенно самостоятельных явлений – языка, культуры и т. п. – с собственными сущностными соответствиями. Тем самым наличие у этнического своей сущности вроде бы подразумевается, но она без остатка раскладывается на другие сущности. Этносы понимаются как разновидности человеческих общностей, складывающиеся из целого ряда атрибутов (язык, культура, психический склад, самосознание, самоназвание: некоторые исследователи добавляют сюда еще эндогамию). Здесь нет только одного – самой этнической субстанции по сути даже не ставится вопрос, откуда вообще

взялось «этническое», из каких потребностей и сторон жизнедеятельности людей оно возникло, какова присущая только ему природная функция?».

Западные примордиалисты (К. Гирц, Х. Айзеке), как правило, более четко указывают на присутствие в человеке неких сущностных, примордиальных этнических структур. Основные усилия при этом направляются на поиск тех объективных условий филогенеза, которые могли сформировать такие структуры. Наиболее характерной и развернутой выглядит концепция П. Ван ден Берге, который видит в этничности результат эволюционного развития расширенных кровнородственных групп, в процессе которого связи, родства постепенно размывались и становились большей частью уже фиктивными. Такой подход в общих чертах разделяется рядом зарубежных и отечественных ученых. Так, И. Ю. Заринов, определяя исторические рамки феномена этничности между протоэтносом – племенем и постэтносом – нацией, указывает, что этнические популяционные связи пришли на смену жестким кровнородственным в процессе перехода от родоплеменной формы организации общества к политической. В. П. Торукало (вслед за В. В. Марханиным) развивает тезис о биосоциальности, которая понимается ею в плане «синтеза биологического и социального» в том смысле, что этнос – это результат снятия биологического социальным в процессе его становления и последующей эволюции как органически целостной системы.

Думается, факт связи этничности с эндогамией можно считать очевидным и несомненным. В этой связи Т. Парсонс удачно характеризует этнос как «связанный с генетическим родством культурный феномен». При этом речь идет не только о проблеме происхождения этничности из кровного родства, но и о существовании реального (хотя порой и весьма расширенного, почти условного) популяционного единства внутри этнической общности. Эндогамия служит необходимым условием существования этноса – «общность крови является связкой, закрепляющей естественную прочность нации в смысле «этноса». Каким бы путем ни возникал новый народ, он всегда становится эндогамной группой с брачными ограничениями, формирующими этнопопуляцию. Кровное родство оказывается также решающим индикатором индивидуальной этнической принадлежности: даже при полном усвоении чужого языка и всесторонней адаптации к культурному фону инкорпорировавшийся индивид никогда не сможет обрести полное этническое самосознание, если он знает об иной принадлежности своих родителей. Инкорпоранты полноценными этноформами не признаются, а их дети ассимилируются только после «карантина», когда происхождение уже забывается (обычно после третьего поколения).

Из сказанного выше следует вывод: этническая субстанция существует в самом человеке как «нечто», для воспроизводства которого в числе прочего почему-то необходимо популяционное единство.

### *Литература:*


1. Абдулатипов Р. Г. «Природа и парадоксы национального «Я». М., «Мысль», 1991, 173 с.
2. Абдулатипов Р. Г. «Человек. Нация. Общество». М., «Мысль», 1991, 224 с.
3. Агаев А. Г. «Нация, ее сущность и самосознание». «Вопросы истории», 1967, с 87–104.
4. Антипова А. М. «Этнос как наследие этнокогнитологии», вып. 2. Отв. ред. Э. А. Чамокова. М., Российский НИИ культурного и природного наследия, 1996, с. 31–39.
5. Понятия «Этническая общность», «Этнос». 1456 с.
6. Гумилев Л. Н., Иванов К. П. «Этнические процессы: два подхода к изучению». «Соци-

ологические исследования», 1992, с. 50–57.
7. Дробижева Л. М. «Историческое самосознание как часть национального самосознания народов». «Традиции в современном обществе». М., «Наука», 1990, с. 226–233.
8. Моногарова Л. Ф. «Эволюция национального самосознания припамирских народностей». «Этнические процессы у национальных групп Средней Азии и Казахстана». М., «Наука», 1980, с. 125–135.
9. Тишков В. А. «Этничность, национализм, в постсоветском пространстве» // «Вопросы социологии», 1993, т. 1, 2. с 3–38.
10. Хабибуллин К. Н. «Этническое самосознание в современных национальных движениях России». «Этничность. Национальные отношения. Социальная практика». Сборник статей. СПб., ТОО ТК «Петрополис», 1995, с. 178–193.
11. Brass P.R. Ethnicity and Nationalism: Theory and Comparison. New Dehli, London, 2005.
12. Glazer N. The Universalization of Ethnicity. Peoples in the Boiling Pot. Encounter. L., 1999, v.44. 2.
13. Horowitz D.L. Ethnic identity, -In: Ethnicity: Theory and Experience Ed. by N. Glazer, D. P. Mognihan. Cambrige, Harvard University Press, 1992. P. 11–40.

***Бобоев С. С.,***
***н.и.с., дотсент,***
***Ғаффоров Н. У.,***
***докторанти ДМТ,***
***н.и.т., дотсент***

# ҶАДИДИЯ ДАР АДАБИЁТИ ШИФОҲИИ ХАЛҚ

Дар оғози садаи бист дар сарзамини тоҷикон ҷунбиши ҷадидия доман густурд ва дар байни мардуми авом боиси нақлу ривоят ва суруду қиссаҳои таърихӣ гардид. Адабиёти шифоҳӣ роҷеъ ба ҳаракати ҷадидия бори аввал аз ҷониби фолклоршиносони тоҷик солҳои 60-уми асри XX дар дафтару наворҳо сабт шуда буд. Дар таҳқиқи асарҳои фолклорӣ перомуни ҷадидия, азҷумла ҷадидони Бухоро, бахусус, хидмати фолклоршиноси номвари тоҷик Б. Шермуҳаммадов шоиста аст.

Бояд қайд кард, ки асарҳои таърихии фолклорӣ маҳсули эҷодиёту хаёлоти бадеии мардум буда, аз тавсифу муболиға, ташбеҳу истиораҳои пуробуранги анъанавӣ орӣ нестанд ва дар онҳо баъзан таҳрифи ҳаводису воқеаҳо мушоҳида мегардад. Ба шаҳодати устод Садриддин Айнӣ муфтию мулло, мударрисони иртиҷоъпараст, қозӣ, раис ва дигар амалдорони амир ҷадидро ин гуна таъриф медоданд: *«Ҳар касе ки гиребони куртааш тугмадор бошад, ҷадид аст; ҳар касе ки дар тани худ камзӯл дошта бошад, ҷадид аст; ҳар касе, ки камзӯли сиёҳ дошта бошад, ҷадид аст; ҳар касе, ки ришашро қадре кӯтоҳ карда, мӯйлабҳояшро дарозтар гузошта бошад, ҷадид аст; ҳар касе, ки ҳар касе, ки писаращро барои хонондан дар мактабҳои нав дода бошад, ё ин ки барои хондан дар мактабҳои нав дода бошад, ё ин ки барои хондан ба Русия ва ё Истамбул фиристода бошад, ё ки худаш газета хонда бошад, ё ин ки*

